ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ
КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ

Ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва 40 солагии таъсисёбии кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
бахшида мешавад

# МАСЪАЛАҲОИ МУНОСИБКУНИИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲО ДАР БАХШИ СОҲИБКОРӢ

Душанбе
«ЭР-граф»
2021

ББК 67.91.(2Т)
К-51

**Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ.** Дастовардҳо ва пешбурди корҳои илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар солҳо 2016-2020. Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш. Душанбе: «Эр-граф», 2021. - 352 саҳ.

**Мураттибон:**

**Раҳимзода М.З.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Сангинов Д.Ш.** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Зайнидинов Ф.А.** – ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Муқарризон:**

**Ғаюров Ш.К.-** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Меликов У.А.** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисоди байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

ISBN 978-99975-71-66-3

©Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, 2021

## МУНДАРИҶА

Муқаддима …………………………………………………………........... 5

Реферат …………………………..………………………………………......7

**Сангинов Д.Ш.** Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми хизматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 1)……………………….......13

**Бозоров Р.Б.** Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши сармоягузорӣ (Фасли 2) ……………………………………….............30

**Мирбобоева Р.** Ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ ба тамғаи молӣ ва чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ғайриқонунӣ истифодабирии тамғаҳои молӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 3)…………………………………….................44

**Мирзозода П.З.** Танзими ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ (Фасли 4)....………………………......52

**Кабутов Э.Д.** Мушкилоти танзими шартномавӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 5)……............................72

**Ризоева С.К.** Проблемаҳои танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои граждании соҳибкорони инфиродӣ оид ба иттилоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 6)..…………………….....79

**Хоҷаева Р.М.** Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми фаъолияти баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 7)...90

**Саъдиев И.З.** Маълумоти умумӣ оид ба муносибатҳои соҳибкори дар соҳаи ҷустуҷӯ, баҳодиҳи ва истихроҷи нафту газ (Фасли 8)…..............96

**Шарифов И.М.** Мафҳум ва моҳияти соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 9)....……………………………………….............113

**Раҳимзода М.З.** Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ (Фасли 10)……....................124

**Ғафурзода А.Д.** Илми ҳуқуқи молия (Фасли 11)……….………….......131

**Бобокалонов Ғ.М**. Илми ҳуқуқи меҳнатӣ (Фасли 12)………………......140

**Муминзода Н.И.** Танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 13)……...……..............144

**Мавлоназаров О.А.** Ҷанбаҳои ҳуқуқии рекламаи муносиб ва номуносиб (Фасли 14)........................................................................157
**Исмонализода (Сангов) С.И.** Воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ (Фасли 15)…...............................................................................164
**Шабонов Ш.С.** Сохтумони роҳҳои автомобилӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ (Фасли 16)……........……………….....................182
Каримов Х. С. Сарватҳои асъорӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ (Фасли 17)..................................................................................187
**Азамқулов Ф.Ҳ.** Ҳолати ҳуқуқии коопретивҳои тиҷоратӣ
(Фасли 18)..................................................................................197
**Раҷабзода Х.С.** Ҳолати ҳуқуқии андозсупоранда (Фасли 19)………..201
**Пирзода П.З.** Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (Фасли 20)….............…....…………….…..….205
**Қодиров Б.Б.** Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 21)........221
**Ҷаборов Д.А.** Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон . (Фасли 22)..........................................................234
**Масиев У.О.** Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли 23)..………………………247
**Хулоса**……………………………………………………...…………….258
**Рӯйхати маводи чопшудаи устодони кафедра оид ба мавзӯи «Танзими шартномавӣ ва иҷроиши ӯҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ» дар давраи ҳисоботии солҳои 2016-2020**……………………….…………262
**Рӯйхати рисолаҳои ҳимояшуда дар заминаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар давраи ҳисоботӣ** …………………….……..350

# МУҚАДДИМА

Кафедраи соли 1981 бо номи кафедраи қонунгузории хоҷагӣ ва ҳуқуқи меҳнатӣ ташкил карда шуд, ки сарварии онро Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор В.А. Ойгензихт бар ӯҳда дошт. Соли 1991 бо назардошти дигаргуниҳои куллӣ кафедраи мазкур бо номи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ тағйири ном кард. Ҳамон вақт дар кафедра ҳамагӣ як доктор, профессор, се номзадҳои илми ҳуқуқ, дотсентон, як муаллими калон ва ду ассистент кор мекарданд. Саравариии кафедраро дар давраҳои гуногун докторҳои илм, профессорон В.А. Ойгензихт, Ш.М. Исмоилов, М.З. Раҳимов ва дотсент Н.Шонасриддинов бар ӯҳда доштанд. Аз 28 феврали соли 2012 инҷониб сарварии кафедраро профессор Д.Ш. Сангинов ба ӯҳда дорад.

Айни замон дар кафедра 4 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, 7 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсентон, 3 муаллими калон, 7 ассистент фаъолият мекунанд.

**Объекти тадқиқоти илмӣ** – назария, ақида ва нуқоти назари илмӣ-назариявӣ оид ба танзими шартномавӣ ва иҷроиши ӯҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ, инчунин масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ.

**Мақсади тадқиқоти илмӣ** – тадқиқи проблемаҳои назария ва амалияи танзими шартномавӣ ва иҷроиши ӯҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ ва дар ин замина коркарди хулосаҳои асосноки илмӣ, таклиф, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ.

Дар давраи ҳисоботӣ (2016-2020) кори илмӣ-таҳқиқотии кафедра дар 23 фасл зери роҳбарии мудири кафедра, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш. (Фасли 1) бо иштироки доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бозоров Р.Б. (Фасли 2), номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирбобоева Р.В. (Фасли 3), номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. (Фасли 4),

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Кабутов Э.Д. (Фасли 5), номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ризоева С.К. (Фасли 6), муаллими калон Хоҷаева Р.М. (Фасли 7), номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистент Саъдиев И.З. (Фасли 8), муаллими калон Шарифов И.М (Фасли 9), доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. (Фасли 10), доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. (Фасли 11), номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобокалонов Ғ.М. (Фасли 12) муаллими калон Муминзода Н.И. (Фасли 13), номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мавлоназаров О.А. (Фасли 14), ассистент Исмонализода (Сангов) С.И. (Фасли 15), ассистент Шабонов Ш.С. (Фасли 16), ассистент Каримов Х.С. (Фасли 17), ассистент Аъзамқулов Ф.Ҳ. (Фасли 18), ассистент Раҷабзода Х.С. (Фасли 19) аспирант Пирзода П.З. (Фасли 20), унвонҷӯ Қодиров Б.Б. (Фасли 21), унвонҷӯ Ҷаборов Д.А.(Фасли 22), унвонҷӯ Масиев У.О. (Фасли 23) пеш бурда шуд. Муаллифони ҳар як фасл дар ин мӯҳлат ба дастоварҳои назаррас ноил гардиданд, ки боиси пешрафти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявии кафедра гардид ва маводҳои чопнамуда дар ҷараёни таълим тадбиқ шуданд.

Дар давоми панҷ соли фаъолият дар заминаи кафедра 1 конфронси байналмилалӣ (соли 2018), 3 конфронси ҷумҳуриявӣ (2017, 2018, 2020), 5 конфронси донишгоҳӣ (2016-2020), 4 семинари илмию назариявии ҷумҳуриявӣ, 1 мизи мудаври ҷумҳуриявӣ баргузор карда шуд, ки маводҳои ин ҳамоишҳо чоп карда шудаанд.

Дар солҳои 2016-2020 7 нафар устодони кафедра ба нишони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 нафар ба медали хизмати шоиста сазовор дониста шудаанд.

Дар панҷ сол 12 нафар устодони кафедра аз такмили ихтисос гузашта, дипломро сазовар гардиданд.

## РЕФЕРАТ

**Калимаҳои асосӣ:** танзими шартномавӣ, иҷроиши ӯҳдадориҳо, бахши соҳибкорӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, бахши сармоягузорӣ, тамғаи молӣ, таъмини сифат, бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ, танзими шартномавӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои граждании соҳибкорони инфиродӣ оид ба иттилоот, фаъолияти баҳодиҳӣ, истихроҷи нафту газ, соҳибкории хурд, илми ҳуқуқи соҳибкорӣ, илми ҳуқуқи молия, илми ҳуқуқи меҳнатӣ, хизматрасониҳои таълимӣ, рекламаи муносиб ва номуносиб, воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, сохтумони роҳҳои автомобилӣ, сарватҳои асъорӣ, коопретивҳои тиҷоратӣ, андозсупоранда.

**Объекти тадқиқоти илмӣ** – назария, ақида ва нуқоти назари илмӣ-назариявӣ оид ба танзими шартномавӣ ва иҷроиши ӯҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ, инчунин қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ мебошад.

**Мақсади тадқиқоти илмӣ** – тадқиқи проблемаҳои назария ва амалияи танзими шартномавӣ ва иҷроиши ӯҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ ва дар ин замина коркарди хулосаҳои асосноки илмӣ, таклиф, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ аст.

**Услуби тадқиқоти илмӣ** – тадқиқоти илмӣ дар мавзӯи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ бо истифода аз услуби умумиилмии диалектикии дарки воқеият, инчунин услубҳои хусусӣ-илмии таърихӣ, оморӣ, мантиқӣ, сотсиологӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра анҷом дода шуд.

**Натиҷаи тадқиқоти илмӣ ва навгонии он.** Устодони кафедра, ки ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ҷалб шуда буданд, якчанд хулосаю пешниҳодоти нави илмӣ, инчунин таклифу тавсияҳои судманди назариявӣ-амалӣ кор карда баромаданд, ки дар мақолаю рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, монографияҳо ва васоитҳои таълимӣ инъикос шуда, дар маърӯзаҳои илмиашон дар конфронсу семинарҳои илмӣ-

назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳӣ иброз шудаанд.

**Дараҷаи татбиқ ва самаранокии он.** Дар давраи ҳисоботӣ 8 рисолаи номзадӣ ва 2 рисолаи докторӣ ҳимоя карда шуд, аз ҷумла ассистентон ва унвонҷӯёни кафедра Мавлоназаров О.А. (2017), Пирзода П.З. (2018), Саъдиев И.З. (2019), Қодиров Б.Б. (2020), Мумин-зода Н.И. (2020), Ҷаборов Д.А. (2020), Шарифов И.М. (2020), Масиев У.О. (2020) рисолаҳои номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Бозоров Р.Б. (2018) ва мудири кафедра Сангинов Д.Ш. (2020) рисолаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносиро дифоъ намуданд.

**Соҳаи татбиқнамоӣ.** Таклифу тавсияҳои амалии аз ҷониби устодон коркардашуда, ҷиҳати омоданамудани лоиҳаҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ», «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», «Дар бораи ҳимояи рақобат», «Дар бораи сайёҳии дохилӣ», «Дар бораи моратория ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ», «Дар бораи ҳунармандӣ», «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», «Дар бораи сайёҳӣ», «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» пешниҳод гардиданд.

Устодони кафедра дар мониторинги риояи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи молияи давлатии ҶТ», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» иштирок намуданд.

**Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон**. Дар баробари фаъолият дар самти таълим ва илм устодони кафедра ҳамчун вазифаи тарбиявии худ ба ташвиқу тарғиби арзишҳои конститутсионӣ пайваста машғул буданд. Дар заминаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, № 253 «Оид ба тасдиқи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» устодони кафедра дар зиёда аз 100 барномаҳои телвизионӣ ва радиоӣ ширкат намудаанд. Инчунин устодони кафедра ҳамчун коршиносони Комиссияи марказии интихобот ва райпурсӣ дар соли 2020 дар интихоботи мақомоти намояндагӣ ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуда, дар шаҳру ноҳияҳои кишвар баҳри ташвиқу тағиби интихобот сафар намуданд.

**Самаранокии фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ самарнокии корҳои илмию тадқиқотии кафедра дар ҳимояи 10 рисолаи илмӣ, 8 рисолаи номзадии илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва 2 рисолаи доктори илмҳои хуқуқшиносӣ, нашри 543 маводи чопӣ, аз ҷумла 9 китоби дарсӣ, 64 монография, 14 воситаи таълимӣ, 52 барномаи таълимӣ (дастури методӣ), 404 мақолаҳои илмӣ, ки бевосита дар раванди таълим истифода мешавад, зоҳир мегардад. Дар ин давра фанҳои нави таълимии ба талаботи давлат мувофиқ бавуҷуд омаданд: Ҳуқуқи варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқи фарҳангӣ, Танзими ҳуқуқии бехатарии ва сифати мол, кор ва хизмат.

# РЕФЕРАТ

**Ключевые слова:** договорное регулирование, исполнение обязательств, предпринимательская сфера, социальные и культурные услуги, инвестиционный сектор, товарный знак, обеспечение качества, безопасность товаров, работ и услуг, договорно-правовое регулирование предпринимательской деятельности, защита информационных прав индивидуальных предпринимателей, оценка, добыча нефти и газа, малый бизнес, наука о предпринимательском праве, наука о финансовом праве, наука о трудовом праве, образовательные услуги, соответствующая и несоответствующая реклама, средства исполнения обязательств, строительство автомобильных дорог, валютные ценности, коммерческие кооперативы, налогоплотельшик.

**Объектом научного исследования** являются теория, мнение и научно-теоретическая точка зрения на договорное регулирование и исполнение обязательств в сфере предпринимательства, а также законодательство, регулирующее отношения в сфере предпринимательства.

**Целью научных исследований** является изучение проблем теории и практики договорного регулирования и исполнения обязательств в сфере предпринимательства и на этой основе разработка обоснованных научных выводов, предложений, предложений и практических рекомендаций по дальнейшему совершенствованию механизма правового регулирования отношений в сфере предпринимательства.

**Метод научного исследования** - научное исследование по вопросам правового регулирования отношений в сфере предпринимательства с использованием общенаучного диалектического метода познания действительности, а также частных научно-исторических, статистических, логических, социологических, сравнительно-правовых методов.

**Результаты научного исследования и его новизна.** Преподавателями кафедры, занимающимися научно-исследовательской деятельностью, разработан ряд новых научных выводов и рекомендаций, а также полезных теоретических и практических предложений, которые отражены в научных статьях, диссертациях, учебниках, монографиях, учебных пособиях и в их научных отчетах каторые изложаны в научно-теоретические и научно-практические международных, республиканских и университетских конференциях и семинарах.

**Степень реализации и эффективности.** За отчетный период защищено 8 кандидатских и 2 докторских диссертации, в том числе ассистенты и соискатели кафедры Мавлоназаров О.А. (2017), Пирзода П.З. (2018), Саъдиев И.З. (2019), Кодиров Б.Б. (2020), Муминзода Н.И. (2020), Джаборов Д.А. (2020), Шарифов И.М. (2020), Масиев У.О. (2020) защитили диссертации кандидата юридических наук, доцент Бозоров Р.Б. (2018) и заведующий кафедрой Сангинов Д.Ш. (2020) защитили диссертации доктора юридических наук.

**Область реализации.** Практические предложения и рекомендации, разработанные учителями, были представлены для подготовки проектов Трудового кодекса Республики Таджикистан, Законов Республики Таджикистан «Об инвестициях», «О адресной социальной помощи», «О платежных услугах и платежной системе», «О защите конкуренции», «О внутреннем туризме», «О мораторий на проверки хозяйствующих субъектов в производстве», «О ремеслнечестве», «О государственных услугах», «О туризме», «Об оценочной деятельности».

Преподаватели кафедры участвовали в монитореноге соблюдения законов Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», «О государственных финансах», «О ликвидации кредитных организаций», «О рынке ценных бумаг», «О

свободных экономических зонах», «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности».

**Повышение правосознания граждан.** Наряду с деятельностью в области образования и науки преподаватели кафедры в качестве воспитательной задачи постоянно занимались пропагандой конституционных ценностей. На основании Постановления Правительства Республики Таджикистан от 29 апреля 2009 года № 253 «Об утверждении Программы правового образования и обучения граждан Республики Таджикистан на 2009-2019 годы» преподаватели кафедры приняли участие более чем в 100 теле- и радиопрограммах. Преподаватели кафедры в качестве экспертов Центральной комиссии по выборам и референдумам в 2020 году активно участвовали в выборах представительных органов власти и выборах Президента Республики Таджикистан, а также выезжали в города и районы страны для продвижения выборов.

**Эффективность исследовательской деятельности.** За отчетный период эффективност научно-исследовательской работы кафедры выражанно в 10 защищоных диссертациях - 8 кандидатских диссертаций и 2 докторских диссертации, опубликованных 543 публикации, в том числе 9 учебников, 64 монографии, 14 учебных пособий, 52 учебных програм (методических пособий), 404 научная статья, которые используются непосредственно в учебном процессе. В этот период были созданы новые учебные дисциплины в соответствии с требованиями государства: Спортивное права Республики Таджикистан, Медиценское право Республики Таджикистан, Культурное права, Правовое регулирование безопасности и качества товаров, работ и услуг.

# ФАСЛИ 1

## Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми хизматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосир ба ташаккули низоми нави муносибатҳои байни шаҳрвандон ва давлат алоқамандӣ дорад. Вазифаҳои асосии давлати ҳуқуқбунёди демократӣ таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаъну шарафи ӯ, инчунин таъмини шароити мусоид барои зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи шаҳрвандон мебошад.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.[1]

Бо ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар Тоҷикистон, пайдоиши навъҳои гуногуни хизматрасонӣ, ки онҳо ба талаботи рӯзмарраи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, инчунин давлат дахл доранд, зарурати таҳқиқи объективии он пеш меояд. Бо вуҷуди он ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши хизматрасонӣ ташаккул ёфтаанд, дар қонунгузории соҳаи соҳибкорӣ то ҳол таърифи қонунии мафҳуми «хизмат» амалӣ нагардидааст. Ин омил фаҳмиши ягонаи ин категорияи ҳуқуқиро дар назарияи ҳуқуқи соҳибкорӣ, татбиқи яксони меъёрҳои қонунгузории дахлдор дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ халалдор месозад. Дар чунин шароит омӯзиши мафҳум, мундариҷа, нишонаҳо, махсусиятҳо ва навъҳои хизмат мубрам мегардад.

Ташкили шароит барои зиндагии шоиста ва ташаккули озодонаи ҳар як шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе хизматрасонии иҷтимоию

---

[1] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005. – Душанбе, 2018. – Саҳ. 3.

фарҳангӣ ғайриимкон мебошад. Мувофиқи қисми 1-и моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд».[2] Дар Тоҷикистон тамоми чораҳо барои амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, иштироки озодона дар ҳаёти фарҳангию ҷамъиятӣ, эҷодиёти бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, истифода аз дастовардҳои онҳо, ҳуқуқ ба таҳсил, инкишофи варзиши оммавӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ андешида мешаванд. Ин ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз ҷониби давлат на танҳо ба тав-ри ройгон таъмин карда мешаванд, балки давлат ба шаҳрвандон имкони амалӣ намудани ҳуқуқҳои худро дар асоси шартномаҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Барои қонеъ намудани талаботи маънавӣ, зеҳнӣ ва нигаҳдошти муътадили фаъолияти рӯзмарраи шаҳрванд хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ равона гардидааст. Ин хизматрасониҳо воситаи ташаккули шахсият дар ҷомеа буда, ба инсон барои дарки фарҳанг ва арзишҳои умумиинсонӣ таъсир мерасонанд, ба бунёд ва ташаккули шароит, моҳият ва сифати ҳаёт, такмили ҳамаҷонибаи шахсият, инчунин рушди ҷомеа замина фароҳам меоранд.

Дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши тақвияти ниҳодии кишвар яке аз натиҷаҳои пешбинишаванда ин таъмини татбиқи яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон–ҳуқуқ ба зиндагии арзанда ва сифати зиндагӣ аз ҳисоби сиёсати бартараф намудани тафовутҳои минтақавӣ ва таъмин намудани аҳолии минтақаҳо ба дастрасии хизматрасониҳои муҳимми заминавӣ: маълумоти ибтидоӣ, хизматрасонии аввалияи тиббӣ, таъминот бо ҳама намудҳои захираҳои энергетикӣ ва оби нӯшокӣ ва ғайра дар тамоми манотиқи кишвар мебошад[3]. Аммо бе ҳалли мушкилоти ҳуқуқии соҳибкорӣ дар бахши хизматрасонии иҷтимоию

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – Саҳ. 45.

[3] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 декабри соли 2016, № 636. – Душанбе, 2017. – Саҳ. 46.

фарҳангӣ ноил шудан ба ин натиҷа ғайриимкон мебошад. Монеа барои рушди ин бахш проблемаҳои зерин мебошанд: механизми ҳуқуқии пешниҳоди кумаки давлатӣ ва имтиёзҳо ба субъектони амалисозандаи хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ коркард нашудааст; аз ҷониби қонунгузор мафҳум ва хусусиятҳои фарққунандаи хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ муайян нагардидаст; бунёди қонунгузории рақобат дар бозори хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ташаккул наёфтааст; механизми шарикии давлат дар бахши хусусӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ, аз ҷумла бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ мавҷуд нест; аз ҷониби субъектони хоҷагидор хизматрасониҳои иҷтимоию фарҳангие амалӣ мешаванд, ки онҳо аз ҷиҳати сифат ва бехатарӣ ба талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ нест ва ғ.

Бояд гуфт, ки рушди неруи инсонии давлатҳоро таҳлил намуда, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки: «Нишондиҳандаҳои рушди неруи инсонӣ аз се самти асосӣ – дастрасӣ ба таҳсилот, тандурустиву дарозумрӣ ва сатҳи шоистаи зиндагӣ иборат мебошанд. Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода карда, заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем».[4]

Мавҷуд набудани таҳқиқоти маҷмӯӣ оид ба ин навъи хизматрасонӣ ба рушди пурраи неруи инсонӣ дар Тоҷикистон монеа эҷод намуда, боиси номуназзамии ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар давлат мегардад.

---

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017 // URL: http://www.president.tj/ru/node/16772. (санаи муроҷиат: 20.02.2018).

Бо дарназардошти омилҳои зикрёфта зарурати омӯзиши маҷмӯии проблемаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Проблемаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун дар шакли таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Баъзе аз паҳлуҳои хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ аз ҷониби баъзе олимони ҳуқуқшиноси тоҷик И.Х. Бобоҷонов[5], А.М. Диноршоев,[6] А.В. Золотухин,[7] М.А. Маҳмудзода,[8] Ш.М. Менглиев,[9] З.К. Набиҷанова,[10] В.А. Ойгензихт,[11] М.З. Раҳимзода,[12] А.И. Сафарзода,[13] Б.А. Сафарзода,[14] Ш.Т. Тағойназаров,[15] Д.Д. Ҳошимов[16] ва дигарон таҳқиқ гаштааст:

---

[5] Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частноправовой анализ): дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 403 с.

[6] Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 189 с.

[7] Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2016. – 316 с.; Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[8] Маҳкам Маҳмудзода. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 саҳ.

[9] Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 696 с.

[10] Набиджанова З.К. Правовое регулирование предпринимательской деятельности на рынке медицинских услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 204 с.

[11] Ойгензихт В.А. Ибранные труды. – Душанбе: «Типография ТНУ», 2019. – 740 с.

[12] Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности; теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. –294 с.; Рахимов М.З. Исполнение хозяйственных обязательств: Встречное исполнение: учебное пособие. – Душанбе: Тадж. гос. ун-т, 1990. – 126 с.

[13] Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. – Душанбе: Сино, 2018. – 416 с.

[14] Сафарзода Б.А., Диноршоев А.М., Рахмон Д.С. Размышления о концепциях прав и свобод человека. – Душанбе, 2016. – 152 с.

[15] Тагайназаров Ш.Т., Бабаджанов И.Х., Бадалов Ш.К., Бабаджанов Дж.Б. Жизнь и здоровые человека: современные проблемы правовой ответственности. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 542 с.

[16] Хошимов Д.Д. Услуги в системе объектов гражданских прав. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 172 с.

Дар тадқиқот ва асарҳои илмии олимони ватании соҳаи иқтисод нуқтаҳои ба масъалаҳои ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ алоқамандро метавон дид[17].

Навъҳои алоҳидаи хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар тадқиқоти монографии олимони ҳуқуқшиноси хориҷӣ, аз ҷумла: А.В. Барков,[18] М.О. Буянова,[19] М.А. Волкова,[20] В.В. Кванина,[21] Л.В. Санникова,[22] Л.Б. Ситдикова,[23] Е.Г. Шаблова,[24] А.Е. Шерстобитов[25] ва дигарон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди он ки ба масъалаи омӯзиши хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ олимони зиёд таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, вале то ҳол дар Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммали фарогири ин мавзӯъ ба назар намерасад. Дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик то имрӯз оид ба масъалаҳои хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ таҳқиқот дар шакли рисола анҷом напазируфтааст, яъне онҳо дар шакли таҳқиқоти маҷмӯӣ баррасӣ нашудаанд. Тадқиқоти мазкур аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ барои рафъи мушкилоти мазкур дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик замина фароҳам меорад.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши танзими фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбанда, муносибатҳои

[17] Ниг.: Рахимзода Б.К. Развитие рынка платных услуг в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2016. – 162 с.; Табаров О.С. Проблемы обеспечения экономической безопасности рынка образовательных услуг: на материалах Республики Таджикистан: дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2011. – 146 с.

[18] Барков А.В. Рынок социальных услуг: проблемы правового регулирования: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2009. – 625 с.

[19] Буянова М.О. Социальное обслуживание граждан России в условиях рыночной экономики (Теоретико-правовой аспект): дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2003. – 325 с.

[20] Услуги социально-культурной сферы: теоретические и практические проблемы правового регулирования и судебной практики: монография / под ред. Волкова М.А., Стародумова С.Ю., Малолетко А.Н. и др. – М.: Изд-во «Галлея-Принт», 2016. – 270 с.

[21] Кванина В.В. Гражданско-правовое регулирование в сфере высшего профессионального образования в Российской Федерации: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2006. – 376 с.

[22] Санникова Л.В. Обязательства об оказании услуг в Российском гражданском праве: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2007. – 315 с.

[23] Ситдикова Л.Б. Правовое регулирование отношений в сфере оказания информационных и консультационных услуг в Российской Федерации: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2009. – 377 с.

[24] Шаблова Е.Г. Гражданско-правовое регулирование отношений возмездного оказания услуг: дис. ... д-ра юрид. наук. – Екатеринбург, 2003. – 363 с.

[25] Шерстобитов А.Е. Гражданско-правовая охрана прав потребителей: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1992. – 330 с.

байниҳамдигарии иҷрокунандагон ва истеъмолкунандагони ин навъи хизматрасонӣ ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** қонунгузории танзимкунандаи хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии давлат, таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ, инчунин фикру андешаҳои олимон вобаста ба ин мавзӯъ ташкил медиҳад.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии** таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гражданӣ, Кодекси тандурустӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи бахши иҷтимоию фарҳангӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқоти илмӣ омӯзиши муқоисавии татбиқи қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста ба мавзӯи баррасишаванда ба анҷом расонида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз коркарди асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ, асоснок намудани пешниҳод ва тавсияҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш иборат мебошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад зарурати ҳалли вазифаҳои зерин пеш меояд:

– таҳлили хизмат ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ;

– таҳқиқи муносибатҳои илмию методологӣ дар ташаккули мафҳумҳои «хизматрасонии иҷтимоӣ» ва «хизматрасонии фарҳангӣ»;

– муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ;

– таҳлил намудани рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ;

– асоснок намудани проблемаҳо ва меъёрҳои таснифоти хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ;

– тавсифи хусусиятҳои соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ;

– муайян намудани мафҳум ва муҳтавои шартномаи хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ;

– таҳлил намудани хусусиятҳои шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ;

– ошкор сохтани моҳияти шартномаи хизматрасонии тиббӣ;

– таҳқиқи тавсифи шартномаи хизматрасонии сайёҳиву экскурсионӣ;

– ошкор сохтани моҳияти шартномаи хизматрасонии таълимӣ;

– таҳқиқи аломатҳои фарқкунандаи шартномаи хизматрасонии тарбияи ҷисмонию варзишӣ;

– таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарии шартномавӣ дар бахши хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ;

– муайян намудани хусусиятҳои ҷавобгарии ичрокунанда аз рӯйи шартномаи хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ;

– ошкор сохтани ҷавобгарии истеъмолкунанда аз рӯйи шартномаи хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани мақсад ва аҳаммияти амалии ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ оид ба мавзӯи таҳқиқотшаванда.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методҳои умумиилмӣ ва хусусии илмӣ, ки имкони баррасии ҳамаҷониба ва маҷмӯи мавзӯъро фароҳам оваранд. Дар ҷараёни таҳқиқот барои арзёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши баррасишаванда методҳои тафсирии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба таври назаррас истифода шуданд. Таҳлили системавӣ имкони арзёбии самарабахшии воситаҳои танзими ҳуқуқиро дар бахши қонеъ намудани талабот ба хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ фароҳам овард. Тавассути методи таърихӣ раванди таърихии муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда таҳқиқ гардид. Методи амалисозии ҳуқуқӣ барои коркарди беҳтарин қолабҳои тадбирҳои

ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои таҳлилшаванда замина ба вуҷуд овард.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва ҳалномаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб меравaнд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зерин ташкил медиҳанд: Н.А. Ардашева, И.Х. Бобоҷонов, А.В. Барков, Н.А. Баринов, В.С. Белих, А.В. Белозеров, Р.Б. Бозоров, М.В. Болотина, В.А. Борченко, М.И. Брагинский, И.Б. Булатова, М.О. Буянова, Е.Е. Василева, Е.А. Величкина, А.Д. Ғафуров, Ш.К. Ғаюров, Е.П. Губин, А.М. Диноршоев, И.В. Ершова, А.Д. Жарков, С.Э. Жилинский, С.С. Занковский, М.Л. Захаров, А.В. Золутухин, Ш.М. Исмоилов, А.Ю. Кабалкин, В.В. Кванина, Ф. Котлер, Н.Ф. Максютин, К. Маркс, В.С. Мартемянов, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш.М. Менглиев, Ҷ.С. Муртазоқулов, Ф.М. Нодиров, С.А. Наумова, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, О.Н. Содиқов, Л.В. Санникова, А.И. Сафарзода, Л.Б. Сиддиқова, Т.И. Султонова, Д.И. Степанов, Е.А. Суханов, Ш.Т. Тағойназаров, А.Е. Шерстобитов ва дигарон.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аз ҷумлаи аввалин таҳқиқот дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад, ки дар он консепсияи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ба таври дақиқ пешниҳод карда мешавад. Бори аввал дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунадаи гражданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи судӣ ва дигар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ бо дарназардошти воқеияти имрӯзаи он аз ҷониби муаллифи таҳқиқот консепсияи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ пешниҳод гардид; мафҳуми муаллифии хизмат – «хизмат ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ», «хизматрасонии иҷтимоӣ», «хизматрасонии фарҳангӣ», «хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ» ва «бозори хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ»

пешниҳод шуд; таркиби иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқии хизматрасониҳо ошкор гардид; барои фарқияти хизматҳо аз дигар объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аломатҳои фарққунанда бозгӯӣ шуд; оид ба фарқияти хизмат ва хизматрасонӣ ба таври мухтасар натиҷагирӣ шуд; моҳият, таркиб ва низоми принсипҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ошкор гардид; хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ, хусусиятҳои хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ҳамчун самти соҳибкории иҷтимоӣ, хусусиятҳои ҷавобгарии шартномавӣ дар бахши хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шуд; тавсия ва пешниҳодҳо дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзими фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ таҳия гардид.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Хулоса дар бораи он ки хизмат ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ амали муайяни таваккалии субъекти хоҷагидор буда, барои қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон бо мақсади ба даст овардани фоида ва расидан ба мақсади ниҳоӣ равона гардидааст, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда мешавад. Ҳангоми хизматрасонӣ як тараф (истеъмолкунанда) талаботи худро (моддӣ, ҷисмонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ ва ғ.) қонеъ мегардонад, ҷониби дигар (иҷрокунанда) фоида ба даст меорад. Хизматҳо объекти истеҳсолии фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор рафта, арзиши истеъмолӣ доранд, онҳо бевосита ба истеъмолкунанда барои ба натиҷаи дилхоҳ расидан ва қонеъшавӣ равона гардидааст. Барои рафъи ихтилофот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи мафҳуми «хизмат» пешниҳод мегардад, ки ин мафҳум дар қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонӣ илова карда шавад.

2. Хизмат ба ду маъно фаҳмида мешавад: ҳамчун категорияи иқтисодӣ-ҳуқуқӣ ва категорияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ. Моҳияти иқтисодӣ-ҳуқуқии хизмат дар таъминоти моддии истеъмолкунандагон (яъне

хизматрасонии моддӣ) ва моҳияти хизмат ҳамчун категорияи ичтимоӣ-фарҳангӣ бошад дар қонеъ намудани талаботи маънавии истеъмолкунандагон (яъне хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ) ифода меёбад.

3. Барои фарқ намудани хизмат аз дигар объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод мегардад, ки чунин аломатҳои он ба назар гирифта шаванд: ғайримоддӣ будани хизмат, ҷудонопазир набудани он истеҳсол ва истеъмол, ноустувории ченакҳои он, мавҷуд набудани соҳибияти он, доимӣ набудани сифати он, пулакӣ будани он. Инчунин, мавҷудияти нуқсонҳо ба монанди номувофиқатии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасониҳо дорои хислати соҳавӣ бо санадҳои ҷанбаи умумидошта, мавҷуд набудани таснифоти умумии хизматрасонии ичтимоию фарҳангӣ, ба кор набурдани мафҳумҳои ягона дар санадҳои соҳавӣ дар ҷараёни хизматрасониҳо барои иҷрокунандагон мушкилӣ ба миён оварда, ин раванд ба фарҳанги хизматрасонӣ таъсири манфӣ мегузорад. Барои аз байн бурдани ин камбудиҳо пешниҳод мегардад, ки Таснифоти умумии хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

4. Ба таври иловагӣ хулоса оид ба алоқамандӣ ва фарқияти мафҳумҳои «хизмат» ва «хизматрасонӣ» бо далелҳо асоснок карда мешавад. Хизмат ҳамчун неъмат буда, шакли пешниҳоди хизмат ба истеъмолкунанда дар шароити ташкилоти статсионарӣ, дар маҳалли зисти фармоишгар, дар ҷойи истироҳат, бевосита бо қувваи худ ташкил намудани шароити мусоиди хизматрасонӣ мебошад. Хизматрасонӣ ҳамчун навъи амал шакли пешниҳоди хизматҳо, моҳияти шартии ин хизматҳо ба шумор меравад. Он ҷараёни афзоиши талабот ба хизматрасониҳоро ифода карда, вобаста ба вақт тағйирёбанда мебошад.

5. Хизмати ичтимоӣ ҳамчун мафҳуми маҷмӯии фарогири хизматрасониҳои тиббӣ, таълимӣ, равоншиносӣ, сайёҳӣ, ҳуқуқӣ, ичтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар хизматрасониҳо мебошад, ки ба талаботи хизматрасонии хусусӣ-ҳуқуқӣ ҷавобгӯ (яъне фаъолияти дорои реҷаи

шартномавӣ) аст, новобаста аз шарти расонидан ва пардохти онҳо нисбат ба ашхоси дар ҳолати вазнини зиндагӣ қарордошта, бо дарназардошти андешаи истифодаи камтарин воситаҳои худии шаҳрвандон пешниҳод карда мешавад.

6. Хизмати фарҳангӣ ҳамчун амали субъекти хоҷагидори соҳаи фарҳанг, ки ба рушди маънавии истеъмолкунандагон равона гардидаст, асоснок мегардад. Талаботи маънавӣ – ин майли ботинии инсонро ба эҷодкориҳои маънавӣ, муносибатҳои маънавӣ ва бунёди арзишҳои маънавӣ ифода месозад. Дар баробари ин ташаккули фарҳанги ҳуқуқии истеъмолкунанда бидуни механизми ҳуқуқии таъминоти зарурӣ ва самарабахши хизматрасонии фарҳангӣ ғайриимкон мебошад. Хизмати фарҳангӣ воситаи ташаккули шахсият буда, ба истеъмолкунанда барои дарки фарҳанг таъсир мерасонанд, шароити беҳтарсозандаи сифат ва моҳияти зиндагиро созмон ва ташаккул медиҳанд.

7. Хизмати иҷтимоию фарҳангӣ чун фаъолияти субъектони хоҷагидор барои қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии истеъмолкунандагон, нигаҳдошти фаъолияти муътадили зиндагии онҳо, таъмин ва барқарорсозии саломатӣ, ташаккули ҷисмонии шахсият ва дараҷаи касбияти ӯ фаҳмида мешавад. Таъсири бевосита ба саломатӣ ва шуури инсон, мазмуни зиндагии ӯ, баландбардошти дараҷаи касбияти шахсият ва ташаккули ақлонияти инсондӯстона хусусиятҳои ин хизматрасонӣ ба ҳисоб мераванд.

8. Мазмуну муҳтаво ва низоми принсипҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ, ба монанди баробарӣ, устуворӣ, ҳуқуқи интихоб ва маҳсулнокӣ ошкор карда мешавад. Қайд мегардад, ки танҳо ҳангоми риояи ин принсипҳо соҳибкор дар мавриди хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ба неруи инсонӣ, иттилоотӣ ва маънавӣ таъсири бевосита мерасонад, ки онҳо сарвати маънавии ҷомеаро ташкил медиҳанд ва дар ин асос истеҳсолоти моддӣ самарабахш мегардад.

9. Он нукта исбот карда мешавад, ки бидуни танзими дақиқи ин муносибатҳо тавассути воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ, оммавӣ-ҳуқуқӣ, ки консепсияи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ба шумор меравconfigured, ташаккули муътадили фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ғайриимкон мебошад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ бо истифодаи воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ, оммавӣ-ҳуқуқӣ тавассути санадҳои меъёрии дорои хусусиятҳои маҷмӯи амалӣ мегардад. Алоқамандии танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии соҳибкорӣ дар бахши мазкур бо мақсади таъмини рақобати озод, пешгирии мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии фаъолияти соҳибкорӣ зарур мебошад.

10. Барои фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши иҷтимоию фарҳангӣ ин хусусиятҳо хос мебошад: ин навъи фаъолиятро на танҳо соҳибкорони инфиродӣ, ташкилоти тиҷоратӣ, балки муассисаҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун муассиса амалӣ мегардонанд; ҳамзамон аз ҷониби як субъекти хоҷагидор ҳамаи навъҳои хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ ба амал баровардa мешавад; дорои маҳсулнокии иҷтимоӣ аст; мушкилоти муҳимми ҷамъиятӣ ҳал гардида, гирифтани фоида – мақсади асосии ин хизматрасонӣ набуда, балки он воситаи расидани субъектони хоҷагидор ба мақсадҳои иҷтимоию фарҳангӣ мебошад; фаъолияти субъекти хоҷагидор танҳо ба қонеъ намудани талаботи истеъмолкунанда – шахсони воқеӣ равона гардидааст.

11. Хизмати иҷтимоию фарҳангӣ самти соҳибкории иҷтимоӣ буда, он дорои чунин хусусиятҳо мебошад: таъйиноти ҷамъиятии субъекти хоҷагидор, расидан ба ҳадафҳои арзишманди иҷтимоӣ, навоварӣ, худтаъминшавии устувор аз ҳисоби гирифтани даромад аз натиҷаҳои хизматрасонӣ, инчунин аз ҳисоби гранту хайрияҳо ва ғ.

12. Барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили бозори махсус – бозори хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ мусоидат менамояд. Дар

зери мафҳуми бозори хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ гуногуннавъии бозор ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон вобаста ба хизматрасонии тиббӣ, фарҳангӣ, сайёҳию экскурсионӣ, таълимӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ фаҳмида мешавад.

II. Зарурати такмили қонунгузорӣ дар бахши хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ асоснок карда шуда, аз ҷумла пешниҳод мегардад:

13. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2), моддаи 798 (1) бо ин мазмун пурра карда шавад:

«Моддаи 798 (1). Шартномаи хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ

Аз рӯйи шартномаи хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки мувофиқи супориши фармоишгар хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ расонад ва фармоишгар уҳдадор мешавад, ки маблағи ин хизматрасониро пардохт намояд.

Мавзӯи шартномаи хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ хизматрасониҳои тиббӣ, фарҳангӣ, сайёҳию экскурсионӣ, таълимӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ мебошанд».

14. Моддаи 799-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) ба таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 799. Иҷрои шартномаи хизматрасонии пулакӣ

1. Иҷрокунанда бояд шахсан хизматрасониро пешниҳод намояд.

2. Дар ҳолатҳои дар шартнома муқарраршуда иҷрокунанда ҳуқуқ дорад иҷрои шартнома оид ба хизматрасониро ба зиммаи шахси дигар, бо нигоҳдории ҷавобгарии пурра дар назди фармоишгар ба зиммаи худ, вогузор намояд».

15. Дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КТ ҶТ) даровардани тағйиру иловаҳо ба мазмуни зайл пешниҳод мегардад:

– моддаи 1-и КТ ҶТ-ро бо мафҳуми зайл бояд пурра намуд: «Хизмати тиббӣ – ин фаъолияти субъектони хоҷагидори соҳаи тиб бо мақсади нигаҳдошт, барқарорсозӣ ва ё беҳдошти вазъи саломатии истеъмолкунанда аст»;

– дар моддаи 1-и КТ ҶТ дар мафҳумҳои «амалияи хусусии тиббӣ», «фаъолияти хусусии тиббӣ» ибораи «кумаки тиббӣ»-ро ба «хизмати тиббӣ» иваз намудан зарур аст, инчунин мафҳуми «хизматрасонии тиббӣ»-ро аз он бояд истисно кард.

16. Пешниҳод мегардад, ки Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» қабул гардад, то дар он асосҳои танзими ҳуқуқии соҳаи фарҳанг, субъектони фаъолияти фарҳангӣ, фаъолияти фарҳангӣ ва ғ. пешбинӣ гардад.

17. Зарурати қабули Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» асоснок карда мешавад, ки он бояд фарогири қисматҳо оид ба асосҳои танзими ҳуқуқии соҳаи маориф, субъектон ва объектони муносибатҳо дар соҳаи маориф, оид ба назорат ва худназоратӣ барои таъмини сифати таълим, оид ба таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумии миёна, таҳсилоти техникӣ-касбӣ, таҳсилоти миёнаи махсус, таҳсилоти олӣ, таҳсилоти пас аз хатми донишгоҳ, таҳсилоти иловагии кӯдакон ва ҷавонон, оид ба таҳсилоти калонсолон, таҳсилоти махсус ва ғ. бошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқоти илмӣ дар навгониҳои илмии он асоснок карда шудаанд. Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсия ва пешниҳодоти он ҷанбаи назариявии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкориро пурра намуда, онҳоро барои рушди минбаъда самти нав дар сивилистика – танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ метавон истифода намуд. Консепсияи муаллифии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар такмили қонунгузории соҳаи мазкур ба сифати асосҳои ҳуқуқӣ мавриди истифода метавонанд қарор гиранд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ метавон истифода намуд, онҳо чун асосҳои назариявӣ дар таҳқиқоти оянда бахши мазкур ба кор бурда мешаванд. Метавон дар амалия онҳоро дар раванди таълими муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳо, аз ҷумла «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», инчунин курсҳои махсус, таҳияи китоб ва васоити таълимӣ истифода намуд. Дар баробари

ин, дар корҳои амалии ҳуқуқии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ аз онҳо метавон истифода кард.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли якум бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

## ФАСЛИ 2

## Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши сармоягузорӣ

**Мубрам будани мавзуи тадқиқот.** Масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ба гурӯҳи муайянкунандаҳо дохил шуда, аз ҳаллу фасли мусбии он кору фаъолияти муътадили иқтисоди миллӣ вобастагӣ дорад, зеро дурнамои рушди он бевосита аз дараҷаи танзимнамоии муносибатҳое вобаста аст, ки дар муҳити сармоягузорӣ ба амал меоянд. Барои ҳамин бо гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ дар пеши Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисоди ватанӣ ба таври ҷиддӣ пеш омад. Тавассути ҷалби сармоягузорӣ масъалаҳои хусусияти ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоидошта ҳаллу фасл мегарданд, зеро сармоягузорӣ-ин захираҳои иловагианд, пеш аз ҳама, ин таҷҳизот, техника ва технологияи нав буда, ҳамзамон, бо ҷалби он ҷойҳои нави корӣ созмон дода шуда, масъалаҳои вобаста ба таъмини аҳолӣ бо шуғл ҳаллу фасл карда мешаванд. Барои ҳамин дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ҷалби сармоягузориҳо барои давлати сармоя қабулкунанда ба мисли масъалаи аввалиндараҷа, аҳамияти муҳим касб мекунад.

Оид ба зарурати ҷалби сармоягузорӣ ва аҳамияти онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр намудааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 зикр гардидааст, ки соҳибкорон ва сармоягузорон дар амалисозии афзалиятҳои аз ҷониби Ҳукумат муайянгардида, махсусан оид ба рушди босуботи иқтисоди, воридоти технологияи ҳозиразамон, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзудани даромадҳои аҳолӣ фаъолона ширкат меварзанд (Эмомалӣ Раҳмон).

Зикр кардан бамаврид аст, ки сармоягузорон ба иқтисоди давлати қабулкунанда он замоне сармоягузорӣ менамоянд, ки давлат сиёсати дарҳои кушодро пеш мебарад ва фазои мусоиди сармоягузориро

фароҳам меорад, ки он боварию эътимоди сармоягузоронро дар ҳифзи сармояи онҳо таъмин месозад. Барои ҳамин сармоягузорон, махсусан сармоягузорони хориҷӣ, пеш аз таҳвил намудани сармояи худ ба иқтисоди давлати дигар, вазъи қонунгузории он, махсусан дар самти сармоягузориро мавриди таҳлил карор медиҳанд ва танҳо баъди ин дар бораи гузоштани сармоягузорӣ қарор медиҳанд.

Ташаккули қонунгузории сармоягузорӣ дар кишвари мо ба таври воқеӣ танҳо бо ба истиқлолияти давлатӣ ноил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардид. Дар марҳилаи гузашта аз соли 1991 то ба имруз як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидаанд, ки муносибатҳои ҳуқуқии ба бозор нигаронидашударо танзим менамоянд, ки дар онҳо ҷойи махсус ба танзими ҳуқуқии сармоягузориҳо вогузор шудааст. Зарурат ба таҳия ва қабули қонунҳое, ки ба бозор нигаронида шудаанд, бо он асоснок карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, бо максади ҳамгирои ба иқтисоди ҷомеаи башарӣ, ба гузариш ба иқтисоди бозорӣ самт гирифтааст, ки барои амалисозии он ҷалби маблағҳои иловагӣ зарурат дорад.

Омили мусбате, ки ба ҷалби сармоягузориҳо таъсир мерасонад, ба таври расмӣ ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) аз 10 декабри соли 2012 мебошад. Ҳамроҳшавӣ ба СҶС маънои онро дорад, ки сармоягузорони хориҷӣ дар бозори дохилии ҷумҳурӣ ба таври фаъол кору фаъолият хоҳанд кард. Миёни ширкатҳои хориҷӣ ва сармоягузорони ватанӣ рақобат мефазояд, ки дар натиҷаи он пастравии нархи молу маҳсулоти истеҳсолшаванда ба амал хоҳад омад. Барои ҳамин ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СҶС барои иқтисоди кишвар мусбат арзёбӣ мешавад, зеро фазои сармоягузорӣ беҳтар гардида, имкониятҳои иловагии ба иқтисоди мамлакат ҷалб гардидани таҷҳизоти ҳозиразамон ва технологияи нав ба вуқуъ мепайвандад.

Вале ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СҶС сармоягузорони ватаниро дар ҳолати ногувор низ мегузорад. Сухан ин ҷо оид ба рақобат миёни молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва ширкатҳои хориҷие меравад, ки дар кишварамон сармоягузорӣ мекунанд. Ширкатҳои хориҷӣ бо таҷҳизот ва технологияҳои ҳозиразамон муҷаҳҳазанд, ки онҳо мутаассифона, дар сармоягузорони ватанӣ вуҷуд надоранд. Баъдан, хатаре низ мавҷуд аст, ки ширкатҳои хориҷӣ метавонанд истеҳсолкунандаи ватаниро аз бозори дохилии мамлакат танг карда бароранд ва худашон ҳукмфармоӣ намоянд.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ҳам бо қонунгузории миллӣ ва ҳам байналмиллалӣ амалӣ мегардад. Моҳияти аввалӣ дар он аст ки ба тамоми сармоягузорон, новобаста аз мамлакати баромади сармоя, қонунгузории дохилии давлати қабулкунандаи (ресипиенти) сармоя паҳн мегардад.

Вобаста ба ин, барои таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ ва амалисозии сиёсати давлат дар соҳаи сармоягузорӣ танзими миллӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ чун масъалаи аввалиндараҷа, аҳамияти бузурги амалӣ дорад. Вале ин барои сармоягузорони хориҷие басанда нест, ки дар ҳудуди мамлакати дигар сармоягузорӣ мекунанд. Барои онҳо танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ нисбатан мусоид арзёбӣ мегардад. Моҳияти ҳуқуқии танзими байналмилалӣ- ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ аз он иборат аст ки он стандарти ҳуқуқие мебошад, ки танзими якмароми ҳуқуқиро бо унсури хориҷӣ таъмин месозад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» муносибатҳоро дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ новобаста аз мамлакати баромади сармоя - ҳам милли ва ҳам хориҷӣ ба таври баробар танзим менамояд. Акнун сармоягузорон новобаста аз географияи мансубияти сармоя аз кафолатҳо ва бартариятҳое (преференсияҳое) истифода мебаранд, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд ва онҳо ба таври

пурра на танҳо ба манфиатҳои сармоягузорони хориҷӣ, балки ватани низ мувофиқанд.

Сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ. Оид ба дарки илмии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаҳмонидани муқаррароти онҳо ба қишрҳои васеи аҳолӣ олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли А.Г. Богатирёв, М.М. Богуславский, В.А. Бублик, В.В. Гушин, Н.Г. Доронина, Ф.С. Карагусов, В. Кирин, К.Л. Лабин, В.Н. Лиситса, Ш.М. Менглиев, А.В. Майфат, К.С. Мауленов, А.А. Овчинников, Раҳимзода М.З, Н.Г. Семилютина, М.К. Сулейменов, Б.Б. Самархоҷаев, И.З. Фархутдинов, Т.В. Шадрина ва ғайраҳо фикру андешаҳо рондаанд.

Вале ҷанбаи назариявии таҳлили амиқ ва муфассали таҳлили ин масъалаи ҳуқуқӣ ба ҷо оварда нашуда буд, зиёда аз ин, бисёр масъалаҳои танзим ҳуқуқии сармоягузорӣ таҳқиқношуда бокӣ мондаанд, ки ин ҳаллу фасли мувофиқи онҳоро тақозо мекунад, ки рисолаи мазкур маҳз ба ҳамин бахшида шудааст. Аз ин ки дар шароити бозор на танҳо рушди иқтисод, балки ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ ба таври бевосита ба ҷалби сармоя алоқаманд аст, пас интихоб ва ё шакли дигар дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аслан вуҷуд надорад.

**Объект ва предмети таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорие мебошанд, ки дар ҷараёни татбиқи сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузорон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меоянд. Предмети (мавзӯи) таҳқиқот меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузориҳои ҳам байналмилалӣ ва ҳам миллие мебошанд, ки муносибатҳои сармоягузориро танзим менамоянд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади кори илмӣ дар он аст ки аз ҷиҳати назариявӣ вазъи танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода шуда, ва ҳангоми зарурат ба қонунгузории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Барои расидан ба мақсади дар боло зикргардида дар кори илмӣ вазифаҳои зерин гузошта ва ҳаллу фасл гардидаанд:

- муайян кардани мафҳум ва табиати ҳуқуқии сармоягузорӣ, ошкор кардани моҳияти меъёрҳо, ба ҷо овардани таснифоти мутобики онҳо;

- таҳлил ва муайян кардани мафҳум ва конструксияи фаъолияти сармоягузорӣ;

тавсифи ҷараёни рушди муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ ва таснифоти онҳо, нишон додани хусусиятҳои онҳо;

омузиши мақоми ҳуқуқии ширкаткунандагони муносибатҳои сармоягузорӣ;

- таҳқиқ кардани объектҳои муносибатҳои сармоягузорӣ вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян кардани ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ҳам дар танзими ҳуқуқи миллӣ ва ҳам байналмиллалӣ, таҳлил кардани таърифи онҳо;

- гузаронидани таснифоти санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузорӣ;

- маънидод кардани ҳамкории мутақобилаи танзими ҳуқуқӣ миллӣ ва байналмилалии муносибатҳои сармоягузорӣ;

- таҳлил намудани моҳияти кафолати ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби сармоягузорон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикисгон пешниҳод карда мешаванд ва кушодани мухтавои онҳо;

- муайян кардани табиати созишномаҳои сармоягузорӣ, тафовути онҳо аз шартномаҳои дигар, ки дар қонунгузории гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким бахшида шудаанд;

- ҷудо кардан ва таҳқиқ; намудани намудҳои асосии шартномаҳои сармоягузорӣ;

- ошкор намудани хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ;

таҳлил намудани хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ғайришартномавӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ;

- ошкор кардан ва муқоиса намудани асосҳо, шартҳо ва шаклҳои ҷавобгарии тарафҳо дар муносибатҳои сармоягузорӣ;

- коркард намудани пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии таҳқиқот.** Асоси назарявии таҳқиқоти илмӣ корҳои илмии олимони ватанӣ ва ҳамчунин хориҷӣ мебошанд, ки бо мавзуи кори диссетратсионӣ робитаи бевоситаи ҳуқуқи доранд. Муаллиф ҳангоми навиштани кори илми ба асарҳои ҳуқуқшиносони зерин бевосита такя намудааст: О.М. Антипова, В.С. Белих, А.Г. Богатирёв, М.М. Богуславский, В.В. Витрянский, Н.Н. Вознесенская, Ш.К. Ғаюров, В.В. Гушин, Н.Г. Доронина, С.Е. Донсов, К.М. Илясова, Ф.С. Карагусов, А.В. Кирин, С. Крупко, Н.В. Кусяпова, Д.К. Лабин, В.Н. Лиситса, А.В. Майфат, К.С. Мауленов, Ш.М. Менглиев, СП. Мороз, В.П. Мозолин, А.А. Овдинников, В.А. Ойгензихт, А,А. Попондопулло, Х.А. Раҳмонқулов, Раҳимзода М.З, Б.Б. Самархоҷаев, Н.Г. Семилютина, П.В. Суханов, М.К. Сулейменов, В.А. Трапезников, Ш.Т. Тағойназаров, И.З. Фархутдинов, Т.В. Шадрина ва ғайраҳо.

Асоси амалӣ дар навиштани кори таҳқиқотиро муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷаи наздик дар соҳаӣ фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла, муқаррароти санадҳои байналмилалии меъёрии ҳуқуқи, ки ба соҳаӣ сармоягузорӣ дахл доранд, ташкил менамоянд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Ҳангоми навиштани кори илмиҳам тарзҳои умумиилмии дониш - таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, таҷрид, гузариш аз муҷаррад ба аниқ, таҳлили системавӣ ва ғ., аз

ҷумла, тарзҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ - расмӣ - ҳуқуқӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода бурда шудаанд.

**Навгонии илмӣ ва арзиши амалии таҳқиқот.** Навгонии илмии кори илмӣ дар он аст ки дар ҷумҳурӣ чунин таҳқиқот дар сатҳи диссертатсионӣ маротибаи аввал гузаронида мешавад. Муаллиф дар асоси таҳлили нуқтаҳои назари олимони пешбарандаи адабиёти ҳуқуқ, кӯшиш намудааст, ки мавқеи шахсии худро оид ба муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ ифода намуда, конструксияи онро ошкор созад. Ҷараёни инкишофи муносибатҳои сармоягузорӣ ва сохтори шартномаҳои сармоягузорӣ муайян карда шудаанд. Зарурати таҳким бахшидани муайянкунии мафҳуми шартномаҳои сармоягузорӣ дар мухтавои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Ҳамкории мутақобилаи танзими ҳуқуқии миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии муносибатҳои сармоягузорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Нуқтаҳои асосӣ,** ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

Бо мақсади мукаммалгардонии қонунгузории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ, ба мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” тағйиру иловаҳои зеринро ворид намудан зарур аст.

1. Таҳлили назариявии Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ифодаи мафҳуми сармоягузорӣ, ки дар моддаи 1-уми қонун муқаррар шудааст, аз норасоиҳо холӣ нест. Қонунгузор дар мафҳуми сармоягузорӣ нишон надодааст, ки онро ба куҷо равон кардан лозим аст ва мақсади асосии давлати қабулкунанда, ки сармояро ҷалб мекунад, чист. Дар робита ба ин ба ҳимоя ифодаи мафҳуми сармоягузорӣ ворид карда мешавад, ки тибқи он: сармоягузорӣ - ин капитал, ки характери моддӣ ва ҳам ғайри- модди дошта мебошад, ки ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузор бо мақсади гирифтани даромад ва ё натиҷаи дигари назаррас гузошта

мешавад, ки бо таваккал алоқаманд буда ва бо вақти муайян маҳдуд гардонида шудааст.

Дар баробари ин асоснок карда мешавад, ки молумулк танҳо аз лаҳзаи ба раванди сармоягузорӣ ҷалб шудани он ба сармоягузорӣ табдил меёбад. Вобаста ба ин омилҳои асосие, ки сармоягузориро муайян мекунанд, инҳоро ҳисобидан лозим аст: аввалан, онҳо бояд аз ҷиҳати пулӣ баҳогузорӣ шаванд; дуввум, онҳо бояд ба ҷараёни сароягузорӣ ҷалб карда шаванд ва саввум, молумулки мазкур дар унвони муайяни ҳуқуқӣ ба соҳибмулк (сармоягузор) тааллуқ дошта бошад.

2. Хулоса оид ба он асоснок карда мешавад, ки дар шароити бозорӣ яке аз масъалаҳои муҳим барои давлати қабулкунандаи сармоягузорӣ масъалаи шуғли ахолӣ мебошад, ки он ҳаллу фасли мувофиқро талаб мекунад. Дар робита ба ин пешниҳод карда мешавад, ки ба мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” меъёри зерин ворид карда шавад: “Теъдоди шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаю муасисаҳо, ки бо сармояи хориҷӣ асос ёфтаанд, бояд на камтар аз 70% аз микдори умумии кормандонро ташкил диҳад”. Механизми мазкур масъалаи шуғлмандиро ба пуррагӣ аз байн намебарад, вале метавонад, ки ба пастшавии афзоиши сафи бекорон дар ҷумҳурӣ таъсир расонад.

3. Асоснок карда мешавад, ки муқаррароти мафҳуми сармоягузориҳои мустақим, ки дар муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” оварда шудааст, ба таври пурра аломатҳои моҳиятии дар сармоягузориҳои мустақим мавҷударо фаро намегирад. Зикр карда мешавад, ки сармоягузориҳои мустақим ба истеҳсолот бевосита равон карда мешаванд ва дурнамои рушди иқтисоди давлати қабулкунанда бевосита бо он алоқаманд аст. Сармоягузор дар сармоягузориҳои мустақим ҳамеша фаъол аст ва барои у имконияти ба пуррагӣ таҳти назорат қарор додани фаъолияти

корхона, бастани шартномаҳо, иҷро кардани ухдадориҳои шартномавӣ ва дар асоси ин аз машғул шудан ба фаъолияти сармоягузорӣ ва гирифтани даромад фароҳам оварда мешавад. Зиёда аз ин, сармоягузор дар сармоягузориҳои мустақим метавонад, ки коргаронро ба кор қабул намояд ва бо онҳо тибқи муқаррароти қонунгузории меҳнати ҷумҳурӣ шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бандад. Дар баробари сармоягузор, давлати қабулкунанда низ ба он манфиатдор аст, ки бо ба кор ҷалб шудани шаҳрвандон, ҳамзамон мушкилоти шуғлмандӣ низ ҳаллу фасл мегардад, ки дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳими давлати воридкунандаи сармоя маҳсуб мегардад. Дар робита ба ин, сармоягузориҳои мустақим аз ҷониби сармоягузор гузоштани на камтар аз 10 дарсади хисса ба фонда низомномавии корхона ва ҳуқуқи иштирок дар идоракунии истеҳсолот бо мақсади гирифтани даромад ҳисобида мешавад.

4. Хулоса оид ба он асоснок карда мешавад, ки фаъолияти сармоягузорӣ фаъолиятҳои амалии сармоягузор вобаста ба гузоштан ва татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Дар ин ҳолат фаъолияти субъекти сароягузорӣ - ин на амалҳои якмаротибаина, балки бисёрмаротибагӣ (такрорӣ) мебошад. Муаллиф зикр мекунад, ки барои иҷро кардани фаъолиятҳои амалӣ оид ба гузоштани сармоя, сармоягузор бояд вазъи низоми ҳуқуқи давлати қабулкунандаро баҳогузорӣ намуда, оид ба аниқсозии объекти сармоягузоришаванда гуфтушунидҳо гузаронад ва баъдан бояд барои ба ҷо овардани фаъолиятҳои амалӣ вобаста ба сармоягузорӣ қарор қабул намояд, ки моҳияти фаъолияти сармоягузориро ифода мекунад. Бо натиҷагирӣ аз ин муаллиф фаъолияти сармоягузориро чун татбиқи фаъолиятҳои амалии сармоягузор баҳогузорӣ менамояд, ки ба гузоштани сармоя ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани даромад ва (ё) дастёбӣ ба ягон натиҷаи дигари назаррасро муайян мекунад.

5. Зикр менамояд, ки баҳсу мунозираҳои вобаста ба сармоягузорӣ бевосита ба сармоягузорӣ алоқамананданд ва онҳо метавонанд, ки на танҳо миёни сармоягузор ва давлати қабулкунанда ба амал оянд. Субъектҳои баҳси сармоягузорӣ метавонанд, ки дигар ширкаткунандагони чараёни сармоягузорӣ низ бошанд. Инҳо метавонанд, ки шахсони мансабдори давлати қабулкунандаи сармоягузорӣ мебошанд, ки ба вазифаҳои онҳо механизмҳои татбиқи иҷозат додани сармоягузорӣ дохил мешаванд, ва ё ҳаллу фасли баҳсҳое, ки миёни ташкилоту созмонҳои тиҷоратӣ бо сармояи хориҷӣ ва дигар шахсиятҳои ҳуқуқии давлати қабулкунанда ба амал меоянд. Зиёда аз ин, моҳияти баҳсҳо перомуни сармоягузорӣ боз дар он низ ҳаст, ки он вобаста ба давраҳои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ба амал меояд, ки инҳо маҳсуб мегарданд: оид бо омодагӣ, бастан ва иҷрои шартномаҳои сармоягузорӣ. Агар ин сегона дар мухтавои сармоягузорӣ мавҷуд набошад, тибқи қоида, баҳс перомуни сармоягузорӣ ба амал намеояд. Гуфтаҳои болоро натиҷагирӣ намуда, муаллиф мафҳуми зерини баҳси сармоягузориро пешниҳод мекунад: Баҳси сармоягузорӣ - «ин низоъест, ки бо сармоягузорӣ асос ёфтааст, ки субъектҳои он сармоягузор ва давлати қабулкунанда ва ҳамчунин, дигар ширкакунандагони муносибатҳо оид ба сармоягузорӣ эътироф мешаванд, ки бо омодасозӣ, бастан ва иҷрои муносиби шартномаҳои сармоягузорӣ алоқаманд аст ки барои татбиқи лоиҳаи сармягузорӣ равона карда шудааст».

6. Пешниҳод карда мешавад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба институти сармоягузории муштарак» таҳия ва қабул карда шавад. Дар мундариҷаи лоиҳа ба назари эътибор гирифтани масъалаҳои мазкур ба мақсад мувофиқ аст: ташкили институтҳои махсусгардонидашудаи сармоягузории муштарак, ки метавонанд ҷалб ва чойгир кардани захираҳои молиявии сармоягузоронро ба ҷо оранд ва асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти институти сармоягузории муштарак, қатъи фаъолияти

сармоягузории муштарак, хусусиятҳои идораи маблағҳои субъектҳои мазкурро муайян намоянд ва ҳамчунин ба таркиб, сохтор ва нигоҳдории чунин маблағҳо талабот муқаррар намоянд.

7. Хулоса оид ба он асоснок карда мешавад, ки ҷараёни инкишофи муносибатҳои сармоягузориро танзими ҳуқуқи хусусӣ ва оммавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ давлат муносибатҳои ҳуқуқиеро танзим менамояд, ки миёни шахсҳо ба миён меоянд ва давлат чун кафили ин муносибатҳо баромад мекунад. Дар танзими оммавӣ худи давлат иштироккунандаи ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар робита ба ин дар низоми муносибатҳои сармоягузорӣ меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ, ва ҳамчунин маъмурию молиявӣ муттаҳид мегарданд, ки дар маҷмӯъ бо муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ ба танзим дароварда мешаванд. Гуфтаҳои болоиро ҷамъбаст намуда, муаллиф муносибатҳои сармоягузориро чун муносибатҳои ҳуқуқие муайян менамояд, ки ба меъёрҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ асос ёфтаанд, ки миёни ширкаткунандагони он дар робита ба гузоштани сармояи дорои хислати ҳам моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд, ки аз тарафи давлати қабулкунанда бо мақсади гирифтани даромад ва ё дастёбӣ ба ягон натиҷаи дигари муҳим муайян карда мешавад.

8. Зикр карда мешавад, ки таъмини фазои сармоягузорӣ, ки ҳадафи ҷалби маҷрои зиёди сармоягузорӣ ба иқтисоди давлати қабулкунадаро дорад, аз якчанд омилҳо вобастааст, ки яке аз онҳо муқаррар намудани бартариятҳои муайян барои сармоягузороне мебошад, ки фаъолияти сармоягузориро дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодёти мамлакат анҷом медиҳанд. Барои ҳамин пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории

амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ имтиёзҳо ба сармоягузороне дода шаванд, ки ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодёт сармоягузорӣ мекунанд, ки инҳо маҳсуб мегарданд: кишоварзӣ;

корхонаҳое, ки ба истеҳсол ва коркарди маҳсулот машғуланд; неругоҳҳои барки обӣ; сохтмони роҳҳо ва иншооти накбӣ.

9. Муаллиф мақсаднок будани аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудани Конвенсияи Вашингтон “Оид ба тартиби ҳаллу фасли баҳсҳои сармоягузорӣ”, ки он самаранокии ҳаллу фасли баҳсҳоеро баланд мебардорад, ки бо сармоягузорӣ алоқамананд ва барои воридшавии бештари сармоя ба иқтисоди кишвар шавқмандӣ эҷод мекунад. Илова бар он асоснок карда мешавад, ки бо аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудани ин Конвенсия имкони ба дигар созмонҳои байналмилалӣ аъзо шуданро низ ба даст меорад, ки дар робита ба он зарурат дар бастани созишномаҳои дутарафа “Оид ба ҳавасмандсозӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ” зарурат надорад.

10. Муаллиф зикр мекунад, ки барои таъмини ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди давлати қабулкунанда ва таъмини фазоӣ мусоиди сармоягузорӣ танҳо танзими сармоягузорӣ бо воситаи қонунгузории дохилӣ кифоя нест. Ба ақидаи муаллиф барои он ки раванди дамгиропӣ дар иҷрои ин вазифа арзанда бошад, зарур аст ки ҳамзамон бо қонунгузории дохилӣ, мақоми ҳуқуқии сармоягузорон, махсусан хориҷиён, бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таҳким бахшида шаванд. Бешакку шубҳа, вазни гарони бор дар танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ ба қонунгузории дохилӣ меафтад, танзими байналмилалии сармоягузорӣ бошад, нақши иловгиро дар ҳамоҳангсозии ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон иҷро мекунад. Барои ҳамин давлати қабулкунандаи сармоя барои ҳифзи ҳаматарафаи ҳуқуқи сармоягузорон ва сармояи онҳо дар баробари қонунгузории дохилӣ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба соҳаи сармоягузориро низ ворид мекунад. Дар робита ба ин зарурати воқеии баҳамоиии танзими ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии муносибатҳои сармоягузорӣ асоснок карда шудааст. Зикр карда шудааст, ки дар ҷараёни ҷалби сармоя саҳми асосӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои сармоягузорӣ ба зиммаи қонунгузории миллӣ меафтад, танзими ҳуқуқи байналмилалии

сармогузорӣ бошад, нақши иловагиро иҷро мекунад, яъне тибқи стандарти ҳуқуқи оид ба ҳамоҳангсозии ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон дар раванди татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ.

11. Ба таври аниқ, хулоса оид ба он бо далелу бурҳон исбот карда мешавад, ки дар пайдоиши муносибатҳои сароягузорӣ миёни иштироккунандагони раванди сармоягузорӣ шартномаҳои сармоягузорӣ аҳамияти хеле калон дорад. Вале қонунгузории амалкунандаи сармоягузории ҷумҳурӣ ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон конструксияи шартномаҳои сармоягузориро таҳким набахшиданд, ки ин дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилоти муайянеро эҷод мекунад. Дар робита ба ин муаллиф пешниҳод мекунад, ки шартномаи сармоягузорӣ чун созиши иштироккунандагони объектҳои раванди сармоягузорӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба гузоштани объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ба соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян карда шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори таҳқиқотӣ** аз он иборат аст, ки хулосаю натиҷаҳо ва пешниҳодҳои он барои мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сароягузорӣ равона карда шудаанд. Натиҷаҳои назариявии таҳлилшуда ва хулосаҳои бадастомада барои аз нав дида баромадани муҳтавои қонунгузории ҷумҳурӣ дар соҳаи сармоягузорӣ аҳамияти калон доранд. Натиҷаҳои ба дастомада ҳамчунин метавонанд, ки барои мукамалгардонии қонунгузории сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Маводи таҳқиқот ҳамчунин метавонанд, ки дар таҳияи адабиёти таълимию методӣ ва китобу васоити илмӣ ва дарсӣ ҳангоми таълими фанни ҳуқуқшиносӣ дар мактабҳои олӣ истифода бурда шаванд.

## ФАСЛИ 3

## Ҳифзи ҳуқуқи граждании ба тамғаи молӣ ва чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқи барои ғайриқонуни истифодабирии тамғаҳои молӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои мураккаб ва гуногунҷанба сурат гирифта истодаанд, ки ҳадафи онҳо устувор намудан ва рушд додани муносибатҳои бозаргонӣ мебошад. Дар чунин шароит барои инкишофи минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳаҳои нави он, такмил додани қонунгузории ватанӣ дар бахши моликияти зеҳнӣ ва аз ҷумла васоити фардикунонии он зарур мебошад.

Дар шароити нави иқтисодӣ воситаҳои фардикунонӣ аҳамияти бузурги иқтисодӣ дорад. Чунонки И.Е. Шулга таъкид кардааст, «фоида аз истифодаи ин бахш ба гурӯҳҳои гуногуни агентҳои иқтисодӣ мерасад: давлат дар натиҷаи васеъ гардидани марзҳои муомилоти иқтисодӣ соҳиби даромадҳои иловагӣ аз андоз шуда, истеҳсолкунандагон молики активҳои ғайримодӣ мешаванд ва истеъмолкунандагон бошанд, кафолати сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро ба даст меоранд» (Шульга И.Е. Таҳлили институтсионалии васоити фардикунонии муассисаҳо ва маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо. // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. – М., 2003. – С. 6.). Воситаҳои фардикунонӣ ҳоло ҳамаҷониба татбиқ мешаванд. Бо кумаки онҳо аксари аҳолии сайёра маҳсулоти як субъекти хоҷагидорро аз молу колои ҳаммонанди дигар субъектҳои хоҷагидор фарқ карда метавонанд.

Аҳаммияти афзояндаи воситаи фардикунонӣ дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд омил бастагӣ дорад. Аввалан, рақобати торафт пуршиддат дар бозори мол миёни субъектҳои ватанӣ, ки фаъолияти хоҷагидориро дар дохили мамлакат амалӣ мекунанд, инчунин миёни онҳо ва субъектҳои хоҷагидори

хориҷӣ, дуввум, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ воситаи фардикунонӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми стратегияи маркетингии дилхоҳ субъекти хоҷагидор моҳияти пурарзиши иқтисодӣ касб мекунад.

Бо назардошти мулоҳизоти баёншуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки васоити фардикунонӣ дар ҷомеаи имрӯза барои молистеҳсолкунандагон, тиҷорат, истеъмолкунандагон ва умуман ба давлат зарур мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи пурзӯр намудани нақши давлат дар ин соҳа ба миён меояд. Давлат бояд ба бунёди низоми самарабахши ҳуқуқӣ ва коркарди заминаҳои неруманди назариявӣ ҷиҳати ҳифзи объектҳои моикияти зеҳнӣ, ба фаъолияти устувори он дар гардиши ҳоҷагидорию иқтисодӣ ва инчунин ба воситаҳои фардикунонӣ вогузор намудани саҳми ҳадди аксар дар рушди иқтисодии давлат бояд ҳавасманд бошад.

Ғайр аз ин, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ барои таҳияи пешниҳодот ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи воситаҳои фардикунонӣ, ҳамчунин қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус, ки ба коркарди муназзами ҳама аносири ҳифзи ҳуқуқии воситаҳои фардикунонӣ, аз ҷумла дар масъалаи истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба ин объектҳо зарур менамояд.

Бо дарназардошти омилҳои зикрёфта зарурати омӯзиши маҷмӯии проблемаҳои ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои фардикунонӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Проблемаҳои танзими ҳуқуқии воситаҳои фардикунонӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Ба воситаҳои фардикунонӣ ҳамчун яке аз объектҳои ҳуқуқ ба моликияти зеҳнии субъектҳои хоҷагидор як силсила корҳои илмию пажӯҳишии муаллифони мамолики дуру наздики хориҷӣ, аз ҷумла А.Н. Адуев, А.А. Андреева, О.Л. Алексеева, Е.А. Ариевич, К.Д.

Веркман, И. Горленко, Л.М. Меавская, Е.С. Шпак ва дигарон бахшида шудаанд.

Таҳқиқоти афзуншумори олимони ватанӣ – Ш. Ғаюров, А.М. Диноршоев, М.А. Маҳмудов, Ш.М. Менглиев, М.З. Раҳимов, И.Д. Сафаров, Н.Ш. Насриддинов, Ш.Т. Тағойназаров, Ф.Т. Тоҳиров, О.У. Усмонов, Х.Т. Носиров ва дигарон асосан ба ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқ ба баъзе объектҳои моликияти зеҳнӣ ихтисос доранд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мавҷуда аксаран он корҳое ба шумор меравaнд, ки ба рӯшан кардани масоили умумии ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ё бевосита тамғаҳои моливу аломатҳои хизматрасонӣ рабт доранд ва дар онҳо таҳлили ҷиҳатҳои маҳдуди реҷаи ҳуқуқии воситаҳои дахлдори фардикунонӣ сурат гирифтааст.

Бояд зикр кард, ки то кунун масоили танзими ҳуқуқии воситаҳои фардикунонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Таҳқиқоти вижаи илмӣ марбут ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба моликшавӣ, истифода ва ҳимояи ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон умуман анҷом дода нашудааст.

Ба эътибори ин андеша барои илми гражданӣ-ҳуқуқӣ омӯзиши комплексии проблемаҳои рушд ва такомули низоми ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур гардидааст, ки дар робита бо ногузир шудани такмили қонунгузории миллӣ дар ин соҳа муҳим мебошад.

**Объекти таҳқиқот** меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалие мебошанд, ки танзими ҳуқуқии воситаҳои фардикунониро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии ҳангоми истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонӣ бамиёномада ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқотро** проблемаҳои инкишоф ва такмили танзими ҳуқуқие мебошанд, ки ба ҳимоя ва истифодаи воситаҳои фардикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд, инчунин танзими

байналмилалии ҳифзи воситаҳои фардикунонӣ, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки зимни муносибатҳои вобаста ба истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонӣ ба вуҷуд меоянд.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии** мавзуъро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии давраҳои тоинқилобӣ ва шӯравӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқии тамғаҳои молӣ, Кодексҳои граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва дигар қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ таълиф шудааст. Асоси таҷрибавии таҳқиқотро санадҳои амалияи судӣ ва судҳои арбитражӣ, санадҳои Палата оид ба баҳсҳои патентӣ, маводи мақомоти инҳисорӣ таркиб додаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз коркарди асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба воситаҳои фардикунонӣ, асоснок намудани пешниҳод ва тавсияҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш иборат мебошад.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур омӯзиши комплексии меъёрҳо ва муқаррароти қонунгузории миллӣ, қонунгузории дигар мамолики хориҷӣ ва бархе асноди ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад, ки проблемаҳои ҳуқуқии танзими воситаҳои фардикунониро танзим мекунанд, инчунин таҳияи пешниҳодоту тавсияҳо вобаста ба такмили қонунгузории миллӣ оид ба воситаҳои фардикунонӣ дар назар дошта мешавад.

Барои амалӣ намудани ҳадафи мазкур як идда меъёрҳои мушаххас, ки дар санадҳои зерини меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой гирифтаанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавию маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва аломатҳои хизматрасонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аломатҳои ҷуғрофӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳудудиятҳои фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», Қоидаҳои тартибдиҳӣ, пешниҳод ва баррасии дархостҳо барои бақайдгирии тамғаҳои молӣ ва аломатҳои хизматрасонӣ, Қоидаҳои бақайдгирии шартнома оид ба гузашт кардан аз тамғаи молӣ ва шартномаҳои иҷозатдиҳӣ роҷеъ ба ҳуқуқи истифодаи тамғаи молӣ, Қоидаҳои тамдид намудани амали бақайдгирии тамғаҳои молӣ ва аломатҳои хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, даровардани тағйирот дар бақайдгирӣ ва шаҳодатнома ба тамғаҳои молӣ ва аломатҳои хизматрасонӣ, Тартиби эътироф кардани тамғаҳои молии ба ҳама маълум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби пешниҳоди шикоят ва баррасии онҳо дар Шӯрои аппелятсионии Идораи патентии ҶТ, Тартиби пешниҳоди шикоят, аризаҳо, хоҳишгариҳо ва баррасии онҳо дар Шӯрои аппелятсионии Идораи патентии ҶТ.

Дар рисола инчунин ба таври мухтасар муқарраротИ қонунгузории бархе кишварҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие инъикос шудаанд, ки ба мавзӯи таҳқиқоти мо дахл доранд.

Барои ноил шудан ба ин мақсад зарурати ҳалли вазифаҳои зерин пеш меоянд:

- таҳлили қонунгузории миллӣ ва қонунгузории як идда кишварҳои хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва

адабиёти ҳуқуқӣ, ки дар онҳо мафҳуми воситаҳои фардикунонӣ шарҳ ёфтаанд;

- ошкор намудан ва таҳлил намудани вазифаҳо ва навъҳои воситаҳои фардикунонӣ, нишон додани аҳаммияти амалии онҳо;

- таҳқиқи раванди ташаккул ва инкишофи асосҳои меъёрию ҳуқуқии воситаҳои фардикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- баррасии асосҳо ва тартиби ба даст овардани ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонӣ;

- таҳлили асосҳои ҳуқуқии истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои фардикунонӣ;

- таҳқиқи мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳифзи ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонӣ, ошкор ва баррасии амалҳое, ки ҳуқуқҳои истисноиро ба воситаҳои фардикунонӣ поймол мекунанд;

- таҳия ва асоснок намудани пешниҳодоти ҷудогона ва тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳое, ки ба масъалаи бадастдарорӣ, истифода ва ҳифзи ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои фардикунонӣ рабт доранд.

**Асосҳои методологии ва назариявии таҳқиқотро** Вижагии вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ равиши комплексиро ба омӯзиш ва таҳқиқи онҳо муқаррар намудааст. Дар ҷараёни таълифи кор муаллиф методҳои умумии илмӣ (усулҳои шаклӣ ва мантиқи диалектикӣ, методи таҳлил ва синтез, методи системавӣ) ва инчунин методҳои махсусро, ки ба меъёрҳои объективият посухгӯ мебошанд, мавриди истифода қарор додааст. Барои ошкор намудани таносуб ва тафовути маводи таҳқиқшуда методҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, методҳои тафсири грамматикӣ, мантиқӣ ва системавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ба кор рафтааст, ки ҷиҳатҳои пураҳаммият ва арзишманди моликияти зеҳниро ба эътибор мегиранд.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро муқаррарот ва хулосаҳои дар корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дарҷшуда ташкил медиҳад.

Аз рӯи проблемаи таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин маводи конфронсҳои илмию амалӣ ва илмию назариявӣ, матбуоти даврии марбут ба илм истифода шудаанд.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва ҳалномаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб меравaнд.

**Асосҳои меъёрӣ ва таҷрибавии таҳқиқот**. Таҳқиқоти дисертатсионӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии давраҳои тоинқилобӣ ва шӯравӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқии тамғаҳои молӣ, Кодексҳои граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва дигар қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ таълиф шудааст. Асоси таҷрибавии таҳқиқотро санадҳои амалияи судӣ ва судҳои арбитражӣ, санадҳои Палата оид ба баҳсҳои патентӣ, маводи мақомоти инҳисорӣ таркиб додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** бо мулоҳизоти зерин муайян мешавад:

Мавзӯи мазкур аз ҷумлаи аввалин таҳқиқот дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад, ки дар он консепсияи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба воситаҳои фардикунонӣ ба таври дақиқ пешниҳод карда мешавад.

- таҳқиқоти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин пажӯҳиши комплексӣ оид ба масъалаҳои бадастдарорӣ, истифода ва ҳифзи ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонӣ мебошад, ки дар шакли монография иҷро шудааст;

- бори нахуст дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ кӯшиши таҳлили системавии институтҳои воситаҳои фардикунонӣ сурат гирифта, роҳҳо ва имконоти такмили ин соҳа дар ҷумҳурӣ нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли сеюм бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

## ФАСЛИ 4. Танзими ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Дар ҷаҳони муосир вобаста ба раванди бозаргонӣ, муносибатҳои пуливу молӣ, рушди соҳибкорӣ муносибатҳои ҷамъиятии байни истеъмолкунанда ва контрагентҳои ӯ (истеҳсолкунандаҳо, иҷрокунандаҳо фурӯшандаҳо ва дигарон) ба таври назаррас ташаккул меёбад. Ин муносибатҳои гуногунҷабҳаро бе иштироки инсон, яъне иштирокчии муносибатҳои гражданӣ дар бастани ин ё он аҳдҳои маишӣ, харидорӣ намудани маҳсулоти озуқаворӣ, бастани аҳд оид ба ҳамлу нақл, расонидан, фармоиши ин ё он амали мақсаднок ва ғайра тасаввур кардан ғайриимкон мебошад.

Ҳамзамон, дар ин гуна робитаҳои мутақобилаи истеъмолӣ ширкат варзида, контрагентҳои истеъмолкунанда аз рӯи моҳият фаъолияти соҳибкориро (фурӯхти мол, пешниҳоди кор ва иҷрои он, хизматрасониҳо) амалӣ мегардонанд. Дар баробари ин, набояд фаромӯш кард, ки ҳамаи навъи фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи табиати худ ба гирифтани даромад равона гардидааст. Ин омил ба он оварда мерасонад, ки субъектони он (контрагентҳои истеъмолкунанда) барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ метавонанд дар ин ё он сатҳ ба талаботҳои ҳатмӣ вобаста ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат беэътиноӣ зоҳир намоянд. Дар навбати худ, истеъмолкунанда ба туфайли надонистани ҳуқуқи истеъмолии худ метавонад амволеро ба даст орад, хизмат ё кореро фармоиш диҳад, ки ба талаботи сифат ва бехатарӣ ҷавобгӯй набошад.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар раванди иқтисодии кишвар тағйироти куллӣ ба амал омад, дар ҳама самтҳои муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла шаклҳои хаҷагидорӣ, усулҳои нав роҳандозӣ шуданд, ки ин иқдом барои сифатан беҳтар гардидани молу маҳсулот, сатҳи хизматрасониҳо, саривақт иҷро намудани корҳои дахлдор мувофиқат менамояд.

Таъминоти сифат ва бехатарии мол (кор, хизмат) вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ буда, назорати қатъии меъёрҳои мансуб ба сифатнокии мол (кор, хизмат) аз ҷониби онҳо ба роҳ гузошта шуда, ин омил ба рӯзгори ободва қаноатмандии мардуми кишвар аз моли (кори, хизмати) харидааш (фармоиш додааш) замина мебошад. Дар сурати сифатан ба талабот ҷавобгӯй набудани мол (кор, хизмат) бояд мо кафолати баргардонидани маблағ ё иваз намудани онро ба моли, кори, хизмати) дигари босифат дошта бошем.

Қайд намудан лозим аст, ки инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар Тоҷикистон боздиди сиёсати императивии давлатиро нисбати низоми талаботҳои ҳатмӣ ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат талаб намуд. Пешравии муносибатҳои истеъмолӣ нишон дод, ки низоми муайяни то айни замон мавҷудбуда худро кӯҳна нишон дода, он дар амалия натавонист назорати воқеиро аз болои сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат таъмин намояд. Дар натиҷа монеаи муайян дар ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал омад, ки он инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистонро фаро гирифта, оқибат ба навсозӣ эҳтиёҷ пайдо кард. Аз ҷумла қабули Кодексҳои граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Қисми I аз 30 июни соли 1999 ва Қисми II аз 11 декабри соли 1999, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», аз 19 майи соли 2009, № 522 «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», аз 29 декабри соли 2010, № 668 «Дар бораи стандартонӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври пурра натавонистанд ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба таври дахлдор дар баъзе мавридҳо ба сифат ва бехатарии мол (кор, хизмат) таъмин намоянд.

Дар паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 вобаста ба масъалаи мазкур қайд намуданд, ки: «Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба санҷиши сифати

маҳсулоти воридотӣ дар 196 ширкати тиҷоратӣ нишон дод, ки ба кишвар ҳамасола 500-600 тонна бозичаҳои гуногун аз 20 давлати дунё ворид мешаванд, ки 90 фоизи онҳо аз рӯи сифат ба талаботи бехатарӣ мувофиқ нестанд ва ба саломатии кӯдакон зараровар мебошанд»[26]. Дар Паёми худ дар соли 2018 бошад доир ба масъалаи пастсифат будани маводи доруворӣ ва сатҳи пасти хизматрасонии тиббӣ изҳори нигаронӣ карда буданд. Аз ҷумла такид намуданд, ки «Яке аз масъалаҳое, ки бо вуҷуди таъкидҳои доимӣ ислоҳ нашуда истодааст, ҳоло ҳам паст будани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва муошрати табибон мебошад ва роҳбарони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадоранд, ки дар ин самт тадбирҳои муассир андешанд. Соли ҷорӣ бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва ба муомилот баровардани доруворӣ бесифат ё муҳлати истифодааш гузашта ё истеҳсол кардани онҳо дар мамлакат, инчунин, дар натиҷаи фаъолияти тиббӣ ба бемориҳои сироятӣ гирифтор шудани мизоҷон ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда шуд»[27].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мушкилоти таъмини сифат ва бехатарии мол (кор, хизмат) дарҷ гардида аст. Аз ҷумла дар бахши воқеӣ яке аз мушкилоти махсус дар соҳаи саноат сифати пасти маҳсулот, ки сатҳи пасти рақобатпазирии онро пешакӣ муайян мекунад, номбар гардидааст. Дар Стратегия ифода шудааст, ки сифати хизматрасониҳо дар соҳаи маориф ва тандурустӣ дар сатҳи нокифоя қарор дорад. Сатҳи фавти модар ва кӯдак, бемории сил бахусус дар минтақаҳо нисбатан баланд боқӣ мемонад. ВНМО/СТАҶГ ва бемориҳси ғайрисироятӣ (БҒС)

[26] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 сол// http://prezident.tj/node/16771#tursunzoda.
[27] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 сол// http://prezident.tj/node/19088#k_mastchoh.

масъалаи мубрам боқӣ мемонад ва афзоиши он боиси нигаронӣ аст. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои соҳаи маориф то ҳол бо чунин мушкилот ба монанди афзоиши сусти шумораи муассисаҳои томактабӣ, норасоии инфрасохтори мактабӣ, маҳорату малакаи муаллимон дучор мешавад[28].

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 муқаррар шудааст, ки татбиқи ҳуқуқ яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии кишвар буда, бо мақсади такмили фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда, ҳамчунин таъмини сифати мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва механизми амалӣ гардидани онҳо анҷом дода мешавад. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ аз ҳисси масъулият, омодагии касбӣ, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти татбиқи ҳуқуқ вобастагӣ дорад[29].

Дар робита бо ин бояд такид намуд, ки баҳри таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявию амалии танзими ҳуқуқи сифат ва бехатарии мол, кор, хизмат ба анҷом расонидани кори илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Чунки дар танзими махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мазкур зарурат ба вуҷуд омадааст ва дар муҳофизати ҳуқуқии тарафи камқувват - истеъмолкунанда талаботи объективӣ вуҷуд дорад. Дар баробари ин, механизмҳои қонунгузории мавҷудаи муҳофизати ҳуқуқи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳуқуқ ба сифат ва ба бехатарии мол, кор ва хизмат дар қатори самтҳо ба навсозӣ ниёз дорад, ки бояд махсус дар чорчӯбаи ҷараёни мукамалгардонии қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон гузаронидашаванда ба назар гирифта шаванд.

[28] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 октябри соли 2016, № 392. - Душанбе, 2016. 89 саҳ.

[29]Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, № 1005. Душанбе, 2018. 40 саҳ.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Проблемаҳои ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат дар илмҳои ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳи кори монографӣ ва рисолавӣ таҳлил нашудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматро дар асраҳои олимони мазкур қисман мушоҳида намудан мункин аст: А.М. Диноршоҳ[30], Ш.К. Ғаюров[31], Ш.М. Исмоилов[32], М.А. Махмудзода[33], У.С. Меликов[34], Ҷ.С. Муртазакулов[35], М.З. Раҳимзода[36], Д.Ш. Сангинов[37], А.В. Золотухина[38] ва дигарон.

---

[30] Диноршоев А.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев, С.М. Салохиддинова. – Душанбе, 2015. 189 с.; Диноршоев А.М. О понятии механизма защиты прав человека// Вестник Московского городского педагогического университета. Серия: Юридические науки. 2015. № 2 (18). С. 18-22; Диноршоев А.М. Гарантии обеспечения и реализации права на предпринимательскую деятельность в Республике Таджикистан// Законодательство. 2015. № 1 (17). С. 10-14.

[31] Гаюров Ш.К Закон Республики Таджикистан "О защите прав потребителей" и вопросы его совершенствования// Законодательство. 2016. № 2 (22). С. 36-39; Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан: монография / Ш. К. Гаюров. Москва, 2010. 360 с.

[32] Исмаилов Ш.М. Вопросы совершенствования правового статуса субъектов предпринимательской деятельности// Евразийский юридический журнал. 2015. № 8 (87). С. 126-130; Исмаилов Ш.М. Законодательство республики таджикистан о малом и среднем предпринимательстве// Правовая жизнь. 2013. № 2 (2). С. 90-105; Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / д.и.ҳ.. проф. Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Деваштиҷ», 2007.

[33] Маҳкам Маҳмудзода. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 саҳ.; Маҳмудов М. А. / Қонун василаи танзимкунандаи ҳаёти ҷомеа – Душанбе: «ЭР- граф», 2012.- 112с.; Тафсири Кодекси граждании ҶТ, қисми 1. / д.и.ҳ., проф. Маҳмудов Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т. ва диг. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. – 1000 саҳ.; Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Эр-граф», 2009. – 620 саҳ.; Ҳуқуқи гражданӣ, қисми-1. / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – 432 саҳ.; Ҳукуқи гражданӣ, қисми-2. / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – 508 саҳ.;

[34] Меликов У.А. К вопросу о понимании категории "объект гражданских прав" в юридической науке и в законодательстве разных стран, включая Республику Таджикистан// Труды Оренбургского института (филиала) Московской государственной юридической академии. 2019. № 41. С. 65-70; Меликов У.А. Интернет- услуги как объект гражданских прав// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2016. № 2/5 (207). С. 206-210.

[35] Муртазакулов Д.С. Принцип добросовестности в гражданском праве: предпосылки и основания появления// Власть Закона. 2017. № 3 (31). С. 157-182; Муртазакулов Д.С., Мирзоев П.И. К вопросу о правовом регулирования инвестиционной деятельности// Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. 2014. № 3. С. 95-100; Муртазоқулов Ҷ.С., Мирзоев И.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми умумӣ. Дастур дар нақшаҳо. – Душанбе, 2010.

[36] Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН «Дониш». 2019. 557 саҳ.; Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 саҳ.; Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимов М.З., Каримов А.Қ. Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол». Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – 184 саҳ..; Забон ва сифати қонун (маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 22 июни соли 2010) / Зери

Ба таҳлили илмию амалии баъзе паҳлуҳои танзими ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат дар мамлакатҳои хориҷӣ олимони зерини ҳуқуқшинос рисолаҳо дифо намудаанд: В.С. Белих[39], А.В. Гридин[40], П.В. Каменева[41], М.В. Курепина [42], А.В. Маслова[43], Э.В. Немченко[44], А.С. Пановой[45], А.Р. Товмасян[46] ва дигарон.

---

таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М. З.-Душанбе: «Шуҷоиён», 2010.-356с.; Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности; теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с.; Раҳимов М.З. Таъмини сифат – талаби замон. – Душанбе: «Ирфон», 1988. – 80 с.

37 Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. - Душанбе: «Меҳрона -2017», 2019. 424 с.; Сангинов, Д.Ш. Особенности предпринимательской деятельности в социально культурной сфере // Материалы Международной научно-практической конференции «Образование и наука в 21 в еке: современные тенденции и перспективы развития», посвященной 70 й годовщине со дня образования Таджикского национального университета (г. Душанбе, 12 ноября 2018 г.). Душанбе, 2018. С. 401-405; Сангинов, Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально культурных услуг: монография / Д.Ш. Сангинов. Душанбе: ЭР граф, 2014. 208 с.; Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми дуюм: китоби дарсӣ / муҳаррирони м асъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе: ЭР граф, 2014. 435 саҳ. [Сангинов Д.Ш. муаллифи боби 9]; Тафсири Қонуни Ҷумҳури и Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: ЭР граф, 2013. 200 саҳ.; Сангинов Д. Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). Воситаи таълимӣ. Душанбе. 2013.-256с.; Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум: китоби дарсӣ / муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе: ЭР граф, 2013. 320 саҳ. [Сангинов Д.Ш. муаллифи бобҳои 12, 13, 15]; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе: «Эр-граф» 2012, -500с.; Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» / зери таҳрири н.и.ҳ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: «Эр-граф», 2012. -152с.

[38]Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2016. – 316 с.; Золотухин А.В. Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[39] Белых В.С. Гражданско-правовое обеспечение качества продукции, работ и услуг: Дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.03 Екатеринбург, 1994 307 с.

[40] Гридин А.В. Гражданско-правовые способы обеспечения качества товаров, работ и услуг: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 Краснодар, 2006. 212 с.

[41] Каменева П.В. Правовое регулирование ограничения монополистической деятельности на рынке товаров, работ и услуг : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Каменева Полина Валерьевна; [Место защиты: Кубан. гос. аграр. ун-т].- Ростов-на-Дону, 2008.- 184 с.

[42] Курепина М.В. Система гражданско-правовых средств обеспечения субъективных прав потребителя на качество и безопасность товаров, работ и услуг : дис. ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Курепина Мария Владимировна; [Место защиты: Моск. акад. экономики и права].- Москва, 2012.- 180 с

[43] Маслова А.В. Правовые аспекты деятельности по обеспечению качества и безопасности продукции : Дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 Москва, 2005. 215 с.

[44] Немченко Э.В. Проблемы правового регулирования отношений, связанных с размещением заказов на поставки товаров, выполнение работ, оказание услуг для государственных или муниципальных нужд путем проведения открытого аукциона в электронной форме : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Немченко Эльвира Викторовна; [Место защиты: Сев.-Осет. гос. ун-т им. К.Л. Хетагурова].- Владикавказ, 2012.- 184 с.

[45] Панова А.С. Правовое регулирование отношений по подтверждению соответствия продукции : Дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 : Казань, 2005. 206 с.

[46] Товмасян А.Р. Обязательства по возмещению вреда, причиненного недостатками товара, работы, услуги : Дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 : Москва, 1999. 206 с.

Асарҳои сивилистикии дар боло зикргардида дар умум ба тадқиқи асосҳои муносиатҳои истеъмолӣ, ба масъалаҳои қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, инкишоф ва мукаммалгардонии он бахшида шудааст. Дар асарҳои мавҷудаи мансуби мавзӯи баррасишаванда аз ҷониби олимон масъалаҳои зерин баррасӣ гардидааст: таносуби ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ҷараёни танзими фаъолияти соҳибкорӣ; таъминоти ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба расонидани хизмати мушаххас ба истеъмолкунандагон; тарзҳои гражданию ҳуқуқии танзими сифати маҳсулот, кор ва хизмат; баҳодиҳии ҳуқуқии сифати кор ва ғ.

Аммо, ба сатҳи омӯзиши доираи муносибатҳои мавҷудбуда оид ба танзими ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат дар сивилистикаи муосири ватанӣ тадқиқотҳои комплексӣ вуҷуд надорад.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятии оид ба танзими ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбанда ва рушдкунанда ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** қонунгузории танзимкунандаи таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии давлат, таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат, инчунин фикру андешаҳои олимон вобаста ба ин мавзӯъ ташкил медиҳад.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии** таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи бахши таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши муқоисавии татбиқи қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста ба мавзӯи баррасишаванда ба анҷом расонида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ коркарди асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосноккунии илмии пешниҳодҳо ва тавсияҳо вобаста ба мукаммалгардонии қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баррасишаванда ба шумор меравад.

**Барои ба мақсадҳо ноил гардидан вазифаҳои зерин гузошта шудааст:**

**-** таҳлили тавсифи умумии хосиятҳои мол, кор ва хизмат ҳамчун нишондиҳандаҳои сифати объекти ҳуқуқи гражданӣ;

– муайян намудани мафҳуми категорияи сифати мол, кор ва хизмат;

– омузиши мафҳуми категорияи бехатарии мол, кор ва хизмат;

– таҳқиқи кафолати сифати мол, кор ва хизмат;

– таҳлили низоми тарзҳои таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат;

– муайян намудани танзими техникии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат;

– омӯзиши тарзҳои шартномавии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат;

– таҳқиқи табиати ҳуқуқии стандартонӣ ва дигар тарзҳои мукаммал намудани сифати мол, кор ва хизмат;

– таҳлили мафҳум ва моҳияти воситаҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқи субъективии истеъмолкнандагон ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат;

– муайян намудани воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат;

- омӯзиши мафҳум ва моҳияти таъмини сифати мол, кор ва хизмат ба воситаи истифодаи чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарӣ;

- таҳқиқи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши моли (кор, хизмат) сифати номатлуб;

- муайян намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат;

– мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар вақти гузаронидани тадқиқоти мазкур маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси донишҳои илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои статистикӣ истифода шудаанд. Дар рафти тадқиқоти рисолавӣ, инчунин усулҳои илмии мантиқи расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таҳлили статистикӣ, таҳлил-контент ва татбиқ истифода шудаанд. Ба ғайр аз ин, дар ин кор усулҳои махсуси илми ҳуқуқӣ, ба монанди усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиқсозӣ корбаст шудааст. Дар маҷмӯъ, истифодаи методологияҳои зикргардида ба гирифтани донишҳои нав оид ба мавзӯи тадқиқот ва ба даст овардани натиҷаи устувори ҷустуҷӯи илмӣ мусоидат намуд.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва ҳалномаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб меравандд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зерин ташкил медиҳанд: Бобоҷонов И.Х., Белих В.С., Бозоров Р.Б., Гридин А.В., Ғаюров Ш.К., Ғафурзода А.Д., Диноршоҳ А.М., Золотухина А.В., Исмоилов Ш.М., Каменева П.В., Курепина М.В., Маслова А.В., Махмудзода М.А., Меликов У.С., Менглиев Ш.М., Муртазакулов Ҷ.С., Немченко Э.В., Пановой А.С., Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш., Товмасян А.Р. ва дигарон.

**Нававарии илмии тадқиқоти рисолавӣ** дар он зоҳир мегардад, ки дар илми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин маротиба пас аз ба даст овардани истиқлолият дар асоси тадқиқоти комплексии назариявӣ-ҳуқуқии масъалаҳои назарияи амалия, асосҳои

консептуалии таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат коркард карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии дар кор бадастомада фаҳмиши илми назариявиро дар соҳаи мазкур васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаи нави ба проблемаҳои ҳуқуқии ба таъмини сифати мол, кор ва хизмат алоқамандро таҳия намоем. Чунин меҳисобем, ки амалигардонии масъалаҳо ва муаммоҳои баррасишаванда ва ҳалшаванда ба батартибдарории муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии мавҷудбуда вобаста ба таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат таъсири мусбӣ мерасонад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

***I. Пешниҳодҳои назариявӣ:***

1. Мол ин маҳсулоти фаъолиятест, ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор таъин гардидааст. Кор ин ҳамагуна фаъолият мебошад, аз ҷумла фаъолияти бо лоиҳакашӣ, сохтмон, нақшакашӣ, кӯчонидан, таъмир ё азнавсозии бино, иншоот ва объектҳо, инчунин омодасозии майдони сохтмонӣ, деворкунии иншоот, насб ва танзими таҷҳизот, инчунин кофтан, корҳои геодезӣ, наворгирии спутникӣ, тадқиқотҳои сейсмологӣ алоқаманд аст. Хизмат ин натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошад, ки ба тағйидиҳии хусусияти неъматҳои моддӣ алоқаманд намебошад.

2. Сифати мол, кор ва хизматрасонӣ чун унсури таркибии фаъолияти соҳибкорӣ дар илми хуқуқшиносӣ ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида шавад. Сифат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, ки объекти ҳуқуқи гражданиро тавсиф мекунад, дар худ ҳуқуқи яке аз иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ – истеъмолкунандаро ифода менамояд, ки ба уҳдадории дигар иштирокчӣ – соҳибкор вобаста аст. Ба ақидаи мо сифат – ин маҷмӯи хусусиятҳо, аломати мол, кор ва хизмат мебошад, ки қобилияти онҳоро вобаста ба қонеъ намудани талаботҳо ва дархостҳои истеъмолкунанда, ба таъиноти худ ва талаботҳои пешниҳодшуда мувофиқат намудантаносуб мекунад. Дар зери

мафҳуми мол, кор ва хизматрасонии босифат бошад – маҳсулоте фаҳмида мешавад, ки ба шартнома ва талаботи ҳатмии қонун мувофиқ аст, ки онро аз рӯи таъиноташ ба пуррагӣ бе коркарди дахлдор истифода бурдан мумкин аст.

3. Барои фаҳмидани моҳияти сохтори ҳуқуқ ба бехатарии мол, кор ва хизмат донистани таркиби соҳибҳуқуқии дорандаи ҳуқуқ кофӣ нест, инчунин зарур аст, ки моҳияти категорияҳои ҳуқуқии сифат ва бехатариро дарк намоем. Дар робита бо ин, хулоса намудан мумкин аст, ки сохтори ҳуқуқии тадқиқшавандаи ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунанда ба сифат ва ба бехатарии мол, кор ва хизмат дар худ се унсури ба ҳам алоқамандро фаро мегирад: (1) категорияҳои ҳуқуқии дахлдори «сифат» ва «бехатарии» мол, кор ва хизмат; (2) мафҳум ва мазмуни ин ҳуқуқҳо дар намуди маҷмӯи муайяни соҳибҳуқуқии ба ҳам алоқаманд; (3) ишора ба ҷои онҳо дар низоми умумии ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунанда, ки хусусияти робитаи мутақобиларо байни ҳуқуқҳои субъективӣ дар дохили низоми умумии ҳуқуқҳои истеъмолкунанда муайян мекунад.

4. Дар робита бо ин гуфтаҳо ба назар мерасад, ки бехатарии мол, кор ва хизмат яке аз унсурҳои таркибии сифати мол мебошад. Оид ба таносуби мафҳумҳои мазкур ҳарф зада, хулоса намудан лозим аст, ки категорияи бехатарии мол, кор ва хизмат аз категорияи сифати мол кор ва хизмат маҳдудтар мебошад. Мутаносибан категорияи сифати мол, кор ва хизмат  нисбати бехатарӣ васеътар мебошад.

5. Дар механизми таъминоти ҳуқуқии сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат ҳуқуқи гражданӣ танҳо як самтро дар худ фаро мегирад. Барои ҳалли комплексии масъалаҳои мазкур робитаи мутақобилаи як қатор соҳаҳои ҳуқуқ: маъмурӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ ва ғ. зарур аст,аммо ба ҳуқуқи гражданӣ дар вақти таъмини сифат бояд бартарият дода шавад; ин бо он алоқаманд аст, ки тарзҳои гражданӣ-ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат дар шароити иқтисоди бозаргонӣ амалкунанда мебошад.

6. Сифат, ҳамчун категорияи комплексӣ таъсисдиҳии арзишҳои рӯҳии шахсиятро бо тарбияи ҳиссиёти ғурур ва патриотизми касбӣ мусоидат месозад. Истеъмолкунанда мол, кор ва хизмати босифатро ба даст оварда, имконияти дар ҳаҷми пурра таъмин намудани талаботи ҷисмонӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботҳоро ба даст меорад, ба туфайли ҳуқуқ ҳимояи воқеии манфиатҳои худро дар вақти фурӯши моли (кор, хизмати) сифатан матлуб ба даст меорад. Ҳамин тавр, ҷараёни гузариш аз таъмини сифати мол, кор ва хизмат ба таъмини сифати зиндагӣ дар маҷмӯъ ба вуҷуд меояд. Сифат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, ки объекти ҳуқуқи граждаииро тавсиф мекунад, дар худ ҳуқуқи яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро барои бадасторӣ, соҳибӣ, истифода ва истеъмоли мол, кор ва хизмат, ки ба талаботи оқилона ва кофии истеъмолкунанда (фармоишгарон), фаро мегирад, инчунин уҳдадориҳои дигар иштирокчиёнро вобаста ба таъмини дороиҳои моддии дахлдори муқаррарнамудаи талабот фаро мегирад ва таваккали расонидани зарарро дар вақти истифода ё истеъмоли дахлдори онҳо истисно мекунад.

7. Нақши нишондоди сифати объектҳои ҳуқуқи граждаиӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар ҷараёни муайянсозии сифати мол, кор ва хизмат тавассути шумора зинаи муҳимтарин ба шумор рафта, онҳо имкон медиҳанд, ки сифати мол, кор ва хизматро аз рӯи шумора муайян намоянд. Дар илми ҳуқуқӣ имконпазир донистани истифодаи мафҳуми «нисбатан сифати муайян», ки он фарогирандаи хусусиятҳои чигунагии мол, кор ва хизмат дар доираи сифат буда, ҳадди поёнии он аз ҷониби давлат бо ёрии талаботҳои ҳатмии стандартҳо ва низомномаи техникӣ маҳдуд карда шудааст.

8. Бо дарназардошти ҳуқуқи истеъмолкунанда ва уҳдадориҳои контрагентҳои он тибқи қонунгузорӣ, тавсифи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон метавон маҷмӯи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва контрагентҳоро дар низоми ҳуқуқҳои субъективӣ баррасӣ намуд.

Мафҳуми калимаи «низоми» дар боло зикргардидаро ба инобат гирифта, низоми ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунандагонро ҳамчун маҷмӯи ҳуқуқҳои ба ҳам алоқаманди истеъмолкунандагон муайян намудан мумкин аст, ки он дар соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дарҷ гардидааст.

9. Муаллиф таваккали баланди расонидани зарарро ҳамчун эҳтимолияти расонидани зарар пеш аз ҳама дар он ҳолате баррасӣ менамояд, ки вақте истифодаи мол, натиҷаи кор, хизмат наметавонад ба таври пурра зери назорати субъекти ҳуқуқи гражданӣ бошад ва (ё) донишҳои махсусро талаб намояд.

10. Дар механизми таъминоти ҳуқуқии сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат ҳуқуқи гражданӣ танҳо як самтро дар худ фаро мегирад. Барои ҳалли комплексии масъалаҳои мазкур робитаи мутақобилаи як қатор соҳаҳои ҳуқуқ: маъмурӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ ва ғ. зарур аст, аммо ба ҳуқуқи гражданӣ дар вақти таъмини сифат бояд бартарият дода шавад; ин бо он алоқаманд аст, ки тарзҳои гражданӣ-ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат дар шароити иқтисоди бозаргонӣ амалкунанда мебошад.

11. Баҳсҳоро вобаста ба масъалаҳои илмию техникии сифат, стандартонӣ ва сертификаткунонӣ ба баррасии мақомотҳои махсусан таъсисдодашудаи тобеъияти маъмурӣ (дар сатҳи Тоҷикстандарт) супоридан мувофиқи мақсад аст.

12. Самаранокии татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба сертификаткунонӣ дар паҳлӯи омилҳои ташкилӣ-техникӣ, иқтисодӣ ва дигар омилҳо нигоҳ дошта мешавад, аз ҷумла дар сатҳи давлатӣ ба таври кофӣ мақомотҳо оид ба сертификаткунонӣ, озмоишгоҳҳои санҷишӣ (марказҳо) таъсис дода нашудааст; механизми ҳавасмандгардонии иқтисодии (моддии) истеҳсолкунандаҳо оид ба гузаронидани сертификаткунонии маҳсулот ва хизмати худӣ коркард карда нашудааст; корхонаҳо чун қоида ба сертификаткунонии истеҳсоли маҳсулот ва низоми идоракунии сифат аз сабаби сатҳи пасти

таъминоти моддию техникӣ омода нестанд; ҳуҷҷатгузории меъёрӣ вобаста ба стандартонӣ дар бисёр ҳолатҳо ба мақсади сертификатсиякунонӣ мувофиқ нест.

13. Дар замони муосир яке аз воситаҳои поймол кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба сифат ва бехатарии мол, кор, хизматрасонӣ интернет мебошад. Вайронкуниҳои асосии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариди мол (кор, хизмат) дар Интернет инҳоянд: фурӯши мол (кор, хизмат)-и бесифат ва хатарнок, ки ба талаботи ҳатмӣ ҷавобгӯ нест; нарасонидани мол (кор, хизмат) тибқи шартномаи бадастовардашуда; вайрон кардани муҳлати расонидани мол (кор, хизмат); фурӯши мол (кор, хизмат)-и дорои сифати паст ё мол (кор, хизмате), ки ба тавсиф (интизорӣ) мувофиқат намекунад; иштибоҳан гумроҳ кардани истеъмолкунанда оид ба хосиятҳои истеъмолии мол; пинҳон кардан ё нопурра ифшо кардани маълумот дар бораи фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда); саркашӣ аз баррасии талаботи истеъмолкунанда; барнагардонидани (саркашии баргардонидани) маблағҳои истеъмолкунанда; рад кардани пардохти зарар (ноустуворона) ба истеъмолкунанда.

Аз ин рӯ, зарур аст маърифати рақамии истеъмолкунандагон баланд бардошта шавад, то истеъмолкунандагон тамоми доираи технологияҳои Интернетиро истифода баранд, дар бораи мол (кор, хизмат) дар Интернет маълумот пайдо кунанд, дуруст арзёбӣ кунанд ва интихоби оқилона ҳангоми харид дар мағозаи онлайн, инчунин дорои малакаҳои муҳофизатӣ аз таҳдидҳои Интернетӣ бошанд.

14. Яке аз масъалаҳои мубрами бозори истеъмолӣ истеҳсол (фурӯши) мол, кор ва хизмати қалбакӣ мебошад. Истеъмолкунандагон ҳуқуқ доранд талаб кунанд, ки ҳамаи мол, кор ва хизмат босифат бошад ва ҷавобгӯи талаботи ҳатмӣ нисбати онҳо пешниҳодшаванда бошанд, аз ҷумла ба истеъмолкунанда маълумоти пурра, боэътимод ва истеъмолкунандаро гумроҳнакунада расонида шавад.

15. Шахсони маъюб ҳамчун истеъмолкунанда дар муомилоти гражданӣ мавқеи осебпазир доранд. Чунки субъектҳои соҳибкорӣ шароити ғайритаъбизӣ ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ барои харидории намудҳои мухталифи мол (кор, хизмат) фароҳам намеоранд. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо мақсади баланд бардоштани дастрасии истеъмолкунандагон – маъюбон ба мол (кор, хизмат) муқаррароти махсус ҷойгир намудан зарур аст.

16. Барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ҳамчун истеъмолкунанда пешниҳод карда мешавад: ба соҳаҳои зерин, ки барои саломатии истеъмолкунандагон муҳим мебошанд, аз қабили озуқаворӣ, хизматрасонии тиббӣ, обтаъминкунӣ, маводи доруворӣ, барқтаъминкунӣ ва хизматрасонии коммуналӣ афзалият дода шавад ва хусусияти хизматрасонии сайёҳӣ ба назар гирифта шавад; сиёсати истеҳсоли маҳсулоти сифатан кафолатдодашуда татбиқ карда шавад; сиёсати ба таъмини дастрасии мол, кор ва хизмати баландсифат ва бехатар бо тамғагузорӣ пурра ва боэътимоди он нигаронидашуда татбиқ гардад; ба таҳия ва рушди барномаҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ дар ин самтҳо мусоидат карда шавад; механизми хариди санҷишии мол, кор ва хизмат ҷорӣ карда шавад.

***II. Пешниҳодҳои амалӣ.***

17. Стратегияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад, ки масъалаҳои зеринро дарбар мегирад: муқаррароти умумӣ; арзёбии ҳолати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; мақсад, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки татбиқи Стратегия; Натиҷаҳои чашмдошт;

18. Барои таъмини ҳуқуқи истеъмолкунанда ба фавран бартараф кардани камбудиҳои мол муаллиф пешниҳод менамод, ки дар Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар нашри зерин илова карда шавад: «Агар муҳлати бартараф кардани камбудиҳои мол

дар созишномаи шакли хаттии тарафҳо муайян нагардида бошад, ин камбудиҳо аз ҷониби истеҳсолкунанда (аз ҷониби фурӯшанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, интиқолдиҳанда) фавран бартараф карда шавад, аммо дар ҳама ҳолат аз муҳлати на зиёдтар аз понздаҳ рӯз».

19. Зарур аст, ки бо тартиби қонунгузорӣ суғуртакунии ҳатмии таваккали масъулияти фурӯшандаро (истеҳсолкунанда, пудратчӣ. иҷрокунанда) дар вақти фурӯши мол (кор, хизмат), ки таваккали баланди расонидани зарарро фаро мегирад, барои расонидани зарар ба шахси сеюм бо норасоии мол, кор ва хизмат ҷорӣ намоем.

20. Қонунгузории танзимкунандаи сифати мол, кор ва хизматрасониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсия, Кодекси гражданӣ, Қонунҳо «Дар бораи стандартонӣ», «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Барои мушаххас намудани мафҳуми сифати мол, кор ва хизматрасонӣ пешниҳод менамоем, ки дар санадҳои танзимкунандаи масоили мазкур чунин мафҳум ворид карда шавад: «Сифати мол, кор, хизматрасонӣ - маҷмӯи хусусиятҳои фоиданоки техникӣ, иқтисодӣ ва дигар хусусиятҳои умумии фоиданоки мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад, ки дар ҳама зинаҳои давраҳои мавҷудияти он ба вуҷуд омадааст ва дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ ва шартҳои шартнома дарҷ гардидааст. Дар зери мафҳуми мол, кор ва хизматрасонии босифат бошад – маҳсулоте фаҳмида мешавад, ки ба шартнома ва талаботи ҳатмии қонун мувофиқ аст, ки онро аз рӯи таъиноташ ба пуррагӣ бе коркарди дахлдор истифода бурдан мумкин аст.

21. Пешниҳод карда мешавад, ки дар кишвар Низоми мустақили экспертизаи сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат ташкил карда шавад, ки ҷалби коршиносонро дар равандҳои ҳимояи истеъмолкунандагон афзоиш медиҳад, феҳрист ва рейтинги ҷамъиятии ташкилотҳоро ташкил медиҳад, экспертизаи мустақили сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматро анҷом медиҳад, натиҷаи чунин

экспертизаро дар манбаи иттилоотии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи истеъмолкунандагон ҷойгир менамояд, ташкил карда шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалияи** натиҷаҳои тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мавқеи рисоланавис ба ҳалли масъалаҳои ошкоргардидаи таъсиси асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои тадқиқоти маҷмӯи масъалаҳои хусусияти илмию назариявӣ ва амалидошта мансубият дорад. Аз ҷониби муаллиф хулоса, муқаррарот ва тавсияҳои нав таҳия гардидааст, ки онҳо метавонанд ба инкишофи минбаъдаи илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ мусоидат намоянд.

Натиҷаҳои тадқиқотро дар фаъолияти меъёрэҷодкунии мақомотҳои давлатии ҶТ вобаста ба мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат равона гардидааст, дар ҷараёни таълимӣ дар вақти додани фанҳои «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи бонкӣ», «Ҳуқуқи сайёҳӣ» ва курсҳои махсус метавон истифода намуд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузоштashуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли чорум бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

## ФАСЛИ 5

## Мушкилоти танзими шартномавӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда.** Яке аз вазифаҳои муҳимме, ки дар назди ҷамъият меистад, ин таксимоти самараноки захираҳои маҳдуд мебошад. Ду роҳи муносибат барои ҳалли ин масъала ҷой дорад – нақшавӣ ва бозорӣ. Дар қиболи аввал идоракунии сарварии иқтисодиёт анҷом дода мешавад. Саволҳои: Чӣ истеҳсол кардан. Чӣ гуна истеҳсол кардан ва барои кӣ истеҳсол кардан дар назар диди Ҳукумат қарор дорад. Бо роҳи дуюм ин сааволҳо бо фаъолияти озоди шахсони алоҳида ҳалли худро меёбанд.

Бо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ ниёз ба ҷустуҷуйи роҳҳои нави меёрҳои таъсиррасонӣ ба ҳаёти хоҷагии ҷомеа ба вуҷуд меоянд. Вазифаи асосӣ дар ин самт ташкили шароите, ки дар он шаҳрвандони Тоҷикистон тавонанд маблағ кор кунанд. Мавлағкоркунӣ ҳам ба манфиати худ ва ҳам барои пешрафти иқтисодиёти кишвар мусоидат кунад.

Дар ин шароит дар назди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ вазифаи таҳқиқи шакли ҳуқуқии шартномаҳои соҳибкорӣ ва амалияи он меистад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Дар илми ватании муосир мавҷудият ва зарурияти объективии шартномаҳои соҳибкорӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ ҷой мегирад, ки шартномаҳои алоҳида соҳаи гражданиро муттаҳид месозад. Локин мафҳум ва мавқеи ин шартномаҳо дар низоми ҳуқуқи гражданиӣ то ҳол аниқ нашудаанд ва ё пурра ҳалли худро наёфтаанд. Ҳалли ин масъалаҳо мақсади асосии таҳқиқоти илмии мазкур маҳсуб меёбад.

Барои ноил гаштан ба ҳалли масъалаҳои гузошташуда пеш аз ҳама кушиши ҳалли масъалааҳои зерзикршударо муҳим аст:

1. Сабткунии таааллуқияти соҳавии меъёр оид ба шартномаҳои соҳибкорӣ.

2. Муайян кардани соҳаи истифодаи меъёр оид ба шартномаҳои соҳибкорӣ дар ҳуқуқи гражданӣ.

3. Кушодани моҳияти гражданӣ-ҳуқуқии шартномаҳои соҳибкорӣ дар асоси таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ.

4. Ошкоркунии низомнокии омилҳои шартномаҳои соҳибкорӣ.

5. Муайн кардани муносибати байни шартномаҳои соҳибкорӣ бо дигар намудҳои шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ.

**Объект ва предмети таҳқиқот.** Ба ҳайси объекти таҳқиқоти мазкур шакли гражданӣ-ҳуқуқии шартномаҳои соҳибкорӣ баромад мекунанд, ки дар муҳити меъёрӣ, таҷрибаи судӣ ва рафтори ҳуқуқистифодабарандагони муносибатҳои соҳибкорӣ амалӣ мегардад. Аз ин объекти умумии омузиши таҳқиқот предмети он мушаххастар ҷудо мегардад. Он дар сарҳади рафтҳо қарор гирифта ба ташаккули шартномаҳои соҳибкорӣ ҳамчун институти ҳуқуқии муттаҳидсозандаи шартномаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

**Асоси методологии таҳқиқотро** усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд. Аз қабили – таърихӣ, расмӣ-мантиқӣ, низому сохторӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигарҳо. Барои ҳалли масъалаҳои мушкили назариявӣ ба усулҳои фалсафии ҷузъу кул, мундариҷа ва шакл, қисмҳо ва том ва ҳоказо такя шудааст.

Манбаи назариявии таҳқиқоти мазкур инҳоянд:

1. Корҳо дар самти методологии умумии таҳқиқотҳои илмӣ ва методологияи таҳқиқотҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла таҳқиқотҳои К. Маркс Ф.Энгелс, Э. Иленков, С. Алексеев, Г. Еллинек, Д. Керимов, М. Коркунов, Л Петрожицкий.

2. Корҳо дар самти масъалаҳои умумии ҳуқуқи гражданӣ, аз ҷумла таҳқиқотҳои М. Брагинский, М. Гордон, В. Дозортсев, О.

Иоффе, А. Кабалкин, О. Красавчиков, В. Мозолин, В. Райхер, Е. Суханов, Ю. Толстой, В. Яковлев.

3. Корҳои ба таҳқиқи шартномаҳои соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ бахшидашуда, аз ҷумла таҳқиқотҳои А. Бризгалин, Е. Богданов, В. Витрянский, В. Попондопуло, Б. Пугинский, В. Ровний, О. Садиков, А. Шерстобитов.

Асоси эмперикӣ барои навиштани кор ҳукм ва ҳалномаҳои судҳои салоҳияташон умумӣ ва судҳои иқтисодӣ роҷеъ ба парвандаҳои мушаххас ва инчунин фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии иштирокчиёни муносибатҳои гражданӣ баромад карданд.

**Навовариҳои илмии таҳқиқот** аз муайянкунии шартномаҳои соҳибкорӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ, ки дар ҳуқуқи соҳибкорӣ зери таъсири рақобат бо роҳи якҷоякунӣ дар банди мушаххаси шартнома, нақшавӣ бастани шартнома аз як ҷониб ва ё ҳарду тараф барои бадастоварии фоида дар шакли мунтазам ва ҳамавақтӣ, иборат мебошад.

Дар ин алоқамандӣ ба ин **навгониҳои зерин** пешниҳод карда мешаванд:

1. Асосноккунии иловагӣ барои ҷонибдории хулосаҳо оиди он ки - меъёрҳои шартномаҳои соҳибкорӣ бо муносибатҳои гражданӣ танзим мешаванд, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандӣ доранд. Аз ин бармеояд, ки ирсоли пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории гражданӣ ва инчунин аз нав дидабароии таҷрибаҳои судий баҳри хориҷкунии гуногунфаҳмиши мафҳумҳо зимни муқаррар кардани самти меъёр оид ба шартномаҳои соҳибкорӣ ва таҷрибаи васеъмаънидодкунии онҳо амри зарурист.

2. Асосноккунии хулоса дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ аз маҷмӯи амали намудани шартномахо иборат аст. Дар ин робита: а) ихтилоф бо мансубияти истеҳсоли мол ба фаъолияти соҳибкорӣ; б) дохил кардан ба пердмети фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо аҳдҳое, ки

ба истифодаи моликият, фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ равона шудаанд, балки ахде, ки ба даст овардани онҳо иборат аст.

3. Муайян кардани ду намуди робитаҳои байни аҳдҳои инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд. Мунтазамӣ ва доимӣ. а) эътирозҳо ба тафсирҳои васеи фаъолияти соҳибкорӣ, бо ишора ба он, фурӯши муваққатии молҳо бо нархи арзон барои ғасби бозор, фурӯши молҳое, ки барои истеъмоли шахсӣ харида мешаванд, вобаста ба гум шудани эҳтиёҷот ба онҳо, ҷойгир кардани маблағҳо дар амонат дар бонк ва ғ. Мунтазамии фаъолияти соҳибкорӣ маънои онро дорад, ки аҳдҳо тибқи нақшаи муайян бо, ба даст овардани фоида анҷом дода мешаванд. Доимӣ хусусияти пайваста ва такроршавандаи раванди ба он алоқамандро ифода мекунад. б) ҷудо намудан  ва ифодаи муносиби банақшагирӣ ва доимияти дар сатҳи консептуалӣ.

4. Таърифи фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун "фаъолият иборат аз амалисозии маҷмӯи муомилоти ба ҳам алоқамандест, ки барои ба даст овардани фоида нигаронида шудааст."

5. Таърифи шартномаи сохибкорӣ ҳамчун "шартнома, ки мунтазам аз ҷониби як ё ҳарду тараф барои ба даст овардани фоида ба таври доимӣ баста мешавад."

6. Хулоса дар бораи он, ки омилҳои такягоҳи шартномаи соҳибкорӣ дар рақобати муштарак ифода меёбанд - дар асоси ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобилаи муносибатҳои дарозмуддати иқтисодӣ, ки ҳангоми амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ дар байни субъектҳои рақобат инкишоф меёбанд.

7. Хулосае, ки дар зери таъсири рақобат дар ҳуқуқи гражданӣ ду гурӯҳи меъёрҳо ташаккул меёбанд, ки хусусиятҳои ҳуқуқии шартномаи соҳибкориро муайян мекунанд. Гурӯҳи якуми меъёрҳо ба рушди рақобат мусоидат намуда, ба дӯши қарздор ухдадории  баландтари ғамхорӣ ва эҳтиёткориро вогузор намуда, махдудияти озодии

кредиторро дар ҳудуди бовиҷдонӣ ва оқилона маҳдуд мекунад. Гурӯҳи дуюми меъёрҳо дар асоси рақобати муштарак ташаккул додани ҳама гуна созишномаҳоро пешгирӣ мекунад, ки метавонанд барои иқтисодиёт оқибатҳои манфӣ дошта бошанд.

8. Хулоса, ки дар намудҳои алоҳидаи муносибатҳои сохибкорӣ таъсири омилҳои рақобат чунон шадид зоҳир мешавад, ки боиси пайдоиши шакли махсуси ҳуқуқӣ мегардад, ки унсурҳои созишномаи силлагматикӣ ва таъиноти умумиро дар бар мегирад.

9. Асосгирии чораҳо оид ба такмили қонунгузории граждани барои баррасии пурратари амали омилҳои рақобат, ки дар бастан ва иҷрои созишномаи соҳибкорӣ зоҳир мешавад: а) хулоса дар бораи мақсаднокии дароз кардани муқаррароти зерин ба шартномаи сохибкорӣ: «Шартномаи сохибкорӣ дар сурати мавҷуд набудани мувофиқа дар бораи ҳама шартҳои асосӣ ё номувофиқии онҳо, агар аз рафтори минбаъдаи тарафҳо бароядкки онҳо мехоҳанд худро бо ин шартнома бастагӣ диҳанд, эътироф карда мешавад. Дар ин ҳолатҳо, муносибатҳои тарафҳо тибқи шартҳои мувофиқашудаи шартнома ва аз ҷиҳати номукаммалӣ ё номувофиқии ин шартҳо - бо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва урфу одатҳои сохибкорӣ танзим карда мешаванд ." б) асосноккунии зарурати муқаррар намудани меъёри зерин нисбат ба шартномаи сохибкорӣ: «Дар ҷараёни бастани шартномаи соҳибкорӣ, тарафҳо вазифадоранд қоидаҳои урфу одатҳои сохибкориро риоя кунанд, ки ба меъёрҳои қонунгузории гражданӣ мухолифат надоранд ва ба виҷдон ва таҷрибаи одилонаи соҳибкорӣ иртибот доранд. Аз ҷумла, бидуни нияти дуруст барои бастани созишнома, қасдан ба таъхир андохтани гуфтушунид, сари вақт огоҳ накардани ҳалли ихтилофҳо ё даст кашидан аз шартнома манъ аст. Агар ин талабот иҷро карда нашавад, ҷониби гунаҳкори вайронкориҳои содиршуда вазифадор аст зарари ба тарафи дигар

расонидашударо ҷуброн кунад »; в) далелҳо барои дастгирии ҷорӣ намудани меъёри зерин барои шартномаи сохибкорӣ: Дар созишномаи соҳибкорӣ метавонад ӯҳдадории тарафҳо дар бораи бастани чунин созишномаҳо бо шахсони дигар ва (ё) даст кашидан аз фаъолият дар қаламрави муайяне, ки ба ҳамин мавзӯи шартномаи соҳибкорӣ монанд аст, пешбинӣ карда шавад”; г) шарҳи шартномаи соҳибкорӣ ҳамчун як институти ҳуқуқие, ки дар фасли мушаххаси функсионалӣ ташкил шудааст. Дар доираи ин тафсир мавҷудияти мувозии институтҳои ҳуқуқие, ки хусусиятҳои ҳадафи ҳуқуқиро ифода мекунанд ва институтҳои ҳуқуқие, ки хусусиятҳои муносибатҳои иқтисодиро дар низоми ҳуқуқи шартномавӣ ба назар мегиранд, ҳамчун як падидаи дарки субъективӣ тафсир карда мешавад, ки хусусияти маҳдуди донишро дар бораи ин система ва манфиатҳои хоси назариявӣ ва амалии ҳуқуқи соҳибкорӣ, инъикос мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти илмӣ** дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он додашуда метавонанд дар фаъолияти таҳияи қонунгузорӣ, ки ба такмили қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ нигаронида шудаанд, бо таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи баррасишаванда, инчунин дар адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методикӣ истифода шаванд. Маводи илмӣ метавонад дар амалияи татбиқи қонунгузории судҳо ва иштирокчиёни муомилоти гражданӣ истифода шавад.

## ФАСЛИ 6

### Проблемаҳои танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои граждании соҳибкорони инфиродӣ оид ба иттилоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Актуалӣ будани мавзӯи тадқиқоти илмӣ дар он ифода мегардад, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон (шахсони воқеӣ) дар алоқаманди бо эътирофи субъекти ҳуқуқи иттилооти гражданӣ тағйир меёбад, яъне онҳо аллакай соҳиби на танҳо ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ мебошанд, ки дар м.19 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КГ ҶТ) пешбинӣ гардидаанд. Мувофиқи м.30, 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қ.2, м.140 КГ ҶТ шаҳрвандони кишвар, инчунин метавонанд ба иттилоот дастрасӣ дошта бошанд, ихтиёрдорӣ намоянд, эҷод кунанд ва паҳн намоянд. Чунин имконият хусусан дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ басо назаррас аст. Мустақилият, ташаббускорӣ ва тавакалии фаъолияти соҳибкори инфиродиро бе ҷузъҳои таркибии иттилоот тасаввур кардан номумкин аст.

Аммо, таваҷҷӯҳ ба танзими гражданӣ-ҳуқуқии чунин муносибатҳо бо ин маҳдуд намешавад.

Дастгирии иттилоотии соҳибкорӣ ва ташаккули бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ, яке аз масъалаҳои муҳимтарине мебошад, ки ҳадафи асосии Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 буда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №201 тасдиқ карда шудааст. Чунин намуди дастгирӣ маънои ӯҳдадории давлатро, на танҳо дар таъмини ҳуқуқҳои иттилооти граждании соҳибкорони инфиродӣ, балки воқеан барқарор кардани ҳуқуқҳои

иттилоотии поймолгаштаро бо роҳи ҳимояи мурофиавии адолати судӣ дар назар дорад.

Аммо, бо иҷрои дурусти ин масъулиятҳо мушкилоти зиёде низ ҷой доранд. Мувофиқи маълумоти мақомоти ваколатдори ҶТ, шумораи соҳибкорони инфиродӣ сол то сол афзуда истодаанд, аммо ин фазои иттилоотиро беҳтар нанамуда, ба ташаккули бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ мусоидат намекунад. Маълум мешавад, ки шумораи зиёди васоити ахбори оммаи хусусӣ (ВАО) ба муомилоти фаъоли иттилоот мусоидат намекунад. Мушкилотҳо асосан дар самти риоя накардани мӯҳлатҳои пешниҳоди маълумот, бо дастрасии нопурра ба он, даст кашидан аз он, инчунин дар бораи он, ки аксарияти сайтҳои мақомоти давлатӣ асосан расмӣ мебошанд, зеро онҳо маълумоти зарурӣ надоранд, ҷой доранд.

Меъёрҳои зиёди Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадориҳоро доир ба додани маълумот пешбинӣ менамояд. Ҳамин тавр, мувофиқи м.530 КГ ҶТ, фурӯшанда бояд харидорро бо маълумоти воқеъ, саҳеҳ ва боэътимод дар бораи маҳсулот таъмин намояд, боз м.531 ба фурӯшанда-соҳибмулки мошинҳоро ӯҳдадор мекунад, ки соҳиби мошинҳо дар танаи мошина маълумотро дар бораи фурӯшанда, ҷой, тарзи кор ва ғайра ҷойгир кунад. Албатта, ӯҳдадорӣ оид ба пешниҳоди маълумот дар бисёр меъёрҳои Кодекси гражданӣ пешбинӣ шудааст, аксар вақт он иҷро намегардад ё иҷро карда мешавад, аммо на дар сатҳи зарурӣ.

Дар навбати худ, дастрасии номаҳдуд ба иттилоот, сирри тиҷоратии шахси воқеӣ соҳибкор боиси суйистифода аз ҷониби инсайдерон мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо ба чунин хулоса омадем, ки ниёз ба дастгирии иттилоотӣ соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иттилооти граждании шахсони мазкур бо мақсади эҷоди тавозуни оқилона байни

озодии иттилоот ва ҳифзи иттилооти дастрасии маҳдуд (IOD) мебошад.

Барои он ки ҷомеаи тиҷоратӣ эътироф карда шавад, чун як муассисаи муассир ва рушдёфта дар муносибат бо давлат ва истеъмолкунандагон бояд пеш аз ҳама бо сабаби зудҳаракатии худ соҳибкорони инфиродӣ фаъол бошанд. Ва агар онҳо аз як тараф, ҳамчун объекти таъсиркунанда барои ташаккули ҷомеъаи тиҷоратӣ бошанд, аз тарафи дигар ҳамчун субъекти ҳуқуқи иттиооти гражданӣ баромад мекунанд.

Маҳз барои ҳамин дар баъзе муқарраротҳои (бандҳои 20, 26, 39 - 40 ва ғайра) Тадқиқоти мақсадноки миллии консепсияи таҳқиқот оид ба масъалаҳои рушди инсон, дастгирии минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои 2013- 2028 нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, аҳамияти тадқиқоти пешниҳодшуда чунин нест бинобар мушкилиҳои муосир, ки пайдошавандаанд ва ба вуҷуд меоянд, шубҳанок аст дар фазои иттилоотӣ ва дар байни соҳибкороне, ки нестанд метавонанд тиҷорати худро бидуни ҳимояи дақиқи иттилооташон рушд диҳанд.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Дар муддати тӯлонӣ ҳимояи ҳуқуқии иттилооти гражданӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи омӯзиши ӯ баррасӣ карда шуда, усулҳои инфиродӣ, ки субъектҳо мустақилона (чораҳои мудофиа ва амалиёт) ё бо роҳи муроҷиат ба мақомоти ваколатдор амалӣ мекарданд. Объективона вазъиятро баҳо диҳем агар, бисёр муаллифон навиштаанд, ки чораҳои мавҷуда оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои иттилоотии гражданӣ комил нестанд (Ш. Т. Тагайназаров, Ш. М. Менглиева ва дигарон).

Ба таври воқеӣ арзёбӣ кардани вазъ, аз оғози солҳои 90-ум, гурӯҳе аз

муаллифон зарурати такмил додани механизме, ки тавассути он соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқи худро оид ба ҳимоя ва таҳияи равишҳои нав дар танзими давлатии муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба муносибатҳои хусусӣ муайян мекунанд, қайд кардаанд(В.А. Ойгензихт, Ш.М. Исмоилов ва дигарон). Дар робита ба ин тадқиқот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар аснои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон басо назаррас мебошад. Муаллиф асоснокона таъкид мекунад, ки дар айни ҳол назарияи ҳифзи ҳуқуқи иттилооти граждании субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Бисёре проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои иттилоотӣ гражлании соҳибкорони инфиродӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд (Ахунов Б.Ю.). Таҳлили масъалаҳои асосии таъмини ҳуқуқии

соҳибкорони инфиродиро, муҳаҳиқи дигар ба баъзе масъалаҳои вазъи ҳуқуқӣ, доираи ҳуқуқҳо ва вазифаҳо, низоми ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои давлатии танзими тиҷоратии соҳибкорони хурд, диққати ҷиддӣ зоҳир карда, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқҳои соҳибкорони инфиродиро сарфи назар кардааст (Ф.А.Маҳмадшоев).

Рисолаи мазкур яке аз аввалин рисолаи илмие мебошад, ки дар тахлили илмии васеъ дар бораи ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар рисолаи илмӣ ба таври васеъ маҷмӯи салоҳиятҳои иттилоотии соҳибкорони инфиродӣ барои дастрасӣ, таъсис, доштан, ихтиёрдорӣ кардан ва паҳн кардани маълумот дар муомилоти гражданӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар рисолаи илмии зикршуда моҳияти ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотӣ гражданӣ ва механизми амалишавии онҳо муайян карда мешаванд. Хулоса таҳқиқот ба таври назаррас ва амиқтар кардани донишҳои мавҷуда оид ба ҳуқуқҳои иттилоотӣ гражданӣ мақоми хоса мебозад, ки банди 4.4. "Илми ҳуқуқшиносӣ" сикли 4 " Илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии Рӯйхати

самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 04.12.2014, № 765) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти рисола**. Мақсадҳои таҳқиқи рисола инҳоянд: таҳлили муқарраротҳои назариявӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, маводҳои таҷрибавӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои иттилоотӣ грждании соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт вобастаанд.

Барои ноил шудан бамақсадҳои гузошташуда лозим аст вазифаҳои зерин баррасӣ карда шаванд:

- мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ муайян карда шаванд;

- тавсифи умумии ҳимояи ҳуқуқии онҳо нишон дода шаванд;

- мафҳум ва хусусиятҳои воситаҳои ҳимофи ҳуқуқҳои иттилотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ асоснок карда шаванд;

-нишондода шавад, хусусиятҳои комплексии худҳимоявии ҳуқуқҳои иттилотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ;

- шарҳи мукаммали хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалиро дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омӯхташаванда, таҳия карда шаванд;

**Объекти таҳқиқоти илмӣ** муносибатҳои ҷамъиятӣ, марбут ба танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждани соҳибкорони инфиродӣ ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсиониро** проблемаҳои марбут ба эътироф ва ҳифзи ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ, нуқтаи назари илмӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ин муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин таҷрибаи истифодаи ҳуқуқ дар соҳаи омӯхташаванда ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти илмиро** ташкил медиҳад система принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои қонуниятҳои чунин намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бораи ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ, ки ба эътироф ва ҳифз вобастаанд. Аз усулҳои умумии таҳқиқот усулҳои таҳлил, мушоҳидаҳои оморӣ, синтез, абстраксия, аз махсуси расмӣ - ҳуқуқӣ, нисбатан оддии ҳуқуқӣ, пешбинӣ ва ғайраҳо истифода шуданд.

**Заминаи меъёрии таҳқиқоти илмиро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои ҳуқуқи хусусии қонунгузории ҶТ, ки муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба эътироф ва ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ ташкил менамояд

**Асоси таҷрибавии таҳқиқоти илмиро** маводҳои таҷрибаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарҳи Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи озодии иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарҳи созмони байналмилалии ғайридавлатии ҳимояи ҳуқуқи инсон ARTICLE 19 ба ВАО дар Тоҷикистон, инчунин маълумотҳои дигари ба мавзӯи таҳқиқот бевосита вобаста буда ташкил медиҳанд.

**Асоси назариявии тадқиқоти илмиро** дастоварди илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федерация Россия (РФ) ва дигар кишварҳо. Омӯзиши ватанӣ ва қонунгузории хориҷӣ, адабиёти илмӣ ва амалия нишон дод, ки мафҳумҳои қонунгузории ҳуқуқҳои иттилотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ амалан боқӣ мемонанд, вале дар ҳоли рушд қарор дорад. Не дар илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳамгирой тадқиқоте, ки дар он чораҳои нисбатан муассир оид ба ҳимоят аз маълумоти зараровар ва пешгирии аз сӯиистифода дар муомилоти гражданӣ таҳлил ва асоснок карда шаванд. Ҳангоми таҳқиқ ва ҳалли мушкилот корҳои илмиии олимон ватаниву хориҷӣ, ба монандӣ С. С. Алексеев, А. Абдуҷалилов, Б.Ю. Ахунова, В. А.

Белова, К. М. Беликова, В. П. Грибанова, Ш.К. Гаюрова, Ш.М.Исмоилова, Д.В.Ломакин, В.П.Мозолин, М.А. Махмудова, Ш.М. Менглиева, Ҷ. С. Муртазоқулова, Ф.А. Махмадшоева, Т.Маҳмадхонова, Е. С. Насурдинова, Ф.М. Нодирова, В.А. Ойгензихта, М.З. Раҳимова, Э.А. Суханова, Д.Ш. Сангинова, Ф.Т. Тахирова, В.С. Толстой, Ш.Т. Тагайназарова, О.У. Усмонова, Н.Ш. Шонасурдинова ва дигарон истифода карда шудаанд.

Дар омӯзиши проблемаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иттилооти граждании соҳибкорони инфиродӣ, нашрияҳои баъзе олимони ғарбӣ-Ҷон Роулс, Хуан Барат, А.С. Довгерт, Рольф Книпер, Сюзан М. Эллиотт ва дигарон ба таври назаррас истифода карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ** бо он муайян карда мешавад, ки

нахустин кори илмие мебошад, ки дар асоси назария ва амалияи илмии илми ҳуқуқшиносии муосир, проблемаҳои муҳимтарини назариявии ҳифзи ҳуқуқҳои иттилотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ дар Тоҷикистон таҳлил карда мешаванд.

Дар рисолаи илмӣ бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ: -кӯшише барои конкретикунонии мафҳум ва маънои ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ аст; -тавсифи умумии ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ дода шудааст; -сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ таҳлил карда шуданд; -муайян ва тасниф карда шудаанд, воситаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иттилотии граждании соҳибкорони инфиродӣ; воситаҳои муҳофизатӣ, марбут ба паҳнкунии маълумоти зараровар дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ омӯхта шуданд; -муайян карда шудаанд роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоитии граждании соҳибкори инфиродӣ ҳамчун дорандаи маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил мекунад; -шарҳи ҳамаҷонибаи худмуҳофизатии ҳуқуқҳои иттилоотии граждании соҳибкори инфиродӣ дода шудааст; мухтасар ифода ёфтаанд,

хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили илмии ин масъалаҳо нигаронида шудаанд, барои бартараф кардани зуҳуроти манфие, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои итилоотии граждании онҳо дар ҶТ, халал мерасонанд

**Тамоюлҳои асосии зерин дар соҳаи иттилоотӣ муайян карда шуданд:**

- новобаста аз тағйиротҳои муайян дар таъмини озодии иттилоотӣ ва ташаккули бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ, бисёр масъалаҳои дастрасӣ, сохтан, ихтиёрдорӣ, истифода ва интишори иттилоот таҳти инҳисори таъсири давлатӣ қарор мегиранд;

- сохтани сайтҳои сершумор ва гуногуни мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон, кӯдакон, ҷавонон ва ғайра, мушкилоти дастрасии касбии иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ, ки ҷиҳати иҷтимоӣ ба даст овардани итилоотӣ басо иҷтимоан муҳиманд на танҳо дар бахши давлатӣ, балки дар бахши корпоративӣ низ ҳал намекунад;

- соҳаи иттилоот бо сабаби мушкилоти мавҷуда таъсис ва бегона кардани васоити ахбори омма ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ табдил наёфтааст;

- нашрияҳои муҳарририи расонаҳои давлатӣ, чун солҳои пешин монополияи табииро дар таъсис ва паҳн кардани маълумоти оммавӣ, аммо ҷолиби диққат ва иттилооте, ки сирри тиҷоратии соҳибкорро ба худ казб кардааст, ки мавзӯи ҳифзи ҳуқуқӣ намебошад.

**Мувофиқи мақсадҳои асосии тадқиқоти илмӣ муқарраротҳои илмӣ бо суханони зерин таҳия ва асоснок карда шудаанд, ки ҳимоя карда мешаванд:**

1. Ҳуқуқи иттилоотии граждании соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқи субъективии ғайримолумулкист, ки имконияти дастрасӣ ба иттилоот,

эҷод, соҳиб шудан, истифода ва паҳнкунии онро муайян мекунад, ки соҳибкор дар асоси бояд ҳуқуқҳои худро амалӣ созад ва талаботҳои иттилоотиро хешро қонеъ намояд.

2. Тасаввуротҳи дар бораи соҳибкории инфиродӣ дар фаъолияти журналистӣ тағйир меёбад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бо пешрафти прогрессивии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароитҳои нав барои соҳибкории инфиродӣ ба вуҷуд меоянд. Ин имкониятҳои нав шароит фароҳам меорад рӯзноманигорро дар ташаккули бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ, амалан ширкат варзад. Бо истифода имкониятҳои мавҷуда хабарнигори мустақил қодир аст таъмин намояд хизматрасониҳои зарурии кафолатдодашудаи давлатӣ оид ба хидматрасонии ройгони иттилоотӣ, ҳамзамон блогер ё хидматрасонии пулакии иттилоотӣ бошад. Қонеъ кардани талаботҳои иттилооти шахсӣ хилофи этикаи журналистӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ намебошад. Хабарнигори ботаҷриба ва мустақиле, ки дар асоси вазифаҳои гузошта худ беҳтар кор мекунад ва ҳамзамон ба ташаккули бозори мутамаддини хизматрасониҳои иттилоотӣ мусоидат менамояд.

3. Ҳимояи ҳуқуқҳои итилоотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ, инчунин манъҳои пешбиникардаи қонунро дар назар дорад ва маҳдудиятҳо ба ҳама чизҳое, ки хилофи манфиатҳои молик мебошанд, манъ менамояд Аз ин рӯ ҳимояи ҳуқуқии ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкори инфиродӣ ҳамчун қобилияти иштирокчии касбӣ дар амалӣ кардани ҳуқуқи субъективии онҳо барои ҳимоя аз амалҳои ғайриқонунии дигар иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ, инчунин истифодаи тамоми чораҳои пешбининамудаи қонун барои барқарор кардани ҳуқуқҳои вайронкардашуда ё баҳсталабии онҳо муайян карда мешавад.

4. Ҳангоми ҳимояи ҳуқуқҳои иттилотӣ граждании соҳибкорони инфиродӣ истифода карда мешаванд, чораҳои универсалии

муҳофизатӣ, инчунин чораҳои махсусе, ки ба онҳо марбутанд. Ин чораҳо метавонанд вобаста аз мундариҷа, шаклҳои ҳимоя ва асоси таъин намудан ба ду гурӯҳ тасниф карда шаванд: амали воқеӣ ва ҳуқуқии татбиқкунандаи он, ки ҳифзи мудофиавии ҳуқуқҳои иттилоотӣ гражданӣ мебошанд; чораҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки судҳо ё мақомоти маъмурии ҳокимияти иҷроия нисбати ҳуқуқвайронкунандагон татбиқ мекунанд.

5. Таҳти ҳимояи худии ҳуқуқҳои иттилоотӣ граждании соҳибкори инфиродӣ бояд амали воқеӣ ва қонунии ҳуқуқтатбиқкунандаро барои ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотии граждании худ, ки мустақилона ба мақомоти судӣ ё мақомоти идоракунии ҳокимияти иҷроия анҷом медиҳад, дарк бояд намуд.

6. Амалҳои воқеии соҳибкорони инфиродӣ дар истифодаи чораҳои худмуҳофизатӣ ифода ёфтааст, чораҳои ҳуқуқҳои иттилоотӣ-гражданӣ, ки ба чораҳои ҳуқуқӣ алоқаманд нестанд. Онҳо ба ду гурӯҳи зерин ҷудо мешаванд:

-чораҳои муҳофизати ҷисмонӣ (насби дарҳои оҳанӣ, панҷараҳо дар тиреза, қулфҳои рамзбандшуда, дастгоҳҳои замонавӣ ҳушдор ва ғайра);

чораҳои муҳофизати ташкилӣ (тартиб додани рӯйхат маълумоте, ки тартиби махсуси иҷроиш мебошад, ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ) аз ҷониби соҳибони IOD, эҷод хадамоти амнияти дохилии иттилоот ва ғайра).

7. Ба чораҳои қонунӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои иттилотии граждании соҳибкори инфиродӣ истифодаи василаҳои ҳуқуқиро дарбар мегирад. Масалан, бастани шартнома байни як рӯзноманигор ё блогнавис, аз як тараф ва соҳиби иттилоот, аз тарафи дигар, махфӣ будани манбаи иттилоот, дар асоси шартнома ба миёнарави иттилоот вогузор кардани ӯҳдадории нест кардани маълумоти зараровар дар

шабака. Чунин амалҳо барои таъсис додан нигаронида шудаанд оқибатҳои ҳуқуқӣ - пайдоиши ӯҳдадориҳо аз рӯи ӯҳдадориҳо бастани дастрасӣ ба иттилооти зараровар ва масъулият барои иҷро накардани ин ва дигар ӯҳдадориҳо.

Таҳқиқоти гузаронидашуда, тадқиқотчиро имкон дод, ки рисоларо ба анҷом расонад ва барои нашри нави моддаҳои 12, 14 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки имкони истифодаи хулосаҳои назариявии дар он овардашуда барои таҳқиқи минбаъдаи илмӣ оид ба проблемаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва ташаккули бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ**. Хулосаҳо, ки дар раванди тадқиқот ба даст оварда шудаанд, мусоидат кардаанд, то пешниҳодҳои амалӣ барои такмил Қонунгузории ҶТ оид ба ин масъала. Пешниҳодҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба кор метавонанд ҳангоми таҳияи қонунҳо ва дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳангоми шарҳи қонунгузории амалкунанда оид ба масъалаҳои ҳуқуқи гражданӣ ба иттилооти гражданӣ истифода карда шаванд. Натиҷаҳоро метавон дар раванди таълим ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои "Ҳуқуқи гражданӣ", "Ҳуқуқи соҳибкорӣ" ва дигар мавзӯъҳои марбут ба танзими ҳуқуқи хусусӣ истифода намуд.

## ФАСЛИ 7

## Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми фаъолияти баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотшаванда.** Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истилолияти давлатӣ ба марҳилаи нави инкишоф, яъне бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқукбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардид. Рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодӣ аз самаранокии сиёсати ҳуқуқи вобастагӣ дорад.

Кафолати фаъолияти озоди иктисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият рушди соҳибкорӣ вазифаҳои якуминдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи иқтисодӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои гуногун роҳандозӣ карда мешаванд. Яке аз чорабиноҳои асосии давлатӣ, ки нақши муҳим дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии доро мебошад, ин қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ мебошад. Қ қонунҳо ба ташшакул ва рушди минбаъдаи муносибатҳои нави иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Дар натиҷа оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар соҳаҳои муайян ба мисли соҳаи соҳибкорӣ густариш ва пайдо шудани муносибатҳои нав, аз чумла фаъолияти баҳодиҳӣ.

Тибқи муқаррароти моддаи 1-уми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқубунёд эътироф карда шудааст. Хусусияти ҳуқуқубунёд будани давлат аз он ифода меёбад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Фаъолияти баҳодиҳӣ низ ҳамчун як навъи фаъолият дар асоси муқарроти Конститутсия, қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии хешро ёфтааст.

Санади махсуси танзимкунандаи фаъолияти соҳа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” мебошад, ки санаи 5-уми августи соли 2020 таҳти № 1720 қабул карда шудааст ва аз мундариҷа 5 боб ва 30 модда мборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти баҳодиҳӣ, инчунин ҳуқуқ, ва ухдадориҳои субъектҳои фаъолияти баҳодиҳиро, новобаста ба шакли моликияташон, муайян менамояд.

Дар моддаи 1-уми қонуни зикргардида мафҳумҳои аосии соҳа шарҳ дода шудааст. Чунончи тибқи муқаррароти моддаи 1-и қонун фаъолияти баҳодиҳӣ фаъолияти соҳибкорие, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани арзиши бозорӣ ва ё дигар арзиши объектҳои баҳодиҳӣ дар санаи мушаххас равона карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки баҳодиҳӣ ин раванди муайян намудани арзиши воқеии объекти баҳодиҳӣ дар санаи мушаххас, ки аз ҷониби баҳодиҳанда тибқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи тарзҳо, усулҳо ва расмиёти асосноки интихобшудаи баҳодиҳӣ амалӣ мешавад. Ба сифати баҳодиҳанда шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти баҳодиҳӣ ҳуқуқ доранд ҳисобида мешаванд. Тибқи Қонуни мазкур объектҳои баҳодиҳӣ гуфта объектҳои ҳуқуқи гражданӣ дар назар дошта мешаванд, ки нисбат ба онҳо фаъолияти баҳодиҳӣ амалӣ карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, кабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» ба шароити муосири чахонишави, бухрони молиявию иктисоди ва амалкунандаи имрузаи иқтисодӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани стандартҳои баҳодиҳӣ, муайян намудани ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ.

Ҳамзамон, хукук ва ухдадорихои субъектони фаъолияти баходихи низ аҳамияти муҳими ҳуқуқӣ дорад. Вуҷуд надоштани стандартхои умумии баходихии дар баъзе мавридҳо садди роҳи хулосаи баходиханда мегардад.

Истилоҳои «баҳо ва нарх» дар қонунгузорӣ ба маъноҳои гуногун истифода бурда мешавад. Ба бисёрмаъноии ин истилоҳо ҳанӯз О.М. Залавская ишора карда буд, ки мувофиқи ақидаи ӯ, мафҳуми нарх аз нигоҳи иқтисодӣ ва истилохи бахо бошад аз нигоҳи ҳуқуқӣ фарқ бояд кард.

Ба истилоҳи нарх, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад, нархи бозори ва дигар намудхои нархро дохил кардан мумкин аст. Қоидаҳои анҷомдиҳии фаъолияти баҳодиҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - муносибатҳоеро, ки ҳангоми анҷомдиҳии фаъолияти баҳодиҳи бо мақсади муайян намудани арзиши бозори ё дигар арзиши обектҳои баҳодиҳи ба вуҷуд меоянд, танзим месозанд ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти баҳодиҳиро сарфи назар аз шакли моликияташон муайян мекунанд.

Арзиши бозории объектҳои баҳодиҳӣ нархи нисбатан эҳтимолие фаҳмида ме-шавад, ки ин объекти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) метавонад аз рӯи он дар бозори озод дар шароити рақобат фурӯхта шавад, дар сурате ки тарафҳои муомила оқилона амал карда, тамоми иттилоотро дар ихтиёр доранд ва ба бузургии нархи муомила ягон ҳолатҳои фавқулодда таъсир намерасонанд, яъне ҳангоме ки:

- яке аз тарафҳои муомила ӯҳдадор нест объекти баҳодиҳиро фурӯшад, дигар тараф бошад, ӯҳдадор нест иҷроро қабул намояд;

- тарафҳои муомила аз мавзӯи муомила хуб огоҳанд ва ба манфиати худ амал мекунанд;

- объекти баҳодиҳӣ дар шакли офертаи оммавӣ дар бозори кушода пешниҳод шудааст;

- пардохт барои объекти баҳодиҳӣ дар шакли маблағ (пули миллӣ “сомони”) ифода ёфтааст.

Пул воситаи қонунии пардохте мебошад, ки қабули он аз рӯи арзиши эътибориаш дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Президента Ҷумҳурии Тоҷикистои низоми пулии мамлакатро муайян мекунад ва пули миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт ба шумор меравад, ки кабули он аз рӯи арзиши эътибории худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Ҳолатҳо, тартиб ва шартҳои истифодаи асъори хориҷи дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонун муайян карда мешавад.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** қонунгузории танзимкунандаи бахши танзими хусуси-ҳуқуқии фаъолияти баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии фаъолиятӣ баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин фикру андешаҳои олимон вобаста ба ин мавзӯъ ташкил медиҳад.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мавзуъро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гражданӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдаророндаи бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши муқоисавии татбиқи қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста ба мавзӯи баррасишаванда ба анҷом расонида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз коркарди асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии фаъолияти баҳодиҳӣ ва танзими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Фаъолияти баходихи дорои хусусиятҳое мебошанд, ки онро аз дигар фаъолиятхои сохибкори фарқ кардан мумкнн аст. Бояд қайд намуд, ки  баҳодиҳӣ ин раванди муайян намудани арзиши воқеии объекти баҳодиҳӣ дар санаи мушаххас, ки аз ҷониби баҳодиҳанда тибқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи тарзҳо, усулҳо ва расмиёти асосноки интихобшудаи баҳодиҳӣ амалӣ мешавад. Ба сифати баҳодиҳанда шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти баҳодиҳӣ ҳуқуқ доранд ҳисобида мешаванд. Тибқи Қонуни мазкур объектҳои баҳодиҳӣ гуфта объектҳои ҳуқуқи гражданӣ дар назар дошта мешаванд, ки нисбат ба онҳо фаъолияти баҳодиҳӣ амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти баҳодиҳи танзими давлатии хешро доро буда, дар ин самт салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки аз инҳо иборатанд: таъмини пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ, муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ, тасдиқи стандартҳои миллии баҳодиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи тартиби муайян кардани арзиши объектҳои давлатие, ки хусусӣ гардонида мешаванд. Ба ғайр аз ин мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти баҳодиҳӣ; ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба рушди низоми баҳодиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини ҳамкории мақомоти давлатӣ бо баҳодиҳандагон ва иттиҳодияҳои баҳодиҳандагони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳимояи ҳуқуқҳои баҳодиҳандагон ва истифодабарандагони хизматрасонии баҳодиҳӣ; ташкили баҳодиҳии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; додани иҷозатнома барои фаъолияти баҳодиҳӣ; таъсиси Шӯрои

машваратӣ оид ба рушди фаъолияти баҳодиҳӣ; таъсиси Шӯрои экспертӣ оид ба фаъолияти баҳодиҳӣ; амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зерин ташкил медиҳанд: Д.Ш Сангинов, М.З.Рахимов, Н.Ш. Шонасридинов А.В. Золотухин, Р.Б. Бозоров, Т.И.Султанова, А.Д. Ғафуров, Ш.К. Ғаюров, Е.П. Губин, А.М. Диноршоев, И.В. Ершова, А.Д. Жарков, С.Э. Жилинский, С.С. Занковский, М.Л. Захаров, Ш.М. Исмоилов, А.Ю. Кабалкин, В.В. Кванина, Ф. Котлер, Н.Ф. Максютин, К. Маркс, В.С. Мартемянов, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш.М. Менглиев, Ҷ.С. Муртазоқулов, Ф.М. Нодиров, С.А. Наумова, В.А. Ойгензихт, Л.В. Санникова, А.И. Сафарзода, Л.Б. Сиддиқова, О.М. Заоавсквя, Д.И. Степанов, Е.А. Суханов, Ш.Т. Тағойназаров ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методҳои умумиилмӣ ва хусусии илмӣ, ки имкони баррасии ҳамаҷониба ва маҷмӯи мавзӯъро фароҳам оваранд. Дар ҷараёни таҳқиқот барои арзёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши баррасишаванда методҳои тафсирии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба таври назаррас истифода шуданд. Таҳлили системавӣ имкони арзёбии самарабахшии воситаҳои танзими ҳуқуқиро дар бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба баходихи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Тавассути методи таърихӣ раванди таърихии муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда таҳқиқ гардид. Методи амалисозии ҳуқуқӣ барои коркарди беҳтарин қолабҳои тадбирҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои таҳлилшаванда замина ба вуҷуд овард.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва шартномахо оиди хизматрасонии баходихи, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб мераванд.

## ФАСЛИ 8

### Маълумоти умумӣ оид ба муносибатҳои соҳибкори дар соҳаи ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ ва истихроҷи нафту газ

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ танзимгари муҳимтарин муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ низ аз доираи онҳо бе-рун буда наметавонанд. Зеро нафт ва газ аз ҷумлаи сарватҳои зеризаминие маҳсуб меёбанд, ки ҷомеаи муосир ва рушди иқтисодиёти давлатҳоро бидуни онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мубрамияти соҳаи мазкурро дарк намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2013 рушди соҳаи нафту газ ва захираҳои табииро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвон намуданд. Тавре Пешвои миллат иброз доштанд: «Имрӯз барои кишварҳои сайёра таъминот бо маводи сӯзишворӣ ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаву ҳаётӣ табдил ёфта, давлатҳои хур-ду бузурги олам талош менамоянд, ки ба захираҳои ғании энергетикӣ соҳиб шаванд. Бинобар ин, яке аз самтҳои афзалият-ноки сиёсати давлат ва Ҳукумати кишвар ба истифодаи самара-ноки захираҳои табиии ватанӣ, ҳарчи бештар коҳиш додани вобастагии мамлакат аз маводи сӯхти воридотӣ ва фароҳам овардани замина барои рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат равона гардидааст».

Мувофиқи нишондиҳандаҳои асосии Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2016-2020 захираҳои нафт давоми солҳои 2015 – 24,6 ҳазор, 2016 – 31,2 ҳазор тонна истихроҷ гардида, солҳои 2017 – 31,5 ҳазор, 2018 – 31,8 ҳазор, 2019 – 24,5 ҳазор, 2020 – 25 ҳазор тонна ба нақша гирифта шуда-аст. Захираҳои газ бошад, давоми солҳои 2015 – 4111 м3, 2016 – 4916 м3 истихроҷ гардида, солҳои 2017 – 7175, 2018 – 7847, 2019 – 4500, 2020 – 4600 м3 бояд истихроҷ шавад.

Бояд қайд кард, ки нишондиҳандаҳои мазкур бо маълумотҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқат доранд. Ило-ва бар ин, дар стратегияи мазкур дурнамои истихроҷи нафт ва газ бо дарназардошти имкониятҳои саноатӣ ва саноатӣ-инно-ватсионии кишвар чунин пешбинӣ шудааст: истихроҷи нафт бо дарназар-дошти имкониятҳои саноатии кишвар давоми солҳои 2020-2025 – 30 ҳазор тонна (газ – 50 ҳазор м3), 2025-2030 – 36 ҳазор тонна (газ – 60 ҳазор м3); бо дарназардошти имкониятҳои саноатӣ-инноватсионӣ бошад, солҳои 2020-2025 – 37,5 ҳазор тонна (газ – 6250 м3), 2025-2030 – 45 ҳазор тонна (газ – 75 ҳазор м3).

Нишондиҳандаҳои мазкур, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии ҶТ – истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноати-кунонии босуръати кишвар мусоидат менамоянд, талаб меку-нанд, ки танзими ҳуқуқии соҳа дуруст ба роҳ монда шавад. Бе анҷом додани пажӯҳиши комили илмӣ ба таври дахлдор амалӣ гардидани ин мақсад номумкин аст.

Тавре аз суханронии Пешвои миллат бармеояд «талаботи солонаи мамлакат ба маводи сӯхт то як миллион тоннаро таш-кил медиҳад ва эҳтиёҷот ба сӯзишворӣ торафт меафзояд». Аф-зоиши талабот ба сӯзишворӣ ва эҳтиёҷи пайвастаи ҷомеа ва дав-лат ба захираҳои нафту газ ногузирии анҷом пазируфтани таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок месозанд.

Тибқи хулосаи коршиносон дар ҷумҳурии мо имрӯз сарватҳои зеризаминии гуногун истихроҷ карда мешаванд, вале баҳрабардорӣ аз сарватҳои зеризаминӣ имрӯз ба талаботи иқтисодиёти мамлакатамон пурра ҷавобгӯ нест. Сарватҳои зеризаминӣ дар ҷумҳурӣ бояд ба маротиб зиёдтар манфиат оранд ва аз рукнҳои асосии иқтисодиёти кишварамон бошанд.

Рисолаи илмии мазкур барои комил сохтани асосҳои ҳуқуқӣ, танзим ва дурусту самаранок ба роҳ мондани ду навъ аз сарватҳои

табиии номбаргардида, яъне нафт ва газ равона гар-дидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Пре-зиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 апрели соли 2011 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд: «Азнавсозии сохтории саноат бояд дар заминаи пайвастани илм ва истеҳсолот, истифодаи технологияҳои каммасрафи барқӣ, ташкили истеҳсолоти ба со-дирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда равона гардида, барои амалӣ гардонидани он истифодаи ҳарчи пурраи захираҳои бойи ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шавад. Рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон аз самаранок истифода гардидани захираҳои бойи табиии он ва вусъат додани истеҳсолоти саноатӣ вобастагии калон дорад. Ин раванд islоҳоти ҷиддии қонунгузорӣ ва сиёсати танзимкунониро тақозо дорад, зеро имрӯз қонунгузории амалкунандаи мамла-кат дар ин самт ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯ намебошад ва бояд бо дарназардошти таҷрибаи пешрафта ва ҳимояи манфиатҳои кишвар дар соҳаи истифодабарии қаъри замин такмил дода шавад». Ин дастури Пешвои миллат намояндаго-ни илми ҳуқуқи кишварро водор месозад, ки илмро бо истеҳсолот пайваст созанд ва пажӯҳишҳои илмӣ ба рушди тан-зими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шаванд. Рисолаи илмии анҷомдодашуда қадами ҷиддие дар ин самт маҳсуб меёбад. Тадқиқотҳои геологии нафту гази Тоҷикистон аз соли 1908 оғоз шудаанд. Дар Тоҷикистон 25 кони нафт, конденсат ва газ ошкор гардидаанд, ки қисми зиёди онҳо то ба ҳол кор-кард шуда истодаанд. Ҳадди зиёди истихроҷ ба солҳои 1973-1979 рост меояд, ки он замон 520 млн. м3 газ ва 418 ҳазор тон-на нафт истихроҷ гардидаанд. Агар дар соли 1986 истеҳсоли нафт ва конденсат 450 ҳазор тонна, газ 250 миллион метри мукаабро ташкил медод, пас дар давоми истиқлолият ин нишондиҳандаҳо ба маротиб кам гаштаанд. Дар ҷумҳурӣ зиё-да аз 50 майдони ояндадори нафту газ ҳастанд, ки ба омӯзиши геологӣ ниёз

доранд. Вазифаи асосии имрӯза дар соҳаи маз-кур, ин баланд бардоштани захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти нафту газ мебошад. Ҳалли ин мушкилот дар муддати кӯтоҳ танҳо бо сабаби ошкор ва ба истифода до-дани конҳои нав имконпазир аст. Ин раванд низ танҳо дар доираи таҳқиқоти илмӣ имконпазир мегардад.

Яке аз проблемаҳои асосӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ ба низом даровардани иттилооти геологӣ оид ба захираҳои нафт ва газ ба ҳисоб меравад. Дар тафовут аз дигар навъи иттилоот, ба даст овардани иттилооти геологӣ оид ба захираҳои нафт ва газ масрафҳои ҳангуфтро талаб менамоянд, ки таъмини чунин хароҷот барои кишвар ва соҳибкорони ватанӣ гарон аст. Ин омил боис ба он шудааст, ки дар замони истиқлолият корҳои иктишофӣ бобати иттилооти саҳеҳи геологӣ оид ба конҳои нафт ва газ қариб, ки мушоҳида наме-шаванд.

Аз ин рӯ, дар замони истиқлолияти давлатӣ низ мақомоти ваколатдори соҳа иттилооти аз замони Шӯравӣ боқимондаро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки барои рушди муносибатҳои соҳибкорӣ судманд нестанд. Тибқи маълумоти замони шӯравӣ дар конҳои ҶТ 113,1 млн. тонна нафт, 863 млрд. м3 газ ва 36 млн. тонна конденсати газ мавҷуд аст.

Тибқи таҷрибаи байналмилалии геологии ҳосилшуда захираҳои нафт ва газ хусусияти ҷойивазкунӣ доранд ва таби-ист, ки иттилооти марбут ба он низ метавонанд тағйир ёбанд, дигар шаванд ва ҳатто ботил шаванд. Бинобар ҳамин, барои рушди муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ ва истифодаи самараноки онҳо ба ман-фиати халқ, ки аз моддаҳои 12-13 Конститутсияи ҶТ маншаъ мегиранд, иттилооти нав, дақиқ, саҳеҳ ва тавассути технологияҳои ҳозиразамон бадастомада зарур аст. Имрӯз яке аз қиматарин навъи иттилоот иттилооти геологӣ оид ба захираҳои нафт ва газ ба ҳисоб меравад, зеро барои ба даст овардани онҳо гаронтарин

технологияҳо истифода бурда шуда, мутахассисони касбӣ лозим аст. Яке аз сабабҳои рушд наёфта-ни соҳаи мазкур низ дар ҳамин аст.

Яке аз мушкилотҳое, ки дар раванди амалисозии фаъолия-ти соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ пеш меояд, пешниҳоди иттилооти нодурусти геологӣ оид ба захираҳои нафт ва газ мебошад. Иттилооти нодурусти геологӣ оид ба конҳои нафт ва газ барои давлат ва соҳибкорони дар ин бахш фаъолияткунанда саргардониҳо, хароҷотҳои беҳуда ва мушкилоти зиёди дигарро ба бор меорад. Чунончи, ширкати ик-тишофкунандаи нафт «Tethys Petroleum» баъди анҷоми корҳои ҷустуҷӯй-геологӣ иттилоъ пешниҳод намуд, ки захираҳои уму-мии истихроҷшаванда дар Тоҷикистон бе дарназардошти омили хавф 27,5 млрд. баррелро ташкил медиҳад, ки 69% он ба газ ва 31% он ба нафт ва конденсати газ рост меояд1. Аммо мақомоти ваколатдори соҳа дурустии ин иттилоотро пурра тасдиқ намеку-нанд. Нодуруст будани иттилооти мазкур бо дигар омил низ асоснок карда мешавад. Масалан, баъд аз манзур шудани итти-лооти номбурда аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳа ба шир-кати «Tethys Petroleum» пешниҳод гардид, ки оид ба иттилооти бадастоварда худаш корҳои иктишофӣ ва истихроҷиро шурӯъ кунад. Аммо аз ҷониби ширкат ҷавоби мусбат ироа нагардид ва корҳо дар самти иктишоф ва истихроҷ оғоз нашуданд. Дар ин ҳолат бояд масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқии субъектоне, ки итти-лооти нодурусти геологиро дар ин самт пешниҳод менамоянд, ҷиддӣ матраҳ карда шавад. Ин масъала низ мубрам будани мавзӯи рисоларо тасдиқ мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар мушкилоти молиявӣ кӯшиш менамояд, ки дар самти иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ сармоягузорони хориҷиро ҷалб намояд. Яъне, яке аз масъалаҳои мубрам дар ин бахш дарёфти роҳҳои ҷалби сармоя-гузорони дохилию хориҷӣ мебошад, ки он ҳам танзими ҳуқуқиро талаб мекунад. Илова бар ин, ҳангоми ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба корҳои иктишофию истихроҷӣ бояд манфиатҳои иқтисодии кишвар дар навбати аввал

ҳифз карда шаванд. Инчу-нин ҳуқуқу манфиатҳои субъектоне, ки ба иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ машғул мебошанд, поймол карда наша-ванд ва ба онҳо шароити мусоиди фаъолият фароҳам оварда ша-вад. Дарёфти чунин мувозинат ва ё «маркази тиллоӣ» дар натиҷаи тадқиқоти амиқи илмӣ ба даст меояд.

Айни замон маҳсулоти нафтӣ асосан аз кишварҳои хориҷ вориди Тоҷикистон мегардад. Яъне кишвари мо дар ин самт во-бастаи дигар кишварҳо буда, ба маҳсулоти нафтӣ ва газӣ ниёз-манд аст. Яке аз сабабҳои буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ низ дар ҳамин аст. Зеро кишварҳои таъминкунандаи нафт ва газ ҳар за-мон метавонанд мавқеи худро дар ин самт тағйир диҳанд ва аз фурӯши ин навъи маҳсулот худдорӣ намоянд. Ин таҷрибаи талх солҳои 2007-2008 дар Тоҷикистон ҷой дошт, ки баъди қатъи интиқоли гази табиӣ тавассути лӯлаҳо, ки аз кишварҳои ҳамсоя ворид мегардид, корхонаҳои азими ҶТ ба мушкилоти рафънопа-зир дучор шуданд, таҷҳизотҳои корхонаҳо корношоям ва ҳатто даҳҳо корхонаҳо аз фаъолият бозмонданд. Ин ҳолат рушди муносибатҳои соҳибкорӣ оид ба иктишоф ва истихроҷи захираҳои нафту гази дохилиро тақозо карда, такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва дастгирии давлатии соҳибкориро талаб ме-кунад. Ҳалли масъалаи мазкур танҳо дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дастёб мегардад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ, он паҳлуҳои манфӣ низ дорад. Тавре маълум аст, истифодаи нодурусти нафт ва газ метавонад сабаби олудашавии муҳити зист, ифлосшавии обҳо, зарар ба саломатии аҳолӣ ва тағйирёбии иқлим гардад. Бинобар ҳамин, ҳангоми ба роҳ мон-дани фаъолияти соҳибкорӣ дар ин самт ҳифзи амният ва салома-тии аҳолӣ, муҳити зист зарар нарасонидан ба дигар объетҳои табиат бояд аз ҷумлаи муҳимтарин шартҳо ва талаботҳои чунин фаъолият бошанд.

Масъалаи дар амал татбиқ намудани шаклҳои амалишавии танзими давлатӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафту газ, махсусан механизми гирифтани иҷозатнома, андозбандӣ, дастги-рии давлатӣ ва

танзими шартномавии муносибатҳо дар бахши мазкур мушкилиҳои зиёде дорад, ки монеи рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафту газ мегарданд. Ҳалли масъалаҳои мазкур яке аз самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмиро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди муҳим будани танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ оид ба иктишоф ва истихроҷи нафту газ, дар ҶТ таҳқиқоти комили илмӣ оид ба ин масъала ҷой надорад. Баъзе маводи илмӣ аз ҷониби олимони ватанӣ дар бахши комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба нашр расидаанд, аммо онҳо натаво-нистаанд, ки мушкилоти дар боло ишорашударо ҳал намоянд. Рисолаи мазкур бо мақсади пур намудани ин холигӣ анҷом дода шудааст.

Омилҳои номбаршуда мубрамияти таҳқиқотро собит месозанд.

**Робитаи кор бо мавзӯи илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи бар-номаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи мил-лии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти таҳқиқот мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯъ.** Баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ - фаъолияти соҳибкорӣ ва энергетикиро метавон дар асарҳои олимони ватанӣ В.А. Ойген-зихт, М.З. Раҳимзода, Ш.М. Исмаилов, Ш.К. Ғаюров, И.Ҳ. Бобоҷонзода Р.Ҷ. Ҷабборов, Н. Шонасридинов, Ф. Нодиров, А.В. Золотухин, Д.Ш. Сангинов вохӯрд.

Дар асарҳои В.И. Карасев, А.Н. Кирсанов, А. Останин, Л.В. Клеандр, Р.Н. Миргазизов, А.И. Перчик, Е.А. Голдман, Д.Ш. Сангинов ва ғайра масъалаҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ баррасӣ шудааст. Аммо ин асарҳо бештар ҷанбаи таълимӣ доранд.

Мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши ик-тишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва идора намудани рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар корҳои олимони муосир: С.Ю. Глазев, А.Г. Гранберга, О.К. Дрейер, Г.И. Козов, Я.Н. Лозовская, В.П. Мазикин, В.И. Назаров, Е.А. Соловев, Н.В. Пашкевич, А.А. Петросов, И.Б. Сергеев ва дигарон баррасӣ гардидааст.

Бо вуҷуди тадқиқотҳои зиёд дар соҳаи баррасишаванда масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар шакли комплексӣ маври-ди таҳлил қарор нагирифтааст. Тадқиқотҳои олимони зикргар-дида ё давлатҳои хориҷаро фаро мегиранд ё ин ки дар онҳо қисман баъзе аз масъалаҳои мавзӯи баррасишаванда таҳқиқ шу-даанд. Дар ҶТ бошад, рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти амиқи илмӣ доир ба масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ ба ҳисоб меравад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Мақсади таҳқиқоти илмиро мушаххасгардонии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ ва коркарди пешниҳодҳо доир ба бартараф намудани нуқсонҳои мавҷуда оид ба мавзӯъ ташкил медиҳад. Дар робита ба мақсади зикршуда дар таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– муайян намудани мафҳум, хусусият ва таркиби муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ;

– баррасӣ намудани сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ;

– пажӯҳиши масъалаи танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи нафт ва газ ва пешниҳод намудани мафҳум ва хусусиятҳои он;

– омӯзиши тартиби ба истифода пешниҳод намудани қитъаи қаъри замин барои иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ;

– муайян намудани нақши шартномаҳо дар танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ;

– ошкор намудани вижагиҳои шартномаҳои консессия, иҷора ва дигар шартномаҳои дар бахши мазкур истифодаша-ванда;

– омӯзиши махсусияти созишнома оид ба тақсими маҳсулот;

**Объекти таҳқиқоти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ мебошанд.

**Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро** андешаву назари оли-мон оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин соҳа ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқот усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди корбаст қарор гирифтааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар таҳқиқот истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд.

Асоси назариявии таҳқиқоти таҳқиқотро асарҳои олимо-ни ҶТ, Федератсияи Россия ва давлатҳои дигар, ки ба масъалаҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Манбаи асосии таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ дар бахши ҳуқуқи соҳибкорӣ ва граждани ба ҳисоб мераванд.

Заминаи меъёрии таҳқиқоти таҳқиқотро Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Кодекси замини ҶТ, қонунгузории бахши сарватҳои зеризаминӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар кор консеп-сия, стратегия, барномаҳои давлатӣ истифода шудаанд. Муҳимтарин

замина ва роҳнамои таҳқиқот Паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мераванд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки хулосаҳои бадастомада ҳамчун асоси назариявӣ барои густариш ва рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ баромад мекунанд ва сабаби такмили яке аз навъҳои муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ – муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ мегарданд. Натиҷаҳои ноилшуда, таклифҳо, хулоса ва дигар дастовардҳои муаллиф ба-рои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, хулосаҳои таҳқиқот метавонанд, ки ҳангоми таҳияи дас-турамал, барнома, низомнома ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори соҳа васеъ истифода бурда шаванд.

Маводи рисоларо ҳангоми тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи энергетикӣ, ҳуқуқи кӯҳӣ ва ҳуқуқи экологӣ, баъзе шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссер-татсияҳо метавон ба таври васеъ мавриди корбаст қарор дод.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар ҶТ мебошад. Дар таҳқиқот дар асоси таҳлили имконоти захираи нафт ва гази Тоҷикистон, мушкилоти ҷойдошта ва пробелемаҳои муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши иктишофу истихроҷи нафт ва газ муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо ни-шон дода шудааст.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқотро ифода месозанд:

1. Муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебо-шанд, ки дар

натиҷаи бақайдгирии давлатӣ, назорат ва танзими давлатии фаъолияти субъектони соҳибкорӣ вобаста ба истифо-дабарии мақсадноки қаъри замин, ҳифзи муҳити зист, амнияти экологӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ, инчунин дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар раванди таҳқиқоти геоло-гию геофизикӣ, пармакунии сохторӣ ва параметрии бо ҷустуҷӯ ва кашфи конҳои нафт ва газ алоқаманд, истихроҷи нафт ва газ аз қаъри замин, коркарди онҳо, аз ҷумла ашёи минералии дар ҷойҳои нигоҳдории муваққатии нафт ва газ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд: а) ин муносибатҳо дар раванди иҷозатномадиҳӣ ба вуҷуд меоянд; б) риоя шудани шартҳои иҷозатнома асоси чунин фаъолиятро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, риояи шартҳои иҷозатнома аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ пайваста ва муттасил назорат карда мешавад; в) ин муносибатҳо дар робита ба моликияти истисноии давлат ба вуҷуд меоянд; г) баъзе аз муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи ик-тишоф ва истихроҷи нафт ва газ ба инҳисори табиӣ алоқаманд мебошанд; ғ) ин муносибатҳо аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ ва стратегӣ доранд.

2. Новобаста аз оне, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар ҶТ таърихи тӯлонӣ надоранд, аммо пайдоиш ва инкишофи қонунгузории соҳаро ба давраҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: а) давраи аввал – бавуҷудоӣ ва рушди қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар замони Шӯравӣ; б) давраи дуюм, та-шаккулёбии қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ.

3. Танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ низоми чораҳои қонунгузорӣ мебошад, ки дорои хусусияти иҷроишӣ, ҳавасмандгардонӣ ва назоратӣ буда, баҳри

ноил гаштан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист равона гардида, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ нисбат ба субъектони соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад. Танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дорои чунин хусусиятҳо мебошад: а) танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ таъсиррасонии давлатиро ба ин муносибатҳо дар назар дорад. Чунин таъсиррасонӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба роҳ монда мешавад; б) объек-ти танзими давлатӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ муносибатҳое мебошанд, ки дар робита ба таҳқиқоти геологию геофизикӣ, пармакунии сохторӣ ва параметрии ҷустуҷӯ ва каш-фи конҳои нафт ва газ, истихроҷи нафт ва газ аз қаъри замин, коркарди онҳо, аз ҷумла ашёи минералии дар ҷойҳои нигоҳдории муваққатии нафт ва газ ба вуҷуд меоянд; в) мақсади асосии танзими давлатӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ расидан ба ҳадафҳои стратегии ҶТ, рушди соҳаи нафту газ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, коҳиш додани вобастагии кишвар аз воридоти маҳсулоти нафту газ ва ба манфиати халқу миллат истифода намудани ин навъи сарватҳои зеризаминӣ мебошад; г) дар тафовут аз дигар таъсиррасониҳои давлатӣ танзи-ми давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ ин таъсиррасонӣ ба субъектони фаъолия-ти соҳибкорие мебошад, ки онҳо ба моликияти истисноии давлат – нафт ва газ, сару кор доранд.

4. Ба хотири дар сатҳи баланд ба роҳ мондани танзими давлатӣ ва рушди соҳаи нафт ва газ пешниҳод менамоем, ки Ку-митаи нафт ва гази назди Ҳукумати ҶТ таъсис дода шавад.

5. Дар Қонунҳои ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ва «Дар бораи нафт ва газ» масъалаи ҷавобгарӣ барои пешниҳод намудани иттилооти нодурусти геологӣ танзим нагардидааст. Ҳамчунин дар қонун масъалаи муроҷиати истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ,

яъне субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ба мақомоти иҷозатномадиҳанда бобати таҷдиди шартҳои иҷозатнома бо сабаби иттилооти нодуруст пешбинӣ нашудааст. Зеро муносибатҳои мазкур пайваста дар инкишоф ва тағйирёбӣ ҳастанд. Ҳатто имкон дорад, ки захираҳои нафт ва газ аз даврае, ки иҷозатнома дода шуда буд, комилан фарқ намояд. Хуб мебуд, ки дар қонунгузорӣ масъалаҳои мазкур дарҷ мегардид.

6. Тибқи маълумотҳои геологӣ, ки аз замони Шӯравӣ боқӣ мондаанд, захираҳои конҳои нодири нафт ва газ дар чуқурии зиёда аз 6-7 километр ҷойгир мебошанд. Аз сабаби мушкилоти андозӣ ва пардохтҳои дигар аз қабили хароҷот барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди инфрасохтор ва омодасо-зии кадрҳои миллӣ ва қабл аз оғози кор пардохт намудани бону-си обунавӣ аз солҳои нахустини ба даст овардани истиқлолият то ҳол корҳои иктишофӣ то охир аз ҷониби на ягон ширкати ватанӣ ва на ширкати хориҷӣ бурда нашудааст ва ҳеҷ гуна итти-лооти нави геологии саҳеҳ ба даст наомадааст. Бинобар ин, за-рур аст, ки ба хотири рушди соҳаи нафт ва газ тартиби ситони-дани бонуси обунавӣ таҷдиди назар карда шуда, андозҳо дар бахши мазкур нисбатан сабук карда шаванд ва имтиёзҳои нави андоз дар ин соҳа муқаррар ва хароҷотҳо барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ва рушди инфрасохтор дар марҳилаи иктишофи маъданҳои нафту газ бардошта шаванд.

7. Зарур аст дар ҷумҳурӣ «Тартиби гузаронидани озмун барои додани ҳуқуқи истифодабарии майдонҳои ояндадори конҳои нафт ва газ» қабул гардад. Зеро то ҳол раванди иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи нафт ва газ дар асоси «Тартиби гуза-ронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин» гуза-ронида мешавад, ки дар он вижагиҳои истифодабарии маъданҳои нафт ва газ ба инобат гирифта нашудааст.

8. Бештари муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар заминаи шартномаҳо ба вуҷуд мео-янд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Аз ин рӯ, шартнома дар соҳаи

фаъолияти соҳибкорӣ (шартномаи соҳибкорӣ) созиши миёни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ ё бо иштироки соҳибкор оид ба муқаррар намудан, тағйир додан ва қатъ наму-дани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошад, ки асоси онро таваккал ва гирифтани фоида ташкил дода, барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст.

Барои дуруст ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ ва рушди минбаъдаи он чунин пешниҳодҳои амалиро ман-зур менамоем:

1) Бо мақсади аз байн бурдани мушкилот дар самти иҷора пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 626 КГ ҶТ тағйирот ворид гардида, он объектҳое, ки хусусияти худро ҳангоми иҷора гум мекунанд ва ба қоидаҳои умумии шартномаи иҷора созгор нестанд, номбар карда шаванд ва манъ будани ба иҷора додани онҳо муқаррар гардад. Мувофиқи мақсад мебуд, агар истилоҳи канданиҳои фоиданоки умумӣ аз моддаи 626 КГ ҶТ хориҷ карда мешуд. Чунки моддаи номбурда канданиҳои фоиданок ва объектҳои алоҳидаи табииро низ ба зумраи объектҳое ворид месозад, ки онҳоро ба иҷора додан мумкин аст. Ҳол он ки конҳои нафт ва газ набояд ба чунин объектҳо ворид карда шаванд. Конҳои нафт ва газро ба иҷора додан номумкин мебошад.

2) Айни ҳол мутобиқи «Низомномаи Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри за-мин» аъзои Комиссияи мазкур аз 18 нафар иборат мебошад. Аз рӯи қоидаи умумии гузаронидани озмун иштирокчие ғолиби оз-мун эълон карда мешавад, ки агар аксарияти шумораи овозҳоро гирад. Аз сабаби он ки шумораи аъзоёни Комиссия шумораи ҷуфт, яъне 18 нафар муайян шудааст, пас дар сурати баробар ги-рифтани шумораи овозҳо мушкилоти муайян кардани ғолиб ба миён меояд. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба «Ни-зомномаи Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо ба-рои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин»

тағйирот ворид гардида, ҳайати аъзоёни Комиссия ба таври шумораи тоқ муайян карда шавад. Ҳамзамон раванди гузаронидани озмун марҳилаҳои му-раккаби ҳуқуқиро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин «Тартиби гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин» муайян менамояд, ки «Қарори Комиссияи ҳукуматӣ барои аз ҷониби мақоми иҷроияи иҷозатномадиҳӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидани лоиҳаи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба ғолиби Озмун додани иҷозатнома барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин асос буда, дар мавриди аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гаш-тани қарор нисбат ба ғолиби озмун додан ё надодани иҷозатнома барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин характери тавсиявӣ дорад». Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар банди 29 «Тартиби гузаро-нидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин» чунин тағйирот ворид карда шавад «Қарори Комиссияи ҳукуматӣ барои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гаштани қарор нисбат ба ғолиби озмун оид ба додани иҷозатнома барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин асос мегардад».

3) Барномаи истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва сарфаҷӯии неруи барқ барои солҳои 2012-2016», ва Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи ҶТ барои солҳои 2012-2020 аз ҷониби Ҳукумат қабул гардидаанд. Ҷустуҷӯ ва ик-тишофи конҳои маводи сӯзишворӣ ва энергетикӣ (нафту газ ва ангишт), бинобар сабаби хусусияти хос доштани омӯзиши геологии онҳо дар ин барномаҳо баррасӣ карда нашудаанд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод менамоем, ки Барномаи давлатии рушди соҳаи нафт ва гази ҶТ аз ҷониби ҳукумати кишвар таҳия ва тасдиқ карда шавад. Қабули чунин ҳуҷҷат метавонад, ки ин-кишофи соҳаи мазкурро тақвият бахшад.

# ФАСЛИ 9

## Мафҳум ва моҳияти соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Иқтисодиёти ҳама гуна давлатро низоми соҳибкории ташаккулёфта, ки дар он нақши муҳимро соҳибкории хурд ва субъектҳои гуногуни амаликунандаи он иҷро менамояд, ташкил медиҳад. Аз ин ҷо таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳалли проблемаҳои соҳибкории хурд ҳамчун омили болоравии сатҳи иқтисодиёти кишвар, асосҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкории хурд равона гардида, додани имтиёзҳои қарзӣ (кредитӣ) ва молиявии давлатӣ ба онҳо, муҳайё намудани шароит барои рушди соҳибкории хурд дар манотиқи кӯҳии кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ба шумор меравандг.

Барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд, кафолати давлатии фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ (м. 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ), мусоидат менамояд. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 25-умин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ қайд намуданд: «Дар заминаи ин меъёри конститутсионӣ дар солҳои истиқлолият соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна ва соҳибкории истеҳсолӣ, босуръат рушд карда истодааст. Ба ҳолати 1-уми июли соли 2019 дар кишвар 323 ҳазор субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст. Ҳоло саҳми бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 70 фоиз расидааст»[47].

Рушди соҳибкории хурд ба инкишофи рақобат мусоидат карда, қисмати зиёди аҳолиро ба шуғл, ҷойи кор таъмин намуда, барои

---

[47] Ниг.: Садои Мардум // Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – № 134 (4084). – С. 1.

таъмини босубот ва устувории иқтисодиёт мусоидат менамояд. Ҳалли масъалаҳои зикршуда танҳо бо роҳи татбиқи воситаҳои самараноки хислати ҳуқуқӣ-хусусӣ ва оммавӣ-ҳуқуқидошта, ки соҳибкории хурдро ҳавасманд ва дар ҳамин замина дастгирии ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурдро таъмин менамоянд, имконият дорад. Аз ин ҷо масъалаҳои омӯзиши раванди ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузорӣ, вазъи ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, муқаррарнамоии навъҳо, шаклҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкории хурд, бартараф намудани маҳдудиятҳои беасос ва дар ҳамин замина таъмини минбаъдаи рушди самараноки танзими ҳуқуқии раванди амалинамоии соҳибкории хурд зарурати таҳлили илмиро талаб менамоянд.

Барои омӯзиш асосҳои назариявии ҷанбаҳои иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд, аз ҷумла мафҳуми субъектҳои соҳибкории хурд ва вазъи ҳуқуқии онҳо, ошкор намудани доира ва муқаррар намудани маҳаки ворид намудан ба субъектҳои соҳибкории хурд, омӯзиши хусусият ва равиши фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун як навъи субъекти соҳибкории хурд, инчунин, проблемаҳои амалии соҳибкории хурд дар Тоҷикистон мавқеи афзалиятнок пайдо менамояд.

Дар баробари ин, соҳибкории хурд аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ маҷмӯан таҳқиқ нашудааст, балки танҳо аз рӯйи равияҳои алоҳидаи илм, аз ҷумла равияҳои конститутсионӣ, гражданӣ, соҳибкорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Чунин ҳолат бо назардошти рушди муносибатҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон зарурати таҳқиқи илмӣ ва танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро тақозо менамояд.

Ҳарчанд ки ҳолати ҳуқуқии аксарияти субъектҳои соҳибкории хурд дар қонунгузорӣ муқаррар шуда бошад ҳам, вале амалияи имрӯзаи ҳуқуқ зарурати баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро бо сабаби ноустуворӣ ва номукаммалии

қонунгузорӣ тақозо менамояд. Аз ҷумла, таъмини мувозинати манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ дар доираи чунин танзимнамоӣ, ҳалли проблемаҳои танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо ҷиҳати рушди соҳибкории хурд, механизми ҳуқуқии ҷалби воситаҳои қарзӣ ва ғайраро талаб менамояд.

Асоси ҳуқуқии ҳавасмандгардонии соҳибкории хурд ва дастгирии ҳуқуқии онро бояд имтиёзҳои андозӣ, озодии рақобат, додани қарзҳои (кредитҳои) имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурд, таъминоти саривақтии молиявию қарзӣ ва устувори шартномавӣ ташкил диҳанд. Бинобар ин, имрӯз дар ин самт масъалаи асосӣ таъмини ҳуқуқии самтҳои фаъолияти соҳибкории хурд меистад.

Бояд қайд намоем, ки номукаммалии қонунгузории соҳаи соҳибкории хурд, набудани низоми самараноки дастгирии давлатӣ, аз ҷумла механизми дастгирии молиявӣ, молумулкӣ барои рушди соҳибкории хурд ба таври бояду шояд мусоидат наменамояд. Ин ва дигар масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд диққати муаллифро ба проблемаи мазкур ҷалб намуда, барои таҳқиқоти диссертатсионӣ асос гардидаанд.

**Робитаи кор бо мавзӯи илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти таҳқиқот мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯи таҳқиқот.** Масъалаҳои соҳибкории хурд аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, гарчанде ки ба таври васеъ дар корҳои илмии олимони хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад ҳам, вале то ба ҳол дар ҶТ мавриди таҳқиқоти илмии алоҳида қарор дода нашудааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи соҳибкории хурд дар корҳои илмии олимони соҳаи ҳуқуқи хориҷӣ ва ватанӣ, ба монанди Ю.А. Волкова-Рарог[48], Ю.А. Хорков[49], С.А. Коноплев[50], Ш.М. Исмоилов[51], М.З. Раҳимзода[52], Ф.А. Маҳмадшоев[53] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ба ҷабҳаи иқтисодии мушкилоти соҳибкории хурд ҳамчун омили рушди иқтисодиёт, ташаккул ва рушди ин намуди фаъолият дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ, дастгирии қарзиву молиявӣ оид ба рушди самтҳои афзалиятноки намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурд, аз ҷониби олимони иқтисодиёти ватанӣ диққати махсус дода мешавад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмии проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ташкил дода, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкории хурдро дар бар мегирад.

Барои ноил шудан ба чунин мақсадҳо муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ вазифаҳои зеринро муайян кардааст:

– муайян намудани мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд;

– таҳқиқи моҳият ва мафҳуми ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд;

---

[48] Волкова-Рарог Ю.А. Малое предпринимательство (Правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – 224 с.

[49] Хорьков Ю.А. Правовое положение субъектов малого предпринимательства: частноправовой аспек: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2006. – 183 с.

[50] Коноплев С.А. Правовой режим субъектов малого предпринимательства: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – 191 с.

[51] Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: Конуният, 1998. – 187 с.; Исмаилов Ш.М. Законодательство о малом и среднем предпринимательстве в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. – 2013. – № 2 (02). - С. 90-105.

[52] Рахимов М.З. Конечний результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с; Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 390 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: МН Дониш. – 2019. – 557 с.

[53] Махмадшоев Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 194 с.

– таҳқиқи ташаккул ва рушди қонунгузории ҶТ дар соҳаи соҳибкории хурд;

– баррасии ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун субъекти соҳибкории хурд;

– муайян намудани бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд;

– омӯзиши асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои фаъолияти онҳо, инчунин, шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд;

– таҳияи пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории ҶТ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар ҶТ ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсиониро** қонунгузории танзимкунандаи соҳибкории хурд дар ҶТ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, инчунин фикру ақидаҳои олимон оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ташкил медиҳанд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти таҳқиқотро усулҳои умумӣ ва махсуси дарки илмии воқеияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти кори илмӣ ба як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди: мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва усулҳои байнисоҳавӣ такя мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро** масъалаҳои мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, ташаккулу рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибкории хурд, ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, хусусиятҳои бақайдгирии субъектҳои соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳо вобаста ба инкишофи соҳибкории хурд, инчунин омилҳои дигаре, ки

садди роҳи рушди ин намуди фаъолият мегарданд, ташкил медиҳад. Дар таҳияи диссертатсия муаллиф ба осори И.В. Амирханова, А.О. Блинов, В.С. Белих, В.Г. Игнатов, В.В. Волкова, Е.А. Суханов, Е.П. Губина, И.В. Ершова, Ш.М. Менглиев, Ш.М. Исмоилов, А.Қ. Каримов, А.К. Коршунов, Ф.А. Маҳмадшоев, А.В. Михайлов, О.Н. Горбунова, В.А. Ойгензихт, В.Ф. Попондопуло, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, С.Г. Пепеляев, В.В. Сичинава, М.А. Суптаев, Е.Е. Тонков, И.В. Черняков ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

**Заминаи меъёрии диссертатсия.** Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии диссертатсияро Конститутсияи ҶТ, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барномаҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар кор баъзе меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дар соҳаи баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ эътирофкардаи ҶТ низ истифода шудааст.

**Навгонии илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими комплекси ҳуқуқии соҳибкории хурд дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб диниста мешавад. Аз ҷумла: мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд, мафҳум ва моҳияти ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд, ташаккул ва рушди қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд, хусусияти ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд, таҳлилҳои иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо, алоқамандии онҳо барои мусоидати рушди соҳаи соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва шаклҳои ҳуқуқии онҳо.

Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Таҳлили моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд нишон медиҳад, ки соҳибкории хурд ҳамчун қисми таркибии соҳибкорӣ, соҳаи махсуси танзими ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати хусусият воҳиди маҷмӯӣ буда, моҳият ва мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Моҳияти (мазмуни) иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкории хурд ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Моҳияти иқтисодии соҳибкории хурд дар тавсифи диалектикӣ ва бисёрмеъёрии рушди он зоҳир ёфта, ба сифати бахши мустақили иқтисодиёт барои ба даст овардани фоида равона карда шуда, бо дараҷаи баланди номуайянӣ ва таваккал, ҷавобгарӣ, қобилият ба ҷорӣ намудани навоварӣ ва ғайра асос меёбад.

Моҳияти (мазмуни) ҳуқуқии соҳибкории хурд аз мафҳуми расмии фаъолияти соҳибкорӣ, ки қонунгузории ҶТ онро ҳамчун фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст, ба миён меояд (қ. 3, м. 1 КГ ҶТ ва қ. 1, м. 8 Кодекси андози ҶТ).

2. Таҳлили муносибати назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян кардани субъектҳои соҳибкории хурд дар ҶТ ва таҷрибаи байналмилалӣ имкон медиҳад, ба хулоса оем, ки асос барои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бояд муносибати омехта бошад, ки дар худ аломатҳои миқдорӣ ва сифатии тааллуқ доштани субъектро ба субъекти соҳибкории хурд ифода намуда, барои то дараҷае ба таври пурра ва объективона кушодани моҳияти иқтисодӣ-ҳуқуқии соҳибкории хурд ҳангоми барасмиятдарории ҳуқуқии он мусоидат намояд ва ба ягонагии равиши инкишофи қонунгузории ҶТ созгор бошад. Ҳамзамон, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар қонунгузории ҶТ-ро бо таҷрибаи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ оид ба шумораи кормандони бо кор машғулбуда пурра карда шавад.

3. Фаъолияти ҳунармандӣ – як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд оид бо тарзи дастии истеҳсолот ё ин ки бо истифодаи воситаҳои механиконии хурд дар асоси истифодаи малакаи касбии эҷодӣ ва маҳоратнокии касбии истеҳсолӣ ё таъйиноти ороишотии дорои хусусияти муқарраршудаи инфиродии муайян мебошад.

4. Ҳавасмандии иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории хурд нияти ҳуқуқии баамалбарории фаъолият оид ба таъсис ва баамалбарории фаъолияти соҳибкории хурд аз ҷониби субъектҳои он тибқи қонунгузорӣ дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд мебошад. Ҳавасмандгардониҳои рушди соҳибкории хурд моҳияти иқтисодию ҳуқуқӣ дошта, онҳо дар алоқамандӣ қарор доранд. Онҳо ҳамчун чораҳои мусбати иқтисодию ҳуқуқӣ барои ноил гардидан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ гирифтани фоида равона карда шудаанд.

5. Маҳдудияти ҳуқуқии соҳибкории хурд аз нуқтаи назари қонунгузор боздошти ғайриқонунӣ ва номатлуби амалҳои шарикони хусусӣ ва оммавӣ дар соҳаи соҳибкории хурд буда, барои қонеъ гардонидани манфиатҳои хусусӣ ва оммавии субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам меорад.

6. Дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд низоми бо қонунгузорӣ муқарраргардидаи меъёр, усул, чора ва воситаҳое мебошанд, ки дар маҷмӯъ ба ташкил ва таъмини кори самараноки онҳо равона гардида, ҳавасмандгардонии ҳуқуқии субъектҳои мазкур ва маҳдудиятҳои ҳуқуқии шахсони бо онҳо алоқамандбударо баҳо медиҳад.

7. Шакли ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд чораҳои (усул, воситаҳои) аниқи дорои хусусияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маҳдуд ва ҳавасмандкунандае мебошад, ки ба таъсис ва (ё) дастгирии сатҳи фаъолияти низоми субъектҳои соҳибкории хурд равона гардидаанд.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ дар бораи соҳибкории хурд пешниҳодҳои зерин карда мешавад:

1. Бо мақсади бартараф намудани норасоиҳо дар танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии соҳибкории хурд» қабул карда шуда, дар он масъалаҳои субъектҳо, маҳакҳое, ки ин ё он субъекти фаъолияти соҳибкориро ба субъекти соҳибкории хурд дохил намудан мумкин аст, дастгирии давлатии соҳибкории хурд, ҳавасмангардонӣ ва маҳдудиятҳо дар соҳаи соҳибкории хурд, таъмини иттилоотии соҳибкории хурд, иттифоқҳои (ассотсиятсияҳои) соҳибкории хурд ва ғайра пешбинӣ карда шавад.

2. Барои рушди соҳибкории хурд дар Тоҷикистон тавассути ҷалби давлат, бахши хусусӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва байналмилалии молиявӣ, яъне дар шакли омехта таъсис ва рушд додани фондҳои замонатӣ мувофиқи мақсад аст. Барои заминаи ҳуқуқии онро ба вуҷуд овардан қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи фондҳои замонатӣ» зарур мебошад. Дар он бояд асосҳои иқтисодию ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти фондҳои замонатӣ, шартҳои барпо намудани он, сармояи кафолатӣ, сарчашмаҳои ташаккул ва дараҷаи камтарини сармояи оинномавӣ, тартиби додани замонат, ҷавобгарии фондҳои замонатӣ ва ғайра муқаррар карда шавад.

3. Дар ҳолати рафтани иштирокчиёни ширкати ба боварӣ асосёфта мавҷудияти он аз байн меравад ва иштирокчии ягонаи он ташкилоти тиҷоратӣ, аз ҷумла ҷамъияти хоҷагии аз ҷониби як шахс таъсисдодашуда ва саҳмгузори ягонаи он бошад, шахси воқеии муассиси чунин ҷамъият ба ҳисоб меравад. Бо сабабе ки ширкат аз ҷониби як шахс таъсис дода шуданаш мумкин нест, масъалаи мавҷудияти ширкати ба боварӣ асосёфта дар сатҳи қонунгузорӣ ҳалнагардида боқӣ мемонад. Дар ин сурат маълум намегардад, ки шартномаи таъсиси ширкат бо кӣ баста мешавад, агар иштирокчии комил як худаш боқӣ монда бошад, саҳмгир бошад, тибқи шартнома тараф ба ҳисоб намеравад. Барои ҳалли масъала дар чунин ҳолат дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда шавад, ки шартномаи таъсисии ширкати ба боварӣ асосёфта бояд дар байни ҳамаи

иштирокчиёни он, ҳам иштирокчиёни комил ва ҳам саҳмгузорон баста шавад.

4. Қонунгузории Тоҷикистон сармояи оинномавии ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдудро на камтар аз 500 сомонӣ муқаррар менамояд. Маблағи мазкур дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ночиз буда, барои амалӣ намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кредиторон метавонад монеа эҷод намояд. Аз ин ҷо ба қ. 1, м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» илова ворид намуда, маблағи сармояи оинномавии он ба панҷ ҳазор сомонӣ баробар карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он мумкин аст оянда дар таҳия ва рушди танзими фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, истифода бурда шавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда, ҳамзамон, имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои баҳододашавандаи ҳуқуқи граждани ва соҳибкорӣ тавзеҳ дода шавад.

Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб меравáнд. Маводи рисолаи дисертатсиониро ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ, ҳуқуқи кишоварзӣ, курси махсуси асосҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар ҶТ, дар фаъолияти омӯзгорию таълимӣ, аз ҷумла ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ, амалӣ, омода намудани маводи таълимӣ ва методӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқотро** тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкории хурд, ки кори илмии мазкурро дар бар мегирад, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шуда метавонанд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва

консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи соҳибкории хурд, истифода бурда шаванд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли нуҳум бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

## ФАСЛИ 10
## Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ

**Мубрамияти таҳқиқоти илмӣ.** Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ яке аз илмҳои муҳим ва мунтазам рушдёбандаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Вай маҳсули ақида ва донишҳои олимони ҳамин соҳа мебошад. Мазмуни вай бо тағйир ёфатани ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании ин ё он кишвар дигаргун мегардад. Дар айни ҳол аксарияти низоми ҳуқуқии ҳозиразамон онро дар зери мафҳумҳои гуногун вале бо ҳамдигар алоқаманд, аз ҷумла тиҷоратӣ, хоҷагӣ ва соҳибкорӣ истифода мебаранд.

Бояд қайд намоем, ки аввало, мафҳуми «ҳуқуқи соҳибкорӣ» ҳамчун илм, таълимот дар бораи ҳуқуқи соҳибкориро ифода менамояд. Дар ин маънӣ илми ҳуқуқи соҳибкорӣ аз низоми мунтазами ақидаҳои назариявӣ, ғояҳо, хулоса ва муҳокимарониҳо оид ба ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун зуҳуроти объективӣ ва донишҳои олимон нисбат ба он мебошад. Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба монанди ҳамаи илмҳои дигар, доимо дар инкишоф буда, рафти тараққиёти иқтисодиёт ва соҳибкориро дар алоқаманди ба амалия ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳамчун қисми таркибии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода менамояд. Сонияն, дар зери мафҳуми «илми ҳуқуқи соҳибкорӣ» яке аз соҳаҳои илми ҳуқуқшиносиро фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ҷамъиятии намуди муайяни хислати комплекси доштаро ба танзим медарорад. Ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ муносибатҳои амудӣ ва уфуқии дар ҷараёни фаъолияти соҳибкорӣ амалишаванда, дигар муносибатҳои ба он алоқаманд ва танзими давлатии онҳо ба батартиб даровавда мешаванд.

Дар баробари ҳамин, илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба он восита ва усулҳое (созиш, навиштаҷотҳои ҳатмӣ, ҳавасмандкунӣ ва ғ.) диққати

махсус медиҳад, ки самаранокии танзими муносибатҳои соҳибкориро таъмин менамояд.

Бояд қайд намоем, ки илми ҳуқуқи соҳибкорӣ аз маҷмӯи донишҳои шахшуда ва оддӣ иборат намебошад, Вай фаъолиятест, ки барои гирифтани донишҳои нав равона карда шуда, ва мақсади он гирифтани дониш барои дониш буда, аломати фарққунандаи он ба даст овардани дониши самаранок дар бораи ин ё он зуҳуроти соҳибкорӣ  ва дарки моҳияти он мебошад. Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ танҳо аз маҷмӯӣ донишҳо бонизом иборат мебошад.  Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки на ҳамагуна зуҳуроти соҳибкорӣ  дорои хусусияти илмӣ шуда метавонад. Танҳо шакли олии он кадоме, ки дар онҷо ва дар ҳамон вақт, инчунин  дар онҷо ва дар ҳамон вақт талабот оид ба дарки бонизоми фаъолияти соҳибкорӣ бавуҷуд меояд, метавонад моҳияти илмӣ ҳуқуқи соҳибкориро ташкил диҳад. Вале таъиноти  илми ҳуқуқи соҳибкорӣ танҳо дар доираи  донишандухтан маҳдуд намешавад. Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба монанди ҳамагуна дигар илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҳамеша ҳам таъинотӣ даркнамои ва ҳам амалӣ дорад. Вай меҳвари   омӯзиш, инкишоф ва амалнамоии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории он мебошад. Чи қадаре, ки қонунгузорӣ такмилёфта набошад, вай қобилияти пешгӯӣ ва муайян кардани ҳамаи имкониятҳои проблемаҳои  ҳуқуқӣ  ва бартараф кардани шубҳаро дар ин ё он категорияи аҳамияти ҳуқуқӣ дошта надорад.  Дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ ногузир мо ба нофаҳмоӣ, мухолифат ё холиги оддӣ дучор мешавем, ки  боиси баҳс гардида, ва метавонад шароитро барои худсари дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ бавуҷуд меорад. Ба ғайр аз он талабот дар бораи якхела нигоҳ доштани меъёрҳо ва присипҳо ҳуқуқӣ соҳибкорӣ, барпо кардани тартиби якхелаи амали намудани қонунгузории соҳибкорӣ, ки хислати комплексӣ дорад ва  ғ. вуҷуд дорад. Ҳалли чунин проблемаҳо вазифаи илмӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ

мебошад. Барои ҳамин ҳам вай асоси муҳими амалнамоӣ ва инкишофи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории он мебошад.

Қайд карадан бамаврид аст, ки аз категорияи «илми ҳуқуқи соҳибкорӣ» категорияи қонунгузории соҳибкорӣ бояд фарқ карда шавад. Онҳо агрчанде, ки бо ҳам алоқаманд бошанд ҳам, вале ҳаммаъно нестанд, зеро инкишофи ҳар яки онҳо ба қонуниятҳои ба худ хос итоат менамояд. Аввало меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ таҷассуми худро дар санадҳои зиёди қонунгузории соҳибкории меёбанд. Аз ин ҷо онҳо низ предмети омӯзиши илми ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошанд. Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ қонунгузории соҳибкориро мавриди омӯзиш қарор дода, низоми он, иерархияи санадҳои меъёрии гуногуни қонунгузории соҳибкорӣ ва эътибори ҳуқуқии онҳо, ҳолати қонунгузории соҳибкорӣ ва мутобиқ будани инкишофи он ба талаботи рушди ҷомеа, инчунин роҳҳо ва тарзҳои такмили қонунгузории соҳибкориро муайян менамояд. Категорияи «қонунгузории соҳибкорӣ» дар маънии васеъ низоми санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ, аз ҷумла конститутсия, кодексу қонунҳо, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро, ки дар онҳо муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ бо таври комплекси мустаҳкам карда шудаанд дар бар мегирад. Чи қадаре, ки қонунгузорӣ такмилёфта набошад, вай қобилияти пешгӯӣ ва муайян кардани ҳамаи имкониятҳои проблемаҳои ҳуқуқӣ ва бартараф кардани шубҳаро дар ин ё он категорияи аҳамияти ҳуқуқӣ дошта надорад. Дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ ногузир мо ба нофаҳмоӣ, мухолифат ё холиги оддӣ дучор мешавем, ки боиси баҳс гардида, ва метавонад шароитро барои худсари дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ бавуҷуд оварад. Ҳамзамон, талабот дар бораи якхела нигоҳ доштани меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқӣ соҳибкорӣ, барпо кардани тартиби якхелаи амали намудани қонунгузории соҳибкорӣ, ки хислати комплексӣ дорад ва ғ. вуҷуд

дорад. Ҳалли чунин проблемаҳо вазифаи илмӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам вай асоси муҳими амалнамоӣ ва инкишофи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва қонунгузории он мебошад.

Ҳамин тавр, доираи омӯзиши илми ҳуқуқи соҳибкорӣ омӯзиши татбиқи қонунгузории соҳибкорӣ, инчунин таҳия ва пешниҳоди таклифҳои илман асоснок оид ба такмили қонунгузории соҳибкорӣ низ мебошад. Аз инҷо ошкор намудан ва омӯзиши қонуниятҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар алоқамандӣ бо муносибатҳои ҷамъиятии танзимкунандаи онҳо яке аз вазифаҳои асосии илми ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки предмети омӯзиши илми ҳуқуқи соҳибкорӣ омӯзиши худ ба худи қонунгузории соҳибкории танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ ва талаботи ин ё он идеология набуда, балки воқеияти ҳақиқии объективии моро иҳотакунандаи рушди ҷомеаъ мебошад.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки инкишофи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ боиси доимо аз нав васеъшавии донишҳо дар бораи предмети он мегардад. Дар баробари ҳамин на ҳамаи хулосаҳои илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар сари вақт таҷассуми худро дар қонунгузории он меёбанд. Ба мо маълум аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкориро дар як санади расмӣ ҷойгир намудан душвор мебошад. Аз ин ҷо низоми санадҳои расмии танзимкунандаи муносибатҳои соҳибкорӣ комплекси мебошад. Маҳз барои ҳамин ҳам аниқ муайян намудани мазмуни ибораи «илми ҳуқуқи соҳибкорӣ» ба¬рои тасаввуроти аниқ пайдо намудан оид ба предмети омӯзиши он аҳамияти калон дорад.

Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ илми ҷамъиятӣ мебошад. Вай аз низоми донишҳо, назарияҳо, ғояҳое иборат мебошад, ки ба¬рои дарк намудани ҳақиқати воқеӣ равона карда шудааст, ва он чи ки меомӯзад, дарк менамояд, эзоҳ медиҳад, предмети он шуда метавонад. Ба қонуниятҳои объективӣ ва тамоили инки¬шофи ҷамъият такя намуда,

муносибатҳои комплексии иқтисодии ба рафтори субъектҳои соҳибкорӣ (хоҷагӣ), инчунин давлат алоқамандро, мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, рушди муносибатҳои соҳибкорӣ ва танзими давлатии онҳо нақши эҷодкоронаи ҳуқуқи соҳибкориро баланд мебардорад. Ба¬рои ҳамин ҳам дар чунин шароит илми ҳуқуқи соҳибкорӣ диққати худро барои таҳқиқ ва таҳияи категория ва мафҳумҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии аҳамияти доимоинкишофёбанда равона месозад. Зеро чунин тарзи муносибат барои ҳалли вазифаҳои амалии дигаргунсозии куллии ҳаёти иқтисодии кишвар, ки асоси онро соҳибкорӣ ташкил медиҳад зарур мебошад.

Низоми илми хуқуқи соҳибкориро назарияҳо оид ба предмет, принсипҳо, методҳо, муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва натиҷаи ниҳои он фоида, ҳолати ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, ва ғ. ташкил медиҳанд. Ҷои марказиро дар илми ҳуқуқи соҳибкорӣ таълимот дар бораи реҷаи ҳуқуқии молумулки соҳибкор, танзими давлатӣ ва шартномавии фаъолияти соҳибкорӣ, рақобат ва фаъолияти инҳисорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва бозор, ҷавобгарии субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва ғ. ишғол менамояд.

Вазифаи асосии илмӣ ҳуқуқи соҳибкорӣ дар шароити ҳозира аз он иборат аст, ки ҷараёни инкишофи муносибатҳои соҳибкорӣ ва дигар муносибатҳои иқтисодии ба он алоқамандро дуруст дарк намуда, рушди воқеии онро муайян намояд. Аз тарафи дигар бошад, ҳама он чиро ки барои инкишофи низоми нави муносибатҳои бозорӣ мамониат менамояд таҳқиқ намуда, барои бартараф намудани монеаҳо дар ин ҷода мавҷудбуда бояд мусоидат намояд. Аз ин нигоҳ, таҳқиқ ва бо меъёрҳои ҳуқуқии самаранок таъмин намудани рушди фаъолияти соҳибкорӣ, такмили шаклҳои ташкили ҳуқуқии субъектҳои

хоҷагӣ ва низоми танзими давлатии фаъолияти онҳо, бартараф намудани рақобати бевиҷдонона, танзими ҳуқуқии соҳаҳои алоҳидаи соҳибкорӣ, аз ҷумла бозори асъор, коғазҳои қиматнок, кредит (қарз), суғурта, иттилоот ва ғайраҳо, дар шароити ҳозираи рушди ҷомеаъ аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Барои ошкор намудани қонуниятҳои баҳамтаъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки он ба танзим медарорад амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ аз ҷониби суди иқтисодӣ ва дигар мақомотҳои ҳуқуқтатбиққкунанда аҳамияти калон дорад. Аз инҷо омӯзиши таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ вазифаи муҳими илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба шумор меравад.Маҳз бо шарофати омӯзиши таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ камбудиҳои қонунгузории соҳибкорӣ ошкор карда шуда, ва таҳлилӣ илмии онҳо имконият медиҳад, ки пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории соҳибкорӣ ва таҷрибаи татбиқи онҳо бо таври мухтасар ифода карда шаванд. Ҳамзамон таҳлилӣ таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ имконият медиҳад, ки на танҳо камбудиҳои меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, балки камбудиҳои илми ҳуқуқи соҳибкориро ошкор намоем.

Предмети омӯзиши ҳуқуқи соҳибкорӣ, инчунин илм ва қонунгузории соҳибкории давлатҳои хориҷа ҳам мебошад. Ба ин васеъшавии мустақилият ва соҳибихтиёрии субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар шароити ҳозира мусоидат менамояд. Дар баробари ҳамин омӯзиши илм ва қонунгузории соҳибкории (хоҷагӣ, тиҷоратӣ) давлатҳои хориҷа, имконият медиҳад ки аз таҷрибаи онҳо оид ба ташкил ва татбиқи низоми муносибатҳои соҳибкорӣ дар дохили кишвар истифода барем.

Бояд қайд намоем, ки илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар кишвари мо таърихи начандон тулонии инкишофро аз сар гузаронида бошад ҳам,

вале ақида ва назарияҳои илмии мутафаккирони он дар бисёр мавридҳо асоси инкишофи қонунгузории на танҳо соҳибкорӣ, балки дигар соҳаҳои қонунгузорӣ гардидаанд. Барои ҳамин ҳам эҷодкорона дарк намудан ва дар ҳаёт татбиқ намудани мероси бои илмии асосгузорони он яке аз вазифаҳои илми ҳозираи ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад.

Ҳамин тавр, илми ҳуқуқи соҳибкорӣ аз низоми донишҳо, назарияҳо, ақидаҳо оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд, инчунин танзими давлатии онҳо, қонуниятҳои инкишоф ва амалинамоии онҳо, тарзи ноил шудан ба самаранокии онҳо ва воситаҳои гирифтани донишҳои нави зарурӣ оид ба такмили ояндаи ин соҳаи комплексии ҳаётан муҳим иборат мебошад.

# ФАСЛИ 11

## Илми ҳуқуқи молия

**Мубрамияти таҳқиқоти илмӣ.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 қабул шудааст, асоси қонунгузорӣ барои марҳилаи нави рушди сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони муосир гардид, ки сиёсати он ба рушди муносибатҳои бозорӣ ва бунёди давлати иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Инкишофи ин муносибатҳо, ҳаракати пешрафтаи онҳо, тағирёбии сохтори ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозор ворид шудан ва таҳаввулоти минбаъдаи ин муносибатҳо дар шароити нави бозор, фаҳмиши воқеиятҳои тағирёбандаи иҷтимоӣ, танзим ва мустаҳкам кардани онҳоро бо меъёрҳои қонун талаб мекунад.

Асоси моддии ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат: сиёсат, иқтисодиёт, ташкили идоракунӣ, фарҳанг, маориф, соҳаи иҷтимоӣ ва ғайра молия, фаъолияти молиявии давлат ва меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки ин фаъолиятҳоро ба танзим медароранд.

Бо ёрии меъёрҳои қонунгузории молиявӣ маблағҳои буҷетӣ ва берун аз буҷетӣ маблағҳо ҷамъоварӣ, аз нав тақсим ва истифода мешаванд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ андозбандӣ карда мешаванд, сиёсати пулӣ ва асъорӣ амалӣ карда, ва фаъолияти бонкҳо ба танзим даровarda мешавад.

Рушди муосири муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо ислоҳоти иқтисодӣ рушди босуръати механизмҳои молиявию ҳуқуқии идоракунии ҷомеаро муайян мекунад, зеро роҳи идоракунии давлат ба ғайр аз бо пул ба роҳ мондан вуҷуд надорад, инсоният то ҳол василаи самарабахши идоракуниро ихтироъ накардааст.

Молия тамоми паҳлӯҳои фаъолияти давлатро фаро мегирад, ки ҳамкории бахшҳои хусусӣ ва давлатии иқтисодро таъмин мекунад.

Таҷрибаи таърихии рушди иҷтимоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳама форматсияҳои иҷтимоию иқтисодӣ маблағгузории давлатӣ мавқеи асосиро ишғол мекард. Шубҳае нест, ки мафҳуми "муносибатҳои молиявӣ" як атрибути ҷудонашавандаи давлат аст, аммо мундариҷаи ин муносибатҳо зери таъсири равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра бояд тағйир ёбад.

Чунин ба назар мерасад, ки тағиротҳои ҷорӣ ҳамчун тасдиқи ташаккули муносибатҳои нави молиявие ҳисобида мешаванд, ки бо меъёрҳои молиявию ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд, ки боиси тавсеа, равшанӣ ва тағирёбии мавзӯи ҳуқуқи молиявӣ мегарданд.

Муносибатҳои молиявӣ барои ҳаёти тамоми давлат хеле муҳиманд, аз ин рӯ, бояд илми ҳукуқи молия ҳамаҷониба омӯхта шаванд ва бо меъёрҳои ҳуқуқие, ки қонунгузории молиявиро ташкил медиҳанд, танзим карда шаванд.

Тағйири босуръати низомҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар оғози солҳои навадуми асри гузашта сабаб шуд, ки қонунгузор барои ба таври кофӣ дарк ва вокуниш нишон додан ба рӯйдодҳои сиёсии рӯйдода вақт надошт ва аз ин рӯ аксар вақт ҳуҷҷатҳои комилан омода ва андешидашуда қабул карда намешуданд, ки баъдан бояд аниқ, бекор ва тағйир дода мешуданд, ки аксар вақт боиси бесарусомонӣ дар қонунгузорӣ, ноустувории он, нобоварӣ ба субъектҳо мегаштанд.

Мутаассифона, ҳатто имрӯз қонунгузор баъзан муносибати худро ба қонунгузорӣ сифатан паст нишон медиҳад. Ҳамин тавр, масалан, конунгузории андоз зуд тағйир меёбад.

Ноустуворӣ ва номувофиқии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар Тоҷикиистони муосир ба амал меоянд, мунокишаҳои давра ба давра ба миён омада дар бораи мавзӯи илми ҳуқуқи молиявӣ, усулҳои танзими ҳуқуқӣ молиявӣ, ҷойгоҳи ҳуқуқи молиявӣ дар низоми қонунгузории Тоҷикистон ба раванди ташаккули ҳуқуқи молиявӣ дар

шароити нав таъсири манфӣ мерасонанд ва аз ин рӯ, акнун зарурати объективии оммавӣ барои омӯхтан, такмил ва истифодаи самараноки қоидаҳои қонунгузории молиявӣ ба миён омадааст. Ин дар навбати худ, таҳлили ҳуқуқӣ ва шарҳи мавзӯи ҳуқуқи молиявиро талаб мекард, ки самти омӯзиш ва интихоби мавзӯъро муайян кард.

**Дараҷаи таҳияи илмии мавзӯи таҳқиқот.** Ҷанбаҳои муайяни ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи молиявӣ таҳқиқ карда шудаанд, дар асарҳои С.С. Алексеева, Н.М. Артемова, Э.М. Ашмарина, И.И. Болдирева, И.Б Бричко, К.С. Велский, В.В. Бесчеревних, С.Н. Братуся, А.В. Бризгалина, А.Б. Венгерова, И.И. Веремеенко, А Ю. Викулина, Д.В. Винницкий, В.В. Витрянский, Л.К. Воронова, Е.А. Вознесенский, Е.Ю. Грачева, О. Н. Горбунова, М.А. Гурвич, И.Г. Заполский, С.В. Денисова, А.С. Емелянова, Т.С. Ермакова, М.Д. Загрятскова, С.В. Заполский, Б.Н. Иванова, М.Ф. Ивлиева, С.И. Иловайский, О.С. Иоффе, М.В. Карасева, Д.А. Керимов, Л.М. Коган, Э.И. Козлова, Ю.М. Козлова, А.Н. Козирина, В.М. Корелский, Ю.А. Крохина, В.Е. Кузнеченкова, О.Э. Кутафина, Н.А. Куфакова, Н.П. Кучерявенко, В.А. Лебедева, О.Е. Лист, В.И. Лисовский, Д.М. Лвова, Е.И. Майорова, М.Н. Марченко, И.В. Рукавишникова, Э.А. Рижкова, О М. Олейник, И.И. Патлаевский, П.С. Патсуркивский, С.Г. Пепеляева, В.Д. Перевалова, Г.В. Петрова, А.С. Пиголкина, М.И. Пискотина, Э.А. Ровинский, А.Свиршевский, А.П. Семитко, Е. Д. Соколова, Ю.Л. Смирникова, Ю.А. Тихомирова, Г.П. Толстопятенко, Н.Б. Топорнин, Н.И. Тургенев, Г.А. Тосунян, П.О. Халфина, Н.И. Химичева, Л.В. Хроленкова, А.И. Худякова, С.Д. Сипкина, Е.Б. Чернобровкина, М.Д. Шаргородский, Г.Ф. Шершневич, С.О. Шохин, А.М. Экмалян, Л.С. Явич, А.А. Ялбулганова, И.И. Янжул ва дигарон.

Ба таҳияи муқаррароти назариявии таҳқиқоти илмӣ асарҳои Н. Виннер, П.М. Годм, К.Маркс, Ч.М.Кейнс, Д.Риккардо, А.Смит, П.Хейн ва дигарон таъсири назаррас расонданд.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои гуногун ва ҷанбаҳои алоҳидаи марбут ба таърифи субъекти ҳуқуқи молиявӣ қаблан мавриди таҳлил қарор доштанд. Азбаски масъалаи илми ҳуқуқи молиявӣ дар айни замон баҳсбарангез ва мубрам аст, рушди он омӯзиш ва инъикоси минбаъдаро талаб мекунад.

**Мақсади таҳқиқот** гузаронидани омӯзиши ҳамаҷонибаи мундариҷаи илми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани таърифҳои мавзӯъ, усули танзими ҳуқуқии молиявӣ дар асоси назарияи ҳуқуқ дар маҷмӯъ ва ҳуқуқи молиявӣ, аз ҷумла омӯзиши хусусиятҳои тағирот дар муассисаҳои асосии молиявӣ ва ҳуқуқии он мебошад.

**Ҳадафҳои тадқиқот.** Барои татбиқи ҳадафи тадқиқот муаллиф вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- гузаронидани таҳлили таърихии асарҳои олимони ҳуқуқшинос, ки ба омӯзиши муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи молия бахшида шудаанд;

- таҳлили вазъи илми ҳуқуқи молиявӣ дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ;

- аниқ кардани таърифи предмети ҳуқуқи молиявӣ;

- таҳлил ва аниқ кардани мафҳуми методи ҳуқуқи молиявӣ;

- таҳлили ҷойиҳуқуқи молиявӣ дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон;

- таҳлили тағйироте, ки дар қонуни буҷет ба амал омадаанд ва ба қонунгузор оид ба такмили меъёрҳои Кодекси андози ҶТ пешниҳодҳо пешниҳод кардананд;

- таҳлили мафҳуми андозҳо ва таъсири онҳо ба илми ҳуқуқи молияв;

Вазифаҳои гузошташуда дар сохтори кор инъикос меёбанд.

**Асоси назариявии таҳқиқот** рушди бунёдии таҳлили андешаи ватанию хориҷӣ иқтисодчиён, олимони ҳуқуқшинос дар соҳаҳои конститутсионӣ, маъмурӣ, гражданӣ, молиявӣ ва дигар соҳаҳои

ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад, ки таҳлили муқоисавии илми ҳуқуқи молиявиро пешниҳод мекунад, масъалаҳои марбут ба илми ҳуқуқи молиявӣ ва усулҳои танзими молияви ва ҳуқуқиро нишон медиҳад. Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳлили асарҳои олимони ҳуқуқшиноси Шӯравӣ, Тоҷикистон ва хориҷӣ асос ёфтааст.

**Асоси методологӣ** ва методии таҳқиқи рисола усули умумии илмии диалектикии маърифат ва усулҳои мушаххаси илмӣ мебошад, ки аз он бармеоянд: муқоисавии ҳуқуқӣ, мантиқӣ, системавӣ-сохторӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, функсионалӣ-сохторӣ, лингвистӣ, усули тафсир, инчунин усулҳои кибернетикӣ: таҳлили система, таҳлили робитаҳои мустаким ва барьакс.

Барои рӯшан кардани равишҳои муосир ба илм таҳлили таърихӣ гузаронида шуд, ки имкон медиҳад, ки эволютсияи диалектикӣ ва доктриналии субъекти ҳуқуқи молиявӣ баррасӣ карда шавад, ки ин имкон дод, ки мушкилоти илми ҳуқуқи молиявӣ дар рушди диалектикӣ ва таърихии он ба таври муназзам омӯхта шаванд. Ҳамаи ин усулҳои соҳавии илмӣ ва ҳуқуқии ҳамаҷониба барои кӯшиши омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаи мушкилоти таъиншудаи мавзӯи ҳуқуқи молиявӣ истифода шаванд.

**Обьекти таҳқиқоти илмӣ** муносибатҳои иҷтимоӣ оид ба ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳои мутамарказ ва ғайримутамарказ мебошад.

**Предмети тадқиқот** - мушкилоти назариявӣ ва методологии илми ҳуқуқи молиявӣ, мундариҷа ва танзими ҳуқуқии онҳо мебошад.

**Нававарии илмии рисола** иборат аз омӯхтани ҳамаҷонибаи илми ҳуқуқи молиявӣ дар марҳилаи кунунии рушди давлатдории Тоҷикистон ва низоми қонунгузории кишвар мебошад. Дар доираи ин таҳқиқот муносибатҳои иҷтимоие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ ба танзим дароварда шуда, илми ҳуқуқи молиявиро дар давраи ҳозира

ташкил медиҳанд, таҳлил карда шуданд, ки дар натиҷа тавсеаи назарраси илми ҳуқуқи молиявӣ муқаррар карда шуд.

Тадқиқот имкон дод, ки муқаррароти зерини назариявӣ таҳия ва асоснок карда шаванд:

1. Предмети ҳуқуқи молиявӣ дар шароити бозор ба таври назаррас тағир ёфт ва сарфи назар аз он, ки як қисми муносибатҳои молиявӣ бо қонунгузории гражданӣ ба танзим даровarда шуда буданд, дар маҷмӯъ муносибатҳои молиявӣ ва ҳуқуқӣ тамоюли васеъшавӣ доранд, аз ин рӯ, ҳамин тамоюл барои предмети ҳуқуқи молиявӣ хос аст.

Фаъолияти молиявии давлат, ки предмети танзими ҳуқуқи молиявӣ мебошад, ба дохил кардани молияи шаҳрҳо, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, маблағҳои дар буҷет муттаҳидшуда, доираи татбиқи андозҳо васеъ ва тағир ёфт. Бонкҳои тиҷоратӣ пайдо шуданд, ки гарчанде онҳо субъектҳои хусусӣ ё корпоративии муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ бошанд, аммо онҳо дар фаъолияти молиявии давлат нақши калон ва назаррас доранд, зеро қисми зиёди воқеии маблағ аз онҳо мегузарад ва бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

2. Методи ҳуқуқи молиявӣ хусусияти императивӣ дорад, аммо аз сабаби он, ки ҳуқуқи молиявӣ муносибатҳои мушаххаси иҷтимоиро танзим мекунад - муносибатҳои молиявию ҳуқуқие, ки дар соҳаи ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пулӣ рушд мекунанд - қонунҳои объективии иқтисодӣ бояд ҳангоми истифодаи усули императивӣ ба назар гирифта шаванд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ муносибатҳои объективии мавҷудаи ҷамъиятиро ба танзим медароранд, ки дар натиҷаи онҳо ихтиёр, худсарӣ ва волюнтаризмро, ки баъзан ба меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ хосанд, дар бар гирифта наметавонанд.

3. Таърифи ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ дода шудааст, ки мутобиқи он ҳуқуқи молиявӣ як соҳаи мураккаб ва

тақсимнашавандаи соҳаи ҳуқуқ мебошад, ки синтези ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи меъёрҳои ҳуқуқ ба назар мегирад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи маблағҳо аз фондҳои мутамарказ ва ғайримутамарказ ба танзим медароранд.

4. Мавҷудияти робитаи наздики қонунҳои андоз ва буҷет, ки аз ҷумла дар он зоҳир мешавад, ки дар айни замон андозҳои супоридаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ манбаи асосии даромади низоми буҷетӣ гаштаанд, дар ҳоле ки дар давлати шӯравӣ буҷа асосан аз ҳисоби пардохтҳои ҳатмии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлати пурра карда мешуд.

5. Тамоюлҳои рушди мутақобила ва вобастагии буҷа ва андозҳоро муаллиф ошкор намуд, ки онҳо иборатанд аз: изофаи буҷет, бори андоз метавонад тавассути паст кардани меъёрҳои андоз ё бекор кардани баъзе андозҳо суст карда шавад; касри буҷа, бори андоз аз ҳисоби баланд бардоштани меъёрҳои андоз ва ҷорӣ намудани андозҳои иловагӣ зиёд карда мешавад.

6. Сарфи назар аз он, ки низоми бонкӣ дар шароити бозор ба куллӣ тағир ёфтааст (дар ҳоли ҳозир он аз Бонки милии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ иборат аст), бо вуҷуди ин нақши бонкҳо дар фаъолияти молиявии давлат меафзояд, зеро массаи воқеии пул тавассути бонкҳо тақсим карда мешавад ва онҳо тамоми фаъолияти давлатро бо сомонӣ амалӣ мекунанд. Сарфи назар аз он, ки буҷаи ҷумҳурӣ тавассути хазина иҷро карда мешавад, охирин наметавонад фаъолияти худро бидуни Бонки миллии Тоҷикистон пеш барад.

7. Муаллиф ба функсияи танзимкунандаи ҳуқуқи молиявӣ таъкид мекунад, ки иборат аз он аст, ки давлат бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ барои иҷрои вазифаҳои худ метавонад сармояи хусусиро ҷалб кунад. Чунин воруди сармояи хусусиро метавон тавассути пешниҳоди имтиёзҳо амалӣ намуд. Масалан ба рушди тиҷорати хурд ва миёна равона карда шавад. Афзалият метавонад баргардонидани пули

накдии фарқияти фоизи қарзи тиҷоратӣ бошад ё қисман ё тамоми фарқияти тарифиро пӯшонад. Чунин имтиёзҳо, аз ҷумла дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонуни буҷа барои соли ҷорӣ, ки мутобиқи он фарқияти фоизи қарзи тиҷорӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки фаъолияташонро дар соҳаи кишоварзӣ ва сохтмон анҷом медиҳанд, пардохта мешаванд.

8. Функсияи танзимкунандаи андозҳоро давлат метавонад бо мақсади идоракунии ғайримустақими иқтисодии гардиши пул, аз ҷумла гардиши хусусӣ истифода барад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз муайян ва равшан кардани илми ҳуқуқи молиявӣ дар шароити муосири Тоҷикистон, аз ҷониби муаллиф асоснок кардани мавқеи худ оид ба масъалаҳои баҳсталаби илми ҳуқуқи молия мансуб будани як қатор муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмил додани танзими меъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки субъекти ҳуқуқи молиявиро ташкил медиҳанд. Муаллиф таърифҳоро пешниҳод намуда, мазмуни як қатор мафҳумҳоро равшан намуда, таҳлили илмӣ ва назариявии баъзе таърифҳои илми ҳуқуқи молиявиро гузаронидааст. Як қатор масоил дар нашрияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Аҳамияти амалии омӯзиш** бо мувофиқат ва навигарии хулосаҳои назариявӣ ва муқаррароти амалии дар асар асосёфта муайян карда мешавад, ки баъзе муқаррароти илми ҳуқуқи молиявиро таҳия ва илова мекунанд ва метавонанд барои такмил додани заминаи меъёрии амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи молиявӣ истифода шаванд. Муаллиф оид ба такмили муқаррароти назариявии қонунгузории молиявӣ пешниҳодҳо пешниҳод кардааст.

**Хулосаҳо ва муқаррароте,** ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ таҳия шудаанд, метавонанд барои такмили қонунгузории молиявӣ истифода шаванд. Дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ дар корҳои илмӣ ҳангоми

таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ ва амалӣ оид ба илми ҳуқуқии молиявӣ дар раванди таҳияи китобҳои дарсӣ, нашрияҳои методӣ оид ба фанни таълимии "Ҳуқуқи молия" дар мактабҳои олӣ зарур аст.

# ФАСЛИ 12

## Илми ҳуқуқи меҳнатӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Давраи муосири рушди қонунгузории Тоҷикистонро метавон ҳамчун замони тағйирот ва иловаҳои бепоён ба санадҳои меъёрӣ, номувофиқии як қатор қонунҳо, авҷ гирифтани бавуҷудоии «шохаҳо»-и нави қонунгузорӣ тавсиф кард. Вазъи кунунӣ мубоҳисаҳоро дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз рӯи як қатор масъалаҳои ҳам фанҳои умумии назариявӣ ва ҳам махсус шиддат бахшид. То ба имрӯз дар адабиёт дар бораи мустақилият ва судмандии ҳуқуқи меҳнат ҳамчун як шохаи низоми ҳуқуқи Тоҷикистон баҳсҳо вуҷуд доранд. Ин тамоюлро барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ бавуҷуд меорад, ки боиси бад шудани вазъи кормандон мегардад. Илми ҳуқуқ яке аз заминаҳои асосии ташаккули низоми қонунгузорӣ, ба низом даровардан ва рамзгузории санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Рушди илмҳои тахассусӣ бо таърифи ин мафҳум алоқаманд аст.

Дар шароити бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ, бо номутобиқатии ҷиддии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нақши таҳқиқоти илмӣ меафзояд, ки ба дарёфти меъёрҳои асосии фарқияти муносибатҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои танзим нигаронида шудааст.

Дар илми ҳуқуқи меҳнат мушкилоти намудҳои муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ, таркиби предметии онҳо, далелҳои ҳуқуқӣ ҳалли худро наёфтаанд. То ба имрӯз назарияи муносибатҳои ягонаи тақсимнашавандаи меҳнатӣ (Н.Г. Александров, Л.Я.Гинпбург ва ғ.) бо тағйироти гуногун ҳукмфармо аст (А.Р. Мацюк ва дигарон). Мавҷудияти низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, гуногунии субъектҳои онҳо мазмуни самти гуногуни илмро ташкил медиҳанд (В.Н. Скобелкин ва дигарон).

Вазъият дар илм дар ташаккули системаи манбаъҳои ҳуқуқи меҳнат инъикос ёфта, самти номувофиқи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро ба моҳияти муносибатҳои иҷтимоӣ дар назар дорад.

Баррасии нокофии аҳамияти баъзе хусусиятҳои ҳуқуқи меҳнат ҳамчун соҳа мавҷуд набудани консепсияи ҷудонашавандаи танзими ҳуқуқии меҳнатро дар иқтисоди бозорӣ муайян мекунад.

Ҳамаи ин омӯзиши махсуси омилҳои ташаккулёбандаи системаро дар сатҳи соҳаҳо, инчунин таҳлили меъёрҳои фарқ кардани ҳуқуқи меҳнатро ҳамчун соҳа талаб мекунад.

**Мақсад ва вазифаҳои омӯзиш.** Диққати асосӣ ба таҳияи мушкилоти марбут ба ҷудошавии ҳуқуқи меҳнат ҳамчун як соҳаи мустақили низоми ҳуқуқӣ равона карда шудааст; таҳлили қонунгузории Тоҷикистон бо мақсади мустаҳкам намудани меъёрҳои ҷудошавии қонунгузории меҳнат ҳамчун соҳа; пешниҳодҳо оид ба такмил ва истифодаи системаи муосири манбаъҳои қонунгузории Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки вазифаҳои зеринро ҳал кунанд: омӯзиши консепсияи як бахши низоми ҳуқуқӣ; таҳлили татбиқи мавзӯъ ва усули танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамчун меъёри фарқияти ҳуқуқи меҳнат ҳамчун шохаи низоми ҳуқуқӣ; асоснок кардани хулоса дар бораи зарурати истифодаи меъёрҳои дигар; аз нуқтаи назари назарияи умумии системаҳо, мавҷудияти меъёрҳои мавзӯӣ, сохторӣ ва функсионалии интихоби соҳаро асоснок мекунад; гузаронидани омӯзиш бо назардошти мавзӯъ, тафриқаи сохторӣ ва функсионалӣ дар принсипҳои ҳамбастагӣ ва ҳамкории соҳаҳо дар системаи қонунгузории Тоҷикистон; як қатор масъалаҳои тағйир додани доираи қонунгузории меҳнатро баррасӣ намудааст.

Пайдоиш ва рушди қонунгузори меҳнат дар Тоҷикистон аз мавқеи мавзӯи муайяншуда, меъёрҳои сохторӣ ва функсионалӣ таҳлил

менамояд, таҳияи баъзе тавсияҳо оид ба татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии меҳнат, таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили системаи манбаъҳои қонунгузории меҳнат дар Тоҷикистон.

Ҳангоми ҳалли вазифаҳои гузошташуда дастовардҳои назарияи умумии ҳуқуқ, аз ҷумла асарҳои С.С. Алексеева, А.М. Василева, Х.А. Керимов, Ч.Б Поленина, В.Д. Сорокин, Л.Б. Тиунова, Ю.К. Толстой, А.Ф. Черданцева, И. Явич ва дигарон истифода шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот асарҳои чунин намояндагони илми ҳуқуқи меҳнат, ба монанди Н.Г. Александров, Б.К. Бегичев, Л, Ю. Бугров, Л Я. Гинтсбург, С Ю. Головин, С.А. Иванов, В.М. Лебедев, Р.З. Лившитс, С.П. Маврин, М.В. Молодцов, А.Ф. Нуртдинова, Ю.П. Орловский, А.Э. Пашерстник, А.И. Процевский, В.И. Савич, В.Н. Скобелкин, О.В. Смирнов, В.И. Смолярчук, Л. Сыроватская, Е.Б. Хохлов, В.Ш. Шайхатдинов, В.Д. Шахов ва дигарон баррасӣ шудаанд.

**Мавзӯи тадқиқот** чунин падидаҳо ба монанди соҳаи ҳуқуқ, муносибатҳои меҳнатӣ, мавзӯи муносибатҳои ҳуқуқӣ, далели ҳуқуқӣ, вазифаи соҳаи ҳуқуқ, принсипи ҳуқуқӣ, манбаи ҳуқуқ мебошад.

**Нововарии илмии рисола.** Таҳқиқот омӯзиши махсуси монографии илми ҳуқуқи меҳнат ҳамчун шоха дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон мебошад. Дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда, таҳияҳои назариявӣ, меъёрҳои моҳиятӣ, сохторӣ, функсионалии ҷудосозии хуқуқи меҳнат ҳамчун соҳаи мустақил муайян карда шуданд. Муносибатҳои ҳуқуқӣ, субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, далелҳои ҳуқуқӣ, муассисаҳо, системаи манбаъҳои ҳуқуқ, функсияҳо, принсипҳо ҳамчун ҷузъҳои онҳо ҳисобида мешаванд. Бори аввал дар илми ҳуқуқи меҳнат истифодаи маҷмӯи меъёрҳои зикршуда дар маҷмӯъ пешниҳод карда мешавад.

Тадқиқотҳо оид ба баъзе ҷузъҳои меъёрҳои объективӣ, сохторӣ, функсионалӣ мавҷуданд, аммо омӯзиши ҳамаҷонибаи таъсири онҳо ба генезиси қонуни меҳнат бори аввал гузаронида шуд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқот.** Хулосаҳое, ки дар самтҳои асосии таҳқиқот бароварда шудаанд, метавонанд аз ҷониби мақомоти қонунгузор барои дақиқтар муайян кардани ҷойгоҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё меъёри алоҳида дар системаи қонунгузории танзимкунандаи соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ, муайян кардани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин ҳалли парвандаҳои мушаххас аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар сурати бархӯрд бо қонунҳо. Маводҳоро инчунин дар раванди таълим истифода бурдан мумкин аст.

**Апробацияи натиҷаҳои тадқиқот.** Натиҷаҳо ҳангоми гузаронидани омӯзиши амалии ҳуқуқи меҳнат, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ҳангоми пешбурди парвандаҳои меҳнатӣ дар суд истифода шуданд.

**Асоси методологии таҳқиқот** аз усулҳои зерин иборат аст: диалектикаи материалистӣ, таҳлили системавӣ-структурӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, расмӣ-мантиқӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ.

**Асоси меъёрии рисола** Конститутсияи Ҷумҳури Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои Созмони умумиҷаҳонии меҳнат, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

# ФАСЛИ 13

## Танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Дар замони муосир рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) хусусияти гузариш ба марҳилаи нави рушдро касб намуда, бо дарназардошти мукаммал гардидани танзими ҳуқуқӣ дар фаъолияти таълимӣ талаботи истеъмолкунандагонро тақозо мекунад. Яке аз унсурҳои муҳимми рушди иқтисодии кишвар дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ бавуҷудоӣ, инкишофи муътадил ва доимо ҷойивазшавии бахши хизматрасонӣ ҳамчун соҳаи махсус ба ҳисоб меравад, ки унсури ҷудонопазири фазои иқтисодӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ гаштааст. Боби 37 Кодекси граждании ҶТ (минбаъд – КГ ҶТ) шартномаи хизматрасонии музднокро танзим менамояд, ки доираи мавзӯи он дар м. 798 КГ ҶТ муқаррар шудааст, ки аз хизматрасонии оид ба таълим, хизматрасонии фарҳангӣ, сайёҳӣ ва ғайра иборат аст.

Падидаи хизматрасонии пулакӣ дар қонунгузории граждании ҶТ, аз ҷумла дар КГ ҶТ нисбатан нав ба шумор меравад. Дар замони шӯравӣ падидаи мазкур дар қонунгузории гражданӣ дар он шакле, ки ҳоло дарҷ карда шудааст, инъикоси расмии худро наёфта буд. Баъди қабули қисми дуюми КГ ҶТ ба масъалаи мазкур боби махсус, яъне боби 37 КГ ҶТ бахшида шуд. Дар замони муосир идоракунии давлатии соҳаҳои гуногун то андозае маҳдуд шуда, усулҳои нави хоҷагидорӣ ҷорӣ карда шуданд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави хизматрасонӣ гардидааст. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва паҳлуҳои дигари он барои ҶТ беш аз пеш мубрам мебошад.

Ба мушкилоти иқтисодӣ нигоҳ накарда Ҳукумати ҶТ ҳамеша маблағгузории соҳаи маорифро меафзояд. Масалан, агар ҳаҷми маблағгузории давлатии соҳаи маориф дар соли 2000 41 млн. сомониро ташкил медод, ин рақам дар соли 2014 ба 2,5 млрд, сомонӣ расид. Соли 2017 ин маблағгузорӣ ба 3 млрд 581 млн. 109 ҳазор сомонӣ ва соли 2018 бошад, ба 3 млд. 861.1 млн. сомонӣ баробар шуд. Дар натиҷа, агар дар солҳои таҳсили 1991-1992 дар Тоҷикистон шумораи мактабҳои олӣ ба 13 адад мерасид, дар 2016 ин шумора ба 39 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шумораи донишҷӯён аз 69,3 ҳазор ба беш аз 170 ҳазор нафар ва соли 2018 бошад, шумораи донишҷӯён ба 226 ҳазор нафар расид. Гузашта аз ин, беш аз 30000 (сӣ ҳазор) донишҷӯ бо дастгирии Ҳукумати кишвар, хусусан бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ таҳсил менамоянд. Самаранок ва мақсаднок истифода намудани ин маблағҳо аз сифати хизматрасониҳо дар ин самт вобастагии зиёд дорад.

Хизматрасониҳои ройгон ва музднок дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар қонунгузорӣ ба таври мукаммал танзим нашуда, мафҳумҳои «хизматрасонии таълимӣ», «сифати хизматрасониҳои таълимӣ», «ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба таври дақиқ ҷой надорад ва имконияти суғуртаи хатарҳое, ки ҳангоми расонидани хизматҳои таълимӣ расонида мешавад, ба назар гирифта нашудаанд, механизми таъмини сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҳанӯз номукаммал боқӣ мондаанд ва омилҳои дар боло зикргардида зарурати пажӯҳиши ин масъаларо ба миён овардааст. Бинобар ин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба гурӯҳи хизматрасониҳое дохил мешавад, ки оид ба он теъдоди зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудааст. Масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ва Ҳукумати ҶТ қарор дорад.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ қабул гардидани чандин барнома, стратегия ва консепсияҳо оид ба масъалаи хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати кишвар ба ин хизматрасонӣ дар баробари дигар хизматрасониҳо диққати аввалиндарача медиҳад.

Илова бар ин, дар ҳамаи Паёмҳои Президенти ҶТ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ яке аз масъалаҳои марказиро мушкилоти соҳаи маориф, илм ва дар умум хизматрасониҳои таълимӣ ташкил медиҳад. Қабул гардидани Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар ҶТ аз 1 ноябри соли 2006, № 484; Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи ҶТ то соли 2020 аз 30 июни соли 2012, № 334 ва ғайра идомаи сиёсати давлатии кишвар дар бахши хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад.

Дар ҶТ то ҳол таҳқиқоти комили илмӣ дар самти танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маъруза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар умум баррасӣ шудааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Сатҳи таҳқиқоти мавзуи мазкур.** Асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-таҳқиқотие ташкил медиҳанд, ки ба

масъалаҳои умумии хизматрасониҳо бахшида шудаанд. Аз ҷумла, корҳои илмии олимони ватанӣ – О.У. Усмонов, В.А. Ойгензихт, Ф.Т. Тоҳиров, М.А. Маҳмудзода, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюров, М.З. Раҳимзода, Ҷ.С. Муртазозода, Н.Ш. Шонасурдинов, А.Д. Ғафурзода, Ф.М. Нодиров ва ғайра. Ба масъалаҳои махсуси хизматрасониҳо Д.Ш. Сангинов, Д.Д. Ҳошимов, О.С. Табаров, У.М. Абдураҳмонов, И.С. Шамсов, А. Ҷураева, З.А. Катаева, Р. Пирзода ва дигарон фарогири масъалаҳои зикргардида мебошанд.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз мадди назари олимони хориҷӣ низ берун намондааст. Чунинчи Л.Б. Александрова, А.В. Белозеров, А.А. Варушкин, Б.А. Горбунов, Т.В. Жукова, С.С. Занковский, О.А. Киселёв, Т.В. Королёва, А.В. Кудряшов, А.И. Рожков, В.В. Спасская, М.Н. Суровсова, М.И. Брагинский, Е.С. Брилякова, Т.В. Закупен, В.С. Ершов, В.В. Кванина, А.Н. Козирин, Д.Л. Комягин, И.Н. Кондрат, С.В. Куров, В.В. Насонкин, Г.Ф. Ручкина, Л.В. Санникова, Р.П. Суняева, С.А. Тразсенко, Ю.М. Федорова, Г.Д. Шкарлупина, А.А. Ябулганов ва дигарон оид ба баъзе паҳлуҳои ин мавзӯ таҳқиқот анҷом додаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки сарфи назар аз гуногунии асарҳои илмие, ки аз як тараф, ба танзими ҳуқуқии хизматрасониҳои таълимӣ, аз тарафи дигар, ба муносибатҳои соҳаи ҳуқуқии истифодабарандагон дар соҳаи хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҶТ бахшида шудааст, ин мавзӯъ то ҳанӯз предмети алоҳидаи таҳқиқи илмӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ нагардидааст. Асарҳои илмии зикргардида, асосан, масъалаи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳоро ба таври умумӣ мавриди баҳс қарор додаанд, ки дар натиҷа вижагиҳои ин хизматрасониҳо дар самти таҳсилоти олии касбӣ ошкор нагардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ, ки ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбиро ба танзим медоранд, ба ҳисоб рафта,

дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад. Барои расидан ба ин мақсадҳо муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ вазифаҳои зеринро муайян кардааст:

– коркарди мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ;

– омӯзиши сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва ҳалли мушкилоти он;

– мушаххас гардонидани ҳуқуқу уҳдадории истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва баррасии вазъи ҳуқуқии онҳо;

– баррасии масъалаҳои механизми ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба сифати муносиби хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар доираи таҳсили музднок;

– ошкор сохтани проблемаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар сатҳу сифати муносиби хизматрасонии таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи шартнома;

– таҳлили асосҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ҷиҳати бартараф кардани норасоиҳои хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ;

–таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсияро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мебошанд.

**Мавзӯи таҳқиқоти мазкурро** андешаву назари олимон оид ба танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозиро дар ин соҳа ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар диссертатсия усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ мавриди корбаст қарор гирифтааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯйи илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро** корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, пажӯҳишҳои соҳавӣ ва маводи назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Заминаи меъёрии таҳқиқоти диссертатсияро** Конститутсияи ҶТ, КГ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар кор консепсия, стратегия, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шудаанд. Муҳимтарин замина ва роҳнамои таҳқиқот Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мераванд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии ҳифзи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур таҳқиқ шудааст. Чунончи муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд: 1) мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод шудааст; 2) вазъи ҳуқуқии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти

олии касбӣ муайян карда шудааст; 3) сифати хизматрасонӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар фаъолияти хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст; 3) ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар сатҳу сифати муносиби хизматрасонии таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи шартнома муайян карда шудааст; 4) ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон баҳри бартараф кардани норасоиҳои хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ асоснок карда шудааст.

Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, баҳри таъмин намудани таълим, тарбия, роҳандозии фаъолияти илмӣ ва омодагардонии мутахассисон (бакалавр, магистр), мувофиқи талабот, ҳадаф, манфиатҳо, маҳорати тахассусӣ дар соҳаи таҳсилот ва талаботҳои меъёрӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбиро таъмин менамояд.

Хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дорои чунин хусусиятҳои махсус мебошад: 1) ҳангоми расонидани ин намуди хизмат қонунгузорӣ талаботеро аз қабили дараҷаи тахасусснокии иҷрокунандаи он дар шакли гирифтани иҷозатнома баҳри роҳандозии фаъолияти таълимӣ ва аккредитатсияи давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар самти таҳсилоти олии касбӣ, ҷорӣ намудааст; 2) фаъолияти таълимӣ баҳри қонеъ намудани талаботи шахсони воқеӣ барои гирифтани маълумот, дониш, малака ва касбу кор нигаронида шудааст; 3) дониш, малака ва касбияте, ки истеъмолкунандаи чунин хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ баҳравар мегардад, дорои сифат ва маҳакҳои махсус мебошанд, ки дар роҳандозии фаъолияти касбии истеъмолкунандаи ин хизматрасониҳо ва ё дар таҳсилоти минбаъдаи ӯ таҷассум меёбанд. Хизматрасонии таълимӣ ба

ду омил вобастагӣ дорад: а) хизматрасонӣ амалкарди мутақобиларо аз ҷониби гирандаи дониш ҷиҳати бардоштани дониш, маълумоти зарурӣ, малакаи касбу кор талаб мекунад, ки ба даст овардани мақсади дар пешгузошташуда ба он рабт дорад; б) зарур аст, ки вижагиҳои хизматрасонии таълимӣ вобаста ба имконоти техникӣ, тахассусии муассисаи таълимӣ ба назар гирифта шавад.

2. Истеъмолкунандагони хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён (бакалавр, магистр), ки бевосита ба онҳо хизматҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ расонида мешавад, ба ҳисоб мераванд. Сифати хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ин маҷмӯи нишондодҳои меъёрҳои давлатии таълимӣ ва талаботи давлатӣ бахри омода кардани донишҷӯ (бакалавр, магистр) бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат аст.

3. Ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун маҷмӯи чораҳои ҳуқуқиест, ки бахри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шуда, миёни истеъмолкунандаи хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаи таҳсилотӣ, ки чунин хизматрасониҳоро, аз ҷумла, муқаррароти ҳуқуқҳои мушаххаси истеъмолкунандагон, вайронкунии эҳтимолии чунин ҳуқуқҳо, механизми ҳифзи онҳо ва масъулияти муассисаи таълимиро дар вайронкунии ҳуқуқҳо дарбар мегирад.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки аз мафҳуми хизматрасониҳо дар таҳсилот ва хизматрасониҳои таълимӣ вобаста ба шаклҳои муассисаҳои таҳсилот истифода бурда шаванд. Шартномаи хизматрасониҳои музднок оид ба таҳсил дар муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бастани шартнома оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муздноки хизматрасониҳои таълимӣ, шартнома оид ба хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баъд аз муассисаи таҳсилоти олӣ ва иловагии касбӣ васеъ истифода шавад.

5. Шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чунин созише мебошад, ки тибқи он як тараф (иҷрокунанда) – муассисаи таҳсилоти олии касбӣ уҳдадор мегардад, ки хизматрасонӣ дар самти фаъолияти таълимиро тибқи қонунгузорӣ ба роҳ монад ва тарафи дигар (дархосткунанда) бошад, уҳдадор мегардад, ки арзиши чунин хизматрасониро пардохт намояд.

Аз мафҳуми додашуда хусусиятҳои зерини шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҷудо кардан мумкин аст: а) шартнома оид ба пешниҳоди хизмат. Шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ навъи шартнома оид ба пешниҳоди хизмат мебошад, ки тибқи он як тарафи шартнома ба тарафи дигар хизматрасониро дар соҳаи таълим пешниҳод менамояд, мавзӯи шартнома дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ маҳдуд карда мешавад; б) шартнома дутарафа буда, дар он ду тараф; иҷрокунандаи хизматрасонии таълимӣ ва дархосткунандаи пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ донишҷӯ (бакалавр, магистр) иштирок менамояд. Ба сифати иҷрокунандаи хизматрасонии таълимӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баромад менамояд. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ин муассисаи таълимӣ, таълимӣ-илмие мебошад, ки барномаи таълимии касбии таҳсилоти олиро аз рӯйи стандарт ва самти муайяни таълим ва маърифату тахассус татбиқ менамояд, таълиму тарбия ва тайёрии касбии шаҳрвандонро вобаста ба майлу хоҳиш, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин мекунад, инчунин фаъолияти илмӣ ва илмию техникиро амалӣ мегардонад.

Ба ҳайси дархосткунандаи хизматрасонии таълимӣ донишҷӯ баромад менамояд. Донишҷӯ шахсе мебошад, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул гардидааст ва дар шуъбаҳои рӯзона, фосилавӣ, ғоибона ё бо мақсади дарёфти дараҷаи муайяни таҳсилот ва ихтисос ба тариқи экстернат таҳсил мекунад; в) тибқи шартномаи мазкур муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

уҳдадор мегардад, ки ба дархосткунанда фаъолияти таълимиро дар намуди хизматрасонӣ дар самти таълим, тарбия, роҳандозии фаъолияти илмӣ, омодагардонии мутахассисон тибқи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монад.

Фаъолияти таълимӣ фаъолияте мебошад, ки бо роҳи пешниҳод намудани хизматҳо барои дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва додани ҳуҷҷати дорои таҳсилоти дахлдор алоқаманд аст; г) шартномаи мазкур хусусияти музднокӣ дорад, тибқи он як тараф – дархосткунанда уҳдадор мегардад, ки барои аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ анҷом додани хизматрасонии таълимӣ пасбаргардонии мутақобилро анҷом диҳад. Тибқи шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ донишҷӯ (бакалавр, магистр) уҳдадор аст, ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ арзиши чунин хизматрасониҳои пешниҳодкардаи онро пардохт намояд.

6. Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки асосҳои қатъ гардидани шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) асосҳои ихтиёрии қатъ гардидани шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Асосҳои ихтиёрии қатъи шартнома чунин асосҳое мебошанд, ки бо иродаи тарафҳо ё яке аз онҳо вобаста мебошад. Ба асосҳои ихтиёрии қатъ гардидани шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инҳо баромад менамоянд: бо сабаби гузаштан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар; барои давомоти нокифоя; барои қарздории академӣ; пас аз рухсатии академӣ ба таълим шурӯъ накардан; сари вақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома; дар муҳлати муқарраргардида насупоридани се санҷишу имтиҳон ва зиёда аз он; барои содир кардани ҷиноят; барои вайрон кардани интизоми таълим, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ; ба муассисаи таълимӣ омадан бо

идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ва дигар асосҳое, ки дар қонун ё шартнома пешбинӣ гардидаанд;

б) асосҳои маҷбурии қатъ гардидани шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Асосҳои маҷбурии қатъ гардидани шартнома чунин асосҳое мебошанд, ки ба иродаи тарафҳои шартнома вобаста набуда, дар сурати ба миён омадани онҳо амали шартнома қатъ мегардад. Ба асосҳои маҷбурии қатъ гардидани шартномаи хизматрасонии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инҳо баромад менамоянд: қатъи шартнома бинобар вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ; пас аз фавт; ғайриқобили амал эътироф намудан ва дигар асосҳое, ки дар қонун ё шартнома пешбинӣ гардидаанд.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ **ворид намудани тағйиру иловаҳои** зеринро судманд меҳисобем:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» бо мафҳуми «хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ» иваз карда шавад.

2. Мафҳуми «истеъмолкунанда» дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» ба мафҳуми зерин: «истеъмолкунанда – шаҳрванде, ки нияти дархост, ба даст овардан ё ин ки истифода бурдани молро (амал ё хизматрасониҳо) холисан барои истифодаи шахсӣ, хонаводагӣ ва дигар заруратҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ягон алоқамандӣ надорад», иваз карда шавад.

3. Дар м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» бо мафҳуми «сифати хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ» илова карда шавад.

4. Дар м. 798 КГ ҶТ баъди ибораи «хизматрасониҳо оид ба таълим» дар қавсайн «хизматрасониҳои таълимӣ» илова карда шавад.

5. Пешниҳод карда мешавад, ки м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» бо мафҳуми «таҷрибаи таълимӣ ва истеҳсолӣ» иваз карда шавад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки м. 802 КГ ҶТ, қ. 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Дар ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст, дар сурати иҷро нагардидани шартҳои шартнома бо айби иҷрокунанда, иҷрокунанда арзиши хизмати нарасонида ва зараре, ки дар натиҷаи иҷро нагардидани уҳдадориҳо тибқи шартнома расонидааст, ба дархосткунанда тибқи дархости ӯ, комилан ҷуброн мекунад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ҳуқуқи соҳибкорӣ ва гражданӣ саҳми муайяне дорад, чунки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот афзоиши донишҳо оид ба танзими ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба мушоҳида расид. Хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи дастуроти назариявӣ ва амалӣ, баҳри такмил додани танзими ҳуқуқи муносиботи ҷамъиятӣ, дар раванди ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ҳангоми хизматрасониҳои таълимӣ истифода бурда шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз имконоти истифодаи натиҷаи пажӯҳиши мавзӯъ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо нисбати масъалаи мавриди таҳқиқ дар раванди таълим, аз ҷумла, ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ дар ҳуқуқи соҳибкорӣ ва гражданӣ, инчунин дар амалияи ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони таҳсилоти олии касбии таълимӣ иборат аст.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли сенздаҳум бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

## ФАСЛИ 14

## Ҷанбаҳои ҳуқуқии рекламаи муносиб ва номуносиб

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Аз сабаби фаъолона паҳн шудани реклама, ки ба мутобиқ шудани иқтисодиѐти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) ба талаботҳои муосири соҳаи тиҷорат ва зарурати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон вобаста аст, мавзӯи интихобшудаи таҳқиқот аҳамияти муҳимми илмиро касб менамояд. Бо дарназардошти мавқеи иқтисодӣ, нобаробарии дараҷаи шинохтани бозор ва имконияти харидории шаҳрвандон – истеъмолкунандагон имрӯз аллакай ягон иштирокчии гардиши оммавии иттилоот таъсири манфии рекламаи номуносибро инкор намекунад. Аз ин рӯ, дар Резолютсияи «Принсипҳои асосии ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон», ки аз ҷониби Ассамблеи Генералии Созмони Милали Муттаҳид (АГ СММ) дар 106 маҷлиси умумӣ, 9.04.1985с. қабул шудааст, ба таври дақиқ қайд гардидааст, ки реклама ба талаботҳои хизматрасонии одилонаи истеъмолкунандагон ва муқаррароти ҳуқуқӣ бояд ҷавобгӯ бошад. Ин муқаррарот чунин маъно дорад, ки бояд рекламае паҳн карда шавад, ки ба истеъмолкунанда барои қабули қарори салоҳиятнок ва мустақил лозим аст, ҳамчунин барои таъмини воқеияти реклама аз тарафи иштирокчиѐни касбии бозор чораҳои зарурӣ дида шавад (б.20). Ба истеъмолкунанда рекламаи қонунӣ, яъне рекламаи муносиб лозим аст. Дар баробари ин, иштирокчиѐни касбии бозори реклама ба ягон худсарӣ бояд роҳ надиҳанд. Аѐн аст, ки амали соҳибкорӣ бо реклама алоқаманд аст. Соҳибкор ба реклама ҳуқуқи гражданӣ дорад ва объекти аз рӯйи супоришаш сохташуда танҳо ба худи ӯ тааллуқ дорад. Аммо амалигардии ҳуқуқи граждании мазкур набояд ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ба рекламаи воқеӣ ва дастрас оид ба мол (кор, хизматрасонӣ), ки озодии интихобро таъмин мекунад, маҳдуд ѐ вайрон кунад. Ҳангоми суиистифодаи ҳуқуқ ба реклама истеъмолкунанда

ҳамчун узви ҷамъият фиреб дода мешавад, дар бозор ба қаллобӣ дучор меояд ва ҳуқуқҳояш маҳдуд мегарданд. Дар гардиши молумулкӣ ӯ то дараҷаи харидори бефикр рафта мерасад. Талаботҳои содаи моддӣ бар зарари арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва зеҳнӣ барои ӯ аввалиндараҷа мегарданд. Дар натиҷаи чунин таъсироти иштирокчиѐни касбии бозори реклама истеъмолкунанда воқеан дар интихоби мол (кор ва хизматрасонӣ) ба хатоӣ роҳ медиҳад. Албатта чунин амалро бошууроно ва озодона иҷрошуда шумурдан номумкин аст. Интихоби озоди роҳи одилонаи фурӯш дар ҳолати мазкур мавҷуд нест, ки ин таъмини мувозинати манфиатҳоро дар дастрасии реклама ва риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мушкил мегардонад. Пурра риоя нагардидани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва қаллобӣ ба воситаи реклама, чи тавре ки дар Консепсияи амнияти иттилоотии ҶТ аз 7.11.2003 с, №1175, қабул шудааст, вокуниши манфии аҳолиро ба вуҷуд меорад, ки дар як қатор ҳолатҳо он ба ноустувории вазъияти иҷтимоиву сиѐсии давлат оварда мерасонад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузории ҶТ– талаботи имрӯза мебошад. Мубрамияти масъалаҳои дар фаъолияти рекламавӣ пайдошаванда, инчунин ба он вобаста аст, ки таҳқиқ ва ҳалли онҳо барои инкишофи устувори инсон, ҷамъият ва давлат муҳим мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Масъалаи эътирофи реклама ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи гражданӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мавзӯи таҳқиқоти илмии олимони Россия – ҳуқуқшиносон М.В.Баранова, А.Ю. Головин, Е.В.Измайлова, А.А.Кислитсин, О.Б. Кузнетсова, А.М. Маркович, Е.В.Меднякова, А.В.Таскаев, Е.Ю.Свинсова ва дигарон будааст. Баъзе масъалаҳои реклама аз назари пешрафти тиҷоратӣ ва аҳамияти он дар фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити ҶТ қисман аз тарафи олимони ҳуқукшиноси тоҷик М.З.Раҳимов, Ш.К.Ғаюров, У.А.Меликов ва дигарон омӯхта шудаанд. Ҳамзамон, дар Тоҷикистон масъалаҳои

ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он то ҳол амиқ ва ҳамаҷониба омӯхта нашудаанд. Таҷрибаи нисбатан ками ҶТ дар танзими фаъолияти рекламавӣ, инкишофёфта набудани бозори реклама, ҳамчунин мавҷуд будани ихтилофот дар қонунгузории миллии ба ин соҳа дахлдор аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқот далолат медиҳад.

**Объекти таҳқиқоти илмӣ** муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузории ҶТ ба миён меоянд.

**Предмети таҳқиқоти илмиро** ақидаҳои назариявӣ, мулоҳиза ва меъёрҳои мувофиқи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки ба шакл, усул ва воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузории ҶТ бахшида шудааст.

**Мақсади кори илмӣ** дар он аст, ки дар асоси таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи ҶТ ва ақидаҳои гуногуни олимон муқаррароти илмӣ таҳия карда шавад ва инчунин таклифҳои амалӣ оид ба самаранокии механизми таъмини ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузориии ҶТ пешниҳод карда шаванд.

Барои расидан ба мақсад баррасии масъалаҳои зерин зарур мебошад:

– кушодани мафҳум ва хусусияти реклама, ҳамчунин таснифи он;

– муайян кардани моҳияти ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузории ҶТ;

–таҳқиқи воситаҳои ҳуқуқи граждании ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб;

– таҳияи муқарраротҳои назариявии зарурӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми таъмини ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он дар ҶТ.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умуминазариявӣ ва мах-суси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд, аз ҷумла мушоҳида, таҳлил, синтез, тасвир, ҳамчунин усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо, ки истифодаашон имкон дод, масъалаҳои баҳсталаби ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он ҳал карда шаванд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ҳуқуқшиноси шӯравӣ, Россия ва ватанӣ - С.С. Алексеева, С.Н. Братус, Ю.Г. Басин, Г.М. Веляминов, В.В. Витрянский, К.В. Всеволжский, В.П. Грибанов, Ш.К. Ғаюров, А.В. Золотухин, О.С. Иоффе, Ш.М. Исмоилов, С.Ф. Кечекян, О.А. Красавчиков, Ш. Менглиев, Маҳмудзода М.А., Ҷ.С. Муртазоқулов, В.Р. Мединский, У.А. Меликов, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимов, А.П. Сергеев, Е.А. Суханов, М.К. Сулаймонов, Р.Ш. Сотилволдиев, Т.И. Султонова, Д.Ш. Сангинов, Ю.К. Толстой, Ш.Т. Тағойназа-ров, Л.А. Чеговадзе, А.Е. Шерстобитов, Г.Ф. Шершеневич, Н. Шона-сурдинов, В.Ф. Яковлев ва дигарон ташкил додаанд.

Дар рафти таҳқиқот ҳамчунин асарҳои мутахассисони ғарб оид ба масъалаҳои фаъолияти рекламавӣ В. Аренс, Р. Браун, Д. Бернет, К. Бове, Р.Безжехота, А. Дейн, Ф. Котлер, С. Мариарти, Д. Палод, Ч. Эдварс ва дигарон истифода шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Кори илмии мазкур дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик яке аз аввалин рисолаҳое мебошад, ки дар он ҷиҳатҳои гуногуни ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузории ҶТ амиқ ва ҳаматарафа омӯхта шудаанд. Ба таҳлили мафҳуми реклама, фаъолияти рекламавӣ, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои иштирокчиѐни касбии бозори реклама, ҳамчунин механизми ҳимояи ҳукуқҳои истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб аҳамияти зиѐд дода шудааст. Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ишорашуда, муаллиф мафҳумҳои «реклама», «фаъолияти рекламавӣ», «ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб», «воситаҳои ҳуқуқии ҳимоя» ва ғайраро додааст.

Ба ҳимоя **нуктаҳои зерин** пешниҳод карда мешаванд:

1. Реклама – ин яке аз навъҳои иттилооти оммавӣ ва истеъмолшаванда оид ба объекти рекламашавандае мебошад, ки ба гурӯҳи номуайяни ашхос равона карда шудааст ва бо иҷрои талаботҳои қабулшуда вазифаи пеш бурдани савдоро иҷро мекунад. Ҳамчун қоида, чунин иттилоот бо фаъолияти рекламавӣ робита дорад ва таҳия ва паҳнкунии он ба рекламадиҳанда оид ба расидан ба ҳадафҳояш, мусоидат мекунад.

2. Фаъолияти рекламавӣ- категорияи аз ҳама умумӣ, ки ба он таркиби махсуси субъектҳо хос буда, ҳамкории онҳо ба сохтан ва паҳн кардани реклама ҳамчун фаъолияти ғайримоддии рекламадиҳанда равона карда шудааст. Чунин хусусияти реклама, ба ғайр аз ба вуҷуд овардани ҳуқуқу уҳдадориҳо, боз сабабгори шаклгирии низоми объектҳои рекламавӣ-ашёҳо ё мавҷҳое мегардад, ки дар онҳо реклама ҷойгир мешавад.

3. Объектҳои рекламавӣ, ки тавассути онҳо реклама паҳн мегардад, маънои худи рекламаро надоранд, ҳарчанд байни онҳо алоқаи муайян мавҷуд аст. Аксари ин объектҳои иттилоотиро барои ҷойгир кардани реклама, махсусан, тайёр ё мувофиқ мекунанд. Аммо донистани чунин хусусиятҳои ин объектҳо асос шуда наметавонад, ки онҳоро реклама ҳисобем. Агар воситаҳои ишорашудаи маълумотдиҳии истеъмолкунандагон объектҳои ҳуқуқӣ-моддӣ бошанд, дар ин ҳолат рекламаро ҳамчун объекти ғайримоддии ҳуқуқҳои истисноии рекламадиҳанда ҳисобидан мумкин аст.

4. Реклама дар инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ нақши босазо мегузорад. Дар навбати худ, истеъмолкунандагон–шаҳрвандон бояд аз омилҳои бади бозори реклама, ки аз ҷониби иштирокчиёни соҳибтаҷрибаи бозори реклама роҳандозӣ мешаванд, ҳифз гарданд. Дар ин маврид давлат миёни шахсони паҳнкунандаи реклама ба мардум аз як ҷониб ба сифати кафили бовариноки озодии реклама ва аз ҷониби ди-

гар ҳамчун ҳимоягари манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон – истифодабарандагони реклама амал мекунад.

5. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба рекламаи муносиб, одатан, ба шаҳрванд-истеъмолкунанда тааллуқ дорад, ки вазифаи асосии он имконияти кафолатдодашудаи қонеъ гардонидани талаботҳои худ ба маълумоти саҳеҳ бо мақсади интихоби одилонаи мол (кор, хизматрасонӣ)-и босифат бо нархи нисбатан арзон мебошад. Ба шахсони ҳуқуқӣ тааллуқ доштани ҳуқуқи зерин дар баъзе ҳолатҳо вазъиятро ноустувор мегардонад, дар қонунгузории миллӣ ихтилоф ва дар таъмини мувофиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон мушкилӣ ба миѐн меорад.

6.Воситаҳои ҳуқуқи граждании ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ба рекламаи муносиб метавон дар шаклҳои юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионии мақомотҳои давлатии дахлдор, моликони ҳуқуқҳои гражданӣ-субъективии тибқи қонун ва санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ пешбинишуда, инчунин усулҳои бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунандагони реклама пешбининашуда, аммо барои истифода манъношуда муайян намуд.

Барои такмили қонунгузории миллӣ дар хулосаи рисолаи илмӣ пешниҳод шудааст, таҳрири нав ба: қ.2, моддаи 9-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъѐрӣ ҳуқуқӣ»; моддаи 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама»; қ.1, моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи боҷи давлатӣ»; моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон». Дар рисола иҷро нашудани банди 3 – 4 фасли 5 Нақшаи чорабиниҳои Бар-номаи мутобиқшавии иқтисодиѐти ҶТ бо дарназардошти аъзошавӣ ба Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.10. соли 2014. № 691 тасдиқ гардидааст, арзѐбӣ шудааст.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии** таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои онро дар пажӯҳишҳои илмии оянда дар соҳаи танзими ҳуқуқии бозори реклама, махсусан ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он тибқи қонунгузории ҶТ метавон истифода бурд.

Дар амалия натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд истифода шаванд барои такмили қонунгузории миллӣ, махсусан, барои он қисме, ки ба ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба рекламаи муносиб ва ҳимояи он дар ҶТ дахл дорад; ҳангоми таҳияи барномаҳои курсҳои махсуси ба ҳуқуқи иттилоотии гражданӣ, ҳуқуқи рекламавӣ, ҳуқуқи рақобатӣ бахшидашуда, ҳамчунин ҳангоми хондани лексия ва гузаронидани семинарҳо доир ба мавзӯъҳои ба қисмҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ мувофиқ.

## ФАСЛИ 15

## Воситаҳои таъмини иҷрои ухдадорӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Падидаи тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ ҳанӯз аз замони қадим арзи вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, ғояҳои роҳбарикунанда вобаста ба тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ ва Рими қадим ташаккул ёфта буданд. Ҳуқуқи зардуштии қадим диққати махсусро ба масъалаҳои иҷрои шартнома ҳамчун механизми муҳими бардавомӣ муносибатҳои молу мулкии ҷамъияти қадим, ҷудо намуда буд.

Дар қонунгузории муосири граждании ҳавасманд гардонидани қарздор барои дуруст ва бемайлон иҷро намудани ӯҳдадорӣ, инчунин бо мақсади пешгирӣ ё кам кардани оқибатҳои номусоид, ӯҳдадорӣ метавонад тавассути усулҳои тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ё ин ки созишномаи тарафайн пешбинигардида таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз,бояд имкониятҳои ҳуқуқии ҳар яке аз намудҳои тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадории маъмул ва истифодабарии намуди самараноки онҳо вобаста ба ӯҳдадориҳои мушаххасро донист.

Дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ одатан баҳсҳо оид ба руёнидани ноустуворона, муқарар кардани руёниш ба молу мулки таҳти гарав қарор гирифта, ба ҷавобгари кашидани зомин ва дигар ҳолатҳои бо татбиқи меъёрҳои қонунгузории граждании алоқаманд оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ, ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин омӯзиши таҷрибаи судӣ, бо мақсади коркарди дастурҳо вобаста ба дуруст татбиқ намудани ин ё он тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ зарур мебошад.

Баъдтар, коркард намудани пешниҳодҳо оид ба низоми миллии ҳуқуқи граждании дохил кардани тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадории дар дигар низомҳои ҳуқуқ амалкунанда, лозим мебошад.

Батанзимдарори ҳуқуқи  таъмини иҷрои ӯҳдадории граждании-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Барои ҳимоя намудани манфиатҳои кредитор, пешгирӣ ё кам кардани ҳаҷми оқибатҳои манфӣ аз иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро намудани ӯҳдадорӣ, тарафҳо метавонанд чораҳои характерӣ таъминӣ - маҷбурнамоӣ муқаррар намоянд, ки тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ номида мешавад. Яке аз намудҳои чунин тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ ин байъона мебошад.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.1999 с. танзими ҳуқуқии байъонаро ба роҳ мондааст. Ғайр аз он истифодабарии байъона на ин ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маишӣ, балки дар шартномаҳои байни ташкилотҳо, инчунин ҳангоми гузронидани савдои оммавӣ муққаррар гардид.

Байъона маблағе эътироф карда мешавад, ки як тарафи имзокунандаи шартнома мутобиқи маблағи тибқи шартнома пардохташаванда барои исботи бастани шартнома ва таъмини иҷрои он ба ҳисоби тарафи дигар мегузаронад (м. 409 КГ)[54].

Байъона метавонад, ки барои таъмини ӯҳдадорӣ байни шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, инчунин ҳангоми муносибатҳои соҳибкорӣ истифода бурда шавад. Баробари он бо байъона метавонад, ки ба тариқи истисноӣ иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ таъмин карда шавад. Додани байъона танҳо тибқи шартнома муқаррар карда мешавад.

Дар муносибат оиди байъона ду тараф (ду субъект) иштирок менамоянд: байъонадиҳанда ва байъонагиранда. Байъонадиҳанда он тараферо меноманд, ки байъонаро супоридааст ва байъонагиранда, тарафе, ки маблағи байъро гирифтааст. Баробари ин дар аксарияти

[54] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334)

ҳолатҳо байъонадиҳанда – қарздор ва байъонагиранда- кредитор мутобиқи ӯҳдадории асосӣ мебошад.

Кодекси амалкунандаи ҶТ ягон маҳдудиятҳоро нисбати доираи субъектон муқаррар наменамояд. Ҳамагуна субъектони ҳуқуқи гражданӣ (шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат дар шахсияти мақомотҳояш) ҳуқуқи ба муносибатҳои бо байъона алоқаманд буда, ворид шуданро доранд.

Лозим ба қайд аст, ки айни замон байъона одатан дар муносибатҳои байни шаҳрвандон (масалан, ҳангоми иҷораи манзил, бино, хариду-фурӯши сохтмон ва ғ.) ва аксаран – байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо истифода бурда мешавад. Истифодабарии байъона дар муносибатҳои байни шахсони ҳуқуқӣ хеле кам мебошад, ки сабаби он мумкин аст, ки таъсири қонунгузории пештара ба ҳисоб равад. Вале, истифодабарии байъона дар муносибатҳои байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба андешаи мо на он қадар лозим аст. Сабаб дар он дида мешавад, ки ин муносибатҳо хусусияти оммавӣ дорад, аз ин лиҳоз бидуни таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ, шахсони ҳуқуқӣ дар ҳар лаҳзаи муроҷиати шаҳрвандон ӯҳдадоранд бо онҳо шартномаҳои лозимаро банданд.

Созиши тарафҳо оиди байъона новобаста аз маблағи байъ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Ҳангоми аз ҷониби тарафҳо вайрон кардани шакли хаттии созишнома оиди байъона оқибати пешбини намудаи м.187 КГ, яъне барои тасдиқи аҳд оиди байъона тарафҳо наметавонанд, ки ба баёноти шоҳидон ҳавола намоянд, вале онҳо ҳуқуқи овардани далелҳои хаттӣ ва далелҳои дигарро доранд. Ҳангоми шубҳа кардан ба он, ки оё маблағи аз ҷониби дигар ба ҳисоби шартномаи пардохт гузаронидашуда байъона аст ё на, аз ҷумла дар натиҷаи риоя накардани шакл, ин маблағ, агар тартиби дигаре исбот нашуда бошад, ба сифати пешпардохт эътироф карда мешавад.

Оиди масъалаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектони байъона бошад, метавон гуфт, ки ӯҳдадории умумӣ барои онҳо ин иҷроиши шартномаи асоси мебошад. Барои ҳар як тарафҳо КГ ҶТ чораҳои ҷавобгариро барои иҷро накардани шартнома муқаррар намудааст. Яке аз хусусиятҳои дигари байъона дар он дида мешавад, ки ҳангоми иҷро накардани ӯҳдадорӣ аз ҷониби байъонадиҳанда, байъонагиранда ҳуқуқ ба қонеъгардонии талаботҳои худ бе зарурати риояи ҷараёни рӯёниш ва амалигардонии ҳуқуқҳояш дорад, ки чунин ҳолат дар гарав, нигаҳдошт ва диг., ҷой надорад, яъне бе муроҷиат ба суд.

Предмети (объекти) байъона мутобиқи қонунгузорӣ танҳо маблағҳои пулӣ эътироф карда мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки қоғазҳои қимматнок, молу мулк ё ашёҳои дигар наметавонад, ки ба ҳайси предмети байъона баромад намоянд.

Бояд қайд намуд, ки чунин таҷрибаи батанзимдарории предмети байъона на дар ҳамаи давлатҳо ҷой дорад. Масалан, мутобиқи Маҷмуаи қонунҳои граждании Олмон ба сифати ба сифати байъона метавонад, ки ҳам ашё супорида шавад. Баробари ин таҳти мафхуми ашё ҳамаи чизҳое, ки объекти ҳуқуқ шуда метавонанд, аз он ҷумла ҳуқуқҳои молу мулки[55].

Дар Кодекси граждании Италия муқаррар гардидааст, ки ҳангоми бастани шартномаи бо байъона таъмин гардида, як тараф ба тарафи дигар маблағи пулӣ ё шумораи муайяни дигар ашёҳои бо нишонаҳои навъ муайяншавандаро медиҳад, ки ҳангоми иҷро гардидани ӯҳдадорӣ он бояд ҳатман ба байъонадиҳанда баргардонида шавад ё ба маблағи шартнома зам карда шавад[56].

---

[55] Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 538 с.
[56] Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 541 с.

Мутобиқи Кодекси граждании Фаронса ба монанди кодекси Тоҷикистон маҳдудият ҷой дорад, ки ба ҳайси предмети байъона танҳо маблағи пулӣ баромад менамояд.

Ба сифати предмети байъона танҳо маблағҳои пулиро эътироф намудан, чандин маротибаҳо таҳти баҳси адабиётҳои ҳуқуқӣ қарор гирифта буд. Е.С Куликов қайд менамояд, ки дар асоси принсипи озодии шартнома, тарафҳо метавонанд, ки ба сифати байъона моли муайянро пешниҳод намоянд. Ӯ муқаррар менамояд, ки ҳарчанд айни замон байъона дар шакли пулӣ дода шавад ҳам дар муносибатҳои гражданӣ зарурате ба миён меоянд, ки ба ҳайси байъона ашё дода шавад, масалан, ҳангоми маҳсулотсупорӣ, ки ба ҳайси байъонадиҳанда на ин ки харидор, балки маҳсулотсупор баромад менамояд. Вале, эътироф намудани ақидаи муаллифи мазкур тафовути байни байъона ва гаравро мушкил мегардонад, инчунин ҳангоми муроҷиат ба суд тарафҳо наметавонанд, ки ба мақсадҳои дар назар доштаи худ бирасанд.

Оиди масъалаҳои функсияи байъона олимони рус ба монандӣ, Иоффе О. С., Гангало Б. М., Брагинский М. И., Витряский В. В., Суханов Е. А. ва дигарон ақидаҳои худро баён намуда, се функсияи асосии онро ҷудо намудаанд: пардохткунӣ, исботкунӣ ва таъминнамоӣ (ҷаримавӣ). Он танҳо аз ҷониби ҳамон тарафе ба амал бароварда мешавад, ки ӯ барои иҷрои амал аз ҷониби котрагент, ӯҳдадории пардохтро бар дӯш дорад. Ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби тарафҳо, маблағи байъона бо маблағи боқимондае, ки бояд аз ҷониби байъдиҳанда пардохт карда шавад, зам мегардад. Ҳамин тариқ, супоридан ва гирифтани байъона қисман иҷро намудан мебошад ва мутобиқан ба ин гирифтани қисми иҷрои ӯҳдадории шартномавӣ ба ҳисоб меравад, ки ин функсияи пардохтии байъона мебошад.

Байъона барои тасдиқи бастани шартнома дода мешавад, яъне функсияи исботиро иҷро менамояд. Функсияи исботӣ ва пардохтиро инчунин пешпардохт иҷро менамояд, ки он маблағи пулӣ ё арзиши молу мулкие мебошад, ки аз ҷониби тараф дар шартнома ба котрагенти худ ҳангоми бастани шартнома ё баъд аз он пардохт карда мешавад. Вале факти супоридани пешпардохт шарти исботии бастани шартнома ба ҳисоб намеравад. Дар фарқият аз ин супоридан ва гирифтани байъона шарти исботии бастани шартнома ба ҳисоб меравад.

Байъона ба монанди пешпардохт аз пардохтҳои оддӣ аз рӯи шартнома бо он фарқ менамояд, ки пешаки пардохт карда мешавад, ки дар чунин ҳолат маблағи пулӣ ба кредитор бар ҳисоби маблағи пардохтшаванда ворид мешавад.

Вале, пешпардохт дар фарқият аз байъона функсияи таъминамоиро иҷро наменамояд. Тарафе, ки пешпардохт кардааст, ҳуқуқ дорад, ки баргардонидани онро дар ҳамаи ҳолатҳои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани ӯҳдадорӣ талаб намояд, ба истиснои ҳолатҳои қонун ё шартҳои шартнома муқаррар гардида. Ғайр аз он ба сифати пешпардохт метавонад, ки арзишҳои моддӣ, маҳсулот ё дигар ашёҳо дода шавад[57].

Функсияи асосии байъона ин функсияи таъминнамоии он мебошад. Супоридан ва гирифтани байъона тарафҳоро барои иҷрои ӯҳдадорӣ маҷбур месозад. Агар барои иҷро нашудани шартнома тарафе, ки байъона додааст масъулият дошта бошад, байъона дар ихтиёри тарафи дигар мемонад ва агар барои иҷро нашудани шартнома тарафе ҷавобгар бошад, ки байъона гирифтааст, он бояд ба тарафи дигар маблағи дукаратаи байъонаро супорад (қ. 2 м. 410 КГ). Аз ин ҷода худи байъона ва функсияи таъминнамоии он характери

[57] Колбасин, Р .А. Гражданское право : учеб . пособие / Р .А. Колбасин . – Мн .: Акад . МВД Респ . Беларусь , 2004. – Общая часть . – 435 с.

ҷаримавиро касб менамояд. Аз даст додани байъона аз ҷониби тарафе, ки онро додаст, ё дукарата баргардонидани он аз ҷониби байъонагиранда, ӯҳдадории бо байъона таъмин гардидаро қатъ намегардонад ва мутаносибан қарздорро аз зарурати иҷроиши ин ӯҳдадорӣ озод наменамояд. Масалан, кироя кардани манзил барои мӯҳлат ва пардохт намудани байъона аз ҷониби шахс, ӯро аз ӯҳдадории пардохт кардани маблағи кироя озод наменамояд, то он ҳоле, ки агар тарафи дигар ӯро аз ӯҳдадории пардохт озод нанамояд[58].

Баъзе аз муаллифон функсияи дигари байъона – функсияи ҷуброниро низ ҷудо менамоянд. Мазмуни асосии ин функсия дар он дида мешавад, ки тарафи ҷавобгар барои иҷро накардани шартнома, ӯҳдадор мегардад, ки зиёнро бо баҳисобгирии маблағи байъона ҷуброн намояд[59].

Имконияти таснифнамоии байъона ба сифати ҳаққи дасткашӣ дар адабиётҳои ҳуқуқи гражданӣ ҷонибдорони зиёдеро дорад. Дар асоси м.441 КГ мутобиқи созишномаи байни тарафҳо ӯҳдадорӣ бо додани ҳаққи дасткашӣ (пардохти пул, додани молу мулк ва ғайра) бар ивази иҷро метавонад қатъ гардад. Масалан, ба андешаи Витрянский В.В., тарафҳо метавонанд, ки байъонаро ба сифати ҳаққи дасткашӣ истифода намояд. Барои ин зарур аст, ки тарафҳо бо созиши худ, аз ҷумла дар матни шартномае, ки бо байъона таъмин карда шудааст, имконияти қатъ гардидани ӯҳдадориҳои байни худро бо ҳаққи дасткашӣ муқаррар намоянд[60]. Дигар олимони рус Мозолин В. П. ва Малеин М.Н. қайд менамояд, ки агар тарафҳо дар созиши худ оиди байъона пардохти товони зиёнро бо баҳисобгирии маблағи байъона

[58] Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (серия «Классика российской цивилистики»). Т. 2. М., 2005. С. 49–50.
[59] Гришаев , С.П. Гражданское право : учебник / С.П. Гришаев ; под ред . С.П. Гришаева . – М.: Юристъ , 1998. – 158 с.
[60] Суханов Е.А. Российское гражданское право: Учебник: В 2 т. Т. II: Обязательственное право. – 2-е изд., стереотип. – М.: Статут, 2011. – 90 с.

ҳангоми иҷро нагардидани ӯҳдадорӣ муқаррар нанамоянд, пас дар чунин ҳолат байъона аз ҳаққи дасткашӣ ҳеҷ гуна фарқияте надорад[61].

Дар қонунгузории давлатҳои гуногун оиди масъалаи зикргардида, тарзу воситаҳои ба худ хос ҷой дорад. Дар асоси ҳуқуқи фаронсавӣ таъиноти асосии байъона дар он дида мешавад, ки он нақши ҳаққи дасткаширо иҷро менамояд[62]. Дар аоси ҳуқуқи дигар давлатҳо (Олмон, Швейтсария) байъона ба ҳайси ҳаққи дасткашӣ баромад наменамояд[63].

Воқеан, тибқи қонунгузории Тоҷикистон низ байъона ба сифати ҳаққи дасткашӣ баромад наменамояд, вале агар дар шартнома ҳангоми иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани шартнома ҷуброни зиён муқаррар нашуда бошад, пас дар чунин ҳолат ба ҳайси ҳаққи дасткашӣ баромад менамояд, чунки ҳангоми боқӣ мондани маблағи байъона ё дукарата баргардонидани он маънои ҳаққи дасткаширо дорад.

Оиди моҳияти ҳуқуқии байъона суханронӣ намуда, зарур аст, ки таносуби ин падидаро бо падидаи ҷавобгарии граждании-ҳуқуқӣ муайян намоем. Дар адабиётҳои ҳуқуқи оиди ин масъала низ нуқтаи назари гуногун ҷой дорад. Аҳамияти таҷрибавии ҳалли масъалаи мазкур хеле калон мебошад, яъне муайян намудани байъона ҳамчун, масалан, ноустуворонаи ҷаримавӣ ба он оварда мерасонад, ки нисбати байъона метавонад қоидаи дар м. 358 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди кам кардани ноустуворона татбиқ гардад. Аз дигар тараф, имконияти ба ҳайси ҷавобгарии граждании-ҳуқуқии мустақил баррасӣ намудани байъона ҷой дорад. Вале, КГ ҶТ асосан се намуди ҷавобгариро муқаррар менамояд: зиён, ноустуворона ва фоиз барои истифодабарии маблағҳои пули шахси дигар, ки дар ин ҷо хусусияти диспозитивиро

[61] Мозолин В.П. Малеин М.Н. Научно-практический комментарий к Гражданскому кодексу РФ. М.: НОРМА, 2004. 567 с.
[62] Брагинский , М.И. Договорное право . Книга первая . Общие положения / М.И. Брагинский , В.В. Витрянский . – М.: Статут , 2005. – 599 с.
[63] Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 543 с.

муқаррар наменамояд.Ғайр аз он наметавон инкор намуд, ки ҷуброни дукаратаи байъона хусусияти ҷаримавӣ ва ҷубронӣ надорад. Аксарияти ҳуқуқшиносони рус ҳамчун анъана байъонаро дар баробари ноустуворона ба гурӯҳи чораҳои ҷавобгарӣ дохил менамоянд. Хулосаи мазкур баён менамояд, ки байъона ба тариқи манфӣ ҳам бо дигар тарзҳои иҷрои ӯҳдадорӣ ва ҳам бо дигар чораҳои ҷавобгарӣ «омехта» мегардад.

Вале, ҳастанд олимоне, ки чунин хусусияти байъонаро рад менамояд. Масалан, Витрянский В. В., қайд намуда буд, ки «ягон асосе ҷой надорад, ки аз даст додани байъонаро ҳамчун намуди мустақили ҷавобгарии молу мулкӣ ҷудо намоем, вале чунин тарафдорӣ барои доктринаи мо анъанавӣ гардидаст»[64].

Наметавон, ки пурра оиди эътирофи байъона ҳамчун намуди мустақили ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ розӣ шуд, вале ҷабҳаҳои алоҳидаи он метавонанд, ки чунин хусусиятро доро будани байъонаро тасдиқ намоянд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ба давраи тӯлонии амалӣ падидаи байъона нигоҳ накарда, то ҳол дар таҷриба масъалаҳои ҳалли худро наёфта оиди моҳияти ҳуқуқии ин падида ҷой доранд.

Масъалаи дигар ин истифодабарии байъона ҳангоми бастани шартномаи пешакӣ ба ҳисоб меравад, ки таҳти нуқтаи назари мо қарор дорад. Шартномаи пешакӣ мутобиқи м.461 КГ ҶТ шартномаест, ки тарафҳо ӯҳдадор мешаванд дар оянда дар мавриди додани молу мулк, иҷрои кор ё хизматрасонӣ (шартномаи асосӣ) тибқи шартҳои пешбининамудаи шартномаи пешакӣ шартнома банданд, ки дар муносибаҳои иқтисодӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Чи хеле, ки қонунгузорӣ ягон маҳдудиятро оиди татбиқи чораҳои таъмини нисбати иҷроиши шартномаи пешакӣ муқаррар наменамояд,

---

[64] Брагинский , М.И. Договорное право . Книга первая . Общие положения / М.И. Брагинский , В.В. Витрянский . – М.: Статут , 2005. – 635 с.

тарафҳо метавонанд, ки дар шартнома шартҳо оиди байъонаро муқаррар намоянд.

Ба андешаи Ермошкина М. Ф., шартномаи пешакӣ метавонад, ки бо ҳама тарзу воситаҳои гуногун дар амал таъмин карда шавад, вале байъона дар тӯли зиёди вақт, барои таъмини ӯҳдадориҳои мазкур истифода бурда мешавад. Сабаб дар он дида мешавад, ки ғайр аз қисман ё пурра ҷуброн намудани зиён ё ин ки ҷарима (дар ҳоле, ки агар зиён ба вуҷуд ояд), байъона ҳамчун воситаи исботкунӣ баромад менамояд. Сабаби дигар дар он дида мешавад, ки муносибатҳо назар ба гарав, замонат ё кафолати бонкӣ саривақт расмӣ гардонида мешавад. Саривақт барасмиятдарорӣ аҳамияти муҳимро барои таъмини ӯҳдадории аз рӯи шартномаи басташуда дорад[65].

Ғайр аз нуқтаи назари мазкур дигар андешаи олимон ҷой дорад, ки мо аз рӯи мазмун онро ба ду гурӯҳ тақсим намудем: ба андешаи гурӯҳи якуми олимон, байъона наметавонад, ки ба ҳайси таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ дар шартномаи пешакӣ муқаррар гардад; намояндагони дуюм дар он ақидаанд, ки байъонаи таъминкунандаи шартномаи пешакӣ аз намуди байъонаи оддӣ фарқ доранд.

Мутобиқи андешаи Витрянский В.В., ҳеҷ ягон асосе ҷой надорад, ки имконияти дар шартномаи пешакӣ муқаррар намудани байъонаро аз ҷониби тарафҳо рад намоем, барои он ки он худ аз принсипи озодии шартнома бармеояд[66].

Мо низ андешаи олимони русро оиди ин масъала тарафдори намуда, зикр намуданием, ки бо мақсади ба таври ягона табиқ намудани байъона нисбати шартномаҳои пешакӣ қабули дастури дахлдори Суди Олии ҶТ лозим аст.

---

[65] Ермошкина , М.Ф. Задаток : понятие , правовая квалификация , отдельные виды и сферы применения : дис . ... канд . юрид . наук : 12.00.03 / М.Ф. Ермошкина . – М., 2006. – 133с.

[66] Брагинский , М.И. Договорное право . Книга первая . Общие положения / М.И. Брагинский , В.В. Витрянский . – М.: Статут , 2005. – 602 с.

Дар асоси муқарраротҳои моддаҳои 409 ва 410 КГ ҶТ, метавон чунин хусусиятҳои байъонаро ҳамчун тарзи таъминаи иҷрои ӯҳдадориҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ҷудо намуд:

1) байъона барои таъмини ӯҳдадориҳои шартномавӣ истифода бурда мешавад;

2) байъона тарзи таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ буда, дар як вақт нақши исботкуниро иҷро менамояд. Ин он маъноеро дорад, ки агар ҷонибҳо факти гирифтани (супоридани) байъонаро таҳти баҳс қарор диҳанд ё надиҳанд ҳам ва агар ин факт бо далелҳо тасдиқ карда шавад, шартнома басташуда ба ҳисоб меравад.

3) байъона ин ҳама вақт маблағи пулӣ мебошад, ки барои иҷрои ӯҳдадори пардохт карда шудааст;

4) маблағи байъона ҳама вақт аз маблағи ӯҳдадории асоси кам мебошад, вагарна ин тарзи таъмини иҷрои ӯхдадорӣ набуда, иҷрои ӯҳдадорӣ мебошад.

5) тақдири байъона аз ӯҳдадории асосӣ вобастагӣ дорад, ки қатъгардии он ба қатъгардии байъона оварда мерасонад.

6) байъона бар ҳисоби маблағи пардохтшаванда тибқи ӯҳдадории асоси зам карда мешавад, агар ҷонибҳо тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд.

Ҳамин тариқ, байъона аз дигар намудҳои тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ бо хусусиятҳои боло зикр гардида фарқ менамояд.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши танзими ҳуқуқии таъмини иҷрои ухдадориҳо ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** қонунгузории танзимкунандаи бахши батанзимдарори ҳуқуқии таъмини ичрои ухдадориҳо, таҷрибаи байналмилалӣ, инчунин фикру андешаҳои олимон вобаста ба ин мавзӯъ ташкил медиҳад.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии** мавзуъи мазкур дар қонунгузории муосири гражданӣ вобаста ба ҳавасманд гардонидани қарздор барои

дуруст ва бемайлон иҷро намудани ӯҳдадорӣ, инчунин бо мақсади пешгирӣ ё кам кардани оқибатҳои номусоид, ӯҳдадорӣ метавонад тавассути усулҳои тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ё ин ки созишномаи тарафайн пешбинигардида таъмин карда шавад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз коркарди асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Аз ин лиҳоз,бояд имкониятҳои ҳуқуқии ҳар яке аз намудҳои тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадории маъмул ва истифодабарии намуди самараноки онҳо вобаста ба ӯҳдадориҳои мушаххасро донист.

Дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ одатан баҳсҳо оид ба руёнидани ноустуворона, муқарар кардани руёниш ба молу мулки таҳти гарав қарор гирифта, ба ҷавобгари кашидани зомин ва дигар ҳолатҳои бо татбиқи меъёрҳои қонунгузории гражданӣ алоқаманд оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ, ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин омӯзиши таҷрибаи судӣ, бо мақсади коркарди дастурҳо вобаста ба дуруст татбиқ намудани ин ё он тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ зарур мебошад.

Баъдтар, коркард намудани пешниҳодҳо оид ба низоми миллии ҳуқуқи гражданӣ дохил кардани тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадории дар дигар низомҳои ҳуқуқ амалкунанда, лозим мебошад.

Яке аз намудҳои чунин тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ ин байъона мебошад.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.1999 с. танзими ҳуқуқии байъонаро ба роҳ мондааст. Ғайр аз он истифодабарии байъона на ин ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маишӣ, балки дар шартномаҳои байни ташкилотҳо, инчунин ҳангоми гузронидани савдои оммавӣ муққаррар гардид.

Байъона маблағе эътироф карда мешавад, ки як тарафи имзокунандаи шартнома мутобиқи маблағи тибқи шартнома

пардохташаванда барои исботи бастани шартнома ва таъмини иҷрои он ба ҳисоби тарафи дигар мегузаронад (м. 409 КГ)[67].

Байъона метавонад, ки барои таъмини ӯҳдадорӣ байни шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, инчунин ҳангоми муносибатҳои соҳибкорӣ истифода бурда шавад. Баробари он бо байъона метавонад, ки ба тариқи истисноӣ иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ таъмин карда шавад. Додани байъона танҳо тибқи шартнома муқаррар карда мешавад.

Дар муносибат оиди байъона ду тараф (ду субъект) иштирок менамоянд: байъонадиҳанда ва байъонагиранда. Байъонадиҳанда он тарафero меноманд, ки байъонаро супоридааст ва байъонагиранда, тарафе, ки маблағи байъро гирифтааст. Баробари ин дар аксарияти ҳолатҳо байъонадиҳанда – қарздор ва байъонагиранда- кредитор мутобиқи ӯҳдадории асосӣ мебошад.

Кодекси амалкунандаи ҶТ ягон маҳдудиятҳоро нисбати доираи субъектон муқаррар наменамояд. Ҳамагуна субъектони ҳуқуқи гражданӣ (шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат дар шахсияти мақомотҳояш) ҳуқуқи ба муносибатҳои бо байъона алоқаманд буда, ворид шуданро доранд.

Лозим ба қайд аст, ки айни замон байъона одатан дар муносибатҳои байни шаҳрвандон (масалан, ҳангоми иҷораи манзил, бино, хариду-фурӯши сохтмон ва ғ.) ва аксаран – байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо истифода бурда мешавад. Истифодабарии байъона дар муносибатҳои байни шахсони ҳуқуқӣ хеле кам мебошад, ки сабаби он мумкин аст, ки таъсири қонунгузории пештара ба ҳисоб равад. Вале, истифодабарии байъона дар муносибатҳои байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба андешаи мо на он қадар лозим аст. Сабаб дар он дида

[67] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334)

мешавад, ки ин муносибатҳо хусусияти оммавӣ дорад, аз ин лиҳоз бидуни таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ, шахсони ҳуқуқӣ дар ҳар лаҳзаи муроҷиати шаҳрвандон ӯҳдадоранд бо онҳо шартномаҳои лозимаро банданд.

Созиши тарафҳо оиди байъона новобаста аз маблағи байъ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Ҳангоми аз ҷониби тарафҳо вайрон кардани шакли хаттии созишнома оиди байъона оқибати пешбини намудаи м.187 КГ, яъне барои тасдиқи аҳд оиди байъона тарафҳо наметавонанд, ки ба баёноти шоҳидон ҳавола намоянд, вале онҳо ҳуқуқи овардани далелҳои хаттӣ ва далелҳои дигарро доранд. Ҳангоми шубҳа кардан ба он, ки оё маблағи аз ҷониби дигар ба ҳисоби шартномаи пардохт гузаронидашуда байъона аст ё на, аз ҷумла дар натиҷаи риоя накардани шакл, ин маблағ, агар тартиби дигаре исбот нашуда бошад, ба сифати пешпардохт эътироф карда мешавад.

Оиди масъалаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектони байъона бошад, метавон гуфт, ки ӯҳдадории умумӣ барои онҳо ин иҷроиши шартномаи асоси мебошад. Барои ҳар як тарафҳо КГ ҶТ чораҳои ҷавобгариро барои иҷро накардани шартнома муқаррар намудааст. Яке аз хусусиятҳои дигари байъона дар он дида мешавад, ки ҳангоми иҷро накардани ӯҳдадорӣ аз ҷониби байъонадиҳанда, байъонагиранда ҳуқуқ ба қонеъгардонии талаботҳои худ бе зарурати риояи ҷараёни рӯёниш ва амалигардонии ҳуқуқҳояш дорад, ки чунин ҳолат дар гарав, нигаҳдошт ва диг., ҷой надорад, яъне бе муроҷиат ба суд.

Предмети (объекти) байъона мутобиқи қонунгузорӣ танҳо маблағҳои пулӣ эътироф карда мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки қоғазҳои қимматнок, молу мулк ё ашёҳои дигар наметавонад, ки ба ҳайси предмети байъона баромад намоянд.

Бояд қайд намуд, ки чунин таҷрибаи батанзимдарории предмети байъона на дар ҳамаи давлатҳо ҷой дорад. Масалан, мутобиқи Маҷмуаи қонунҳои граждании Олмон ба сифати ба сифати байъона

метавонад, ки ҳам ашё супорида шавад. Баробари ин таҳти мафхуми ашё ҳамаи чизҳое, ки объекти ҳуқуқ шуда метавонанд, аз он ҷумла ҳуқуқҳои молу мулки[68].

Дар Кодекси граждании Италия муқаррар гардидааст, ки ҳангоми бастани шартномаи бо байъона таъмин гардида, як тараф ба тарафи дигар маблағи пулӣ ё шумораи муайяни дигар ашёҳои бо нишонаҳои навъ муайяншавандаро медиҳад, ки ҳангоми иҷро гардидани ӯҳдадорӣ он бояд ҳатман ба байъонадиҳанда баргардонида шавад ё ба маблағи шартнома зам карда шавад[69].

Мутобиқи Кодекси граждании Фаронса ба монанди кодекси Тоҷикистон маҳдудият ҷой дорад, ки ба ҳайси предмети байъона танҳо маблағи пулӣ баромад менамояд.

Ба сифати предмети байъона танҳо маблағҳои пулиро эътироф намудан, чандин маротибаҳо таҳти баҳси адабиётҳои ҳуқуқӣ қарор гирифта буд. Е.С Куликов қайд менамояд, ки дар асоси принсипи озодии шартнома,  тарафҳо метавонанд, ки ба сифати байъона моли муайянро пешниҳод намоянд. Ӯ муқаррар менамояд, ки ҳарчанд айни замон байъона дар шакли пулӣ дода шавад ҳам дар муносибатҳои гражданӣ зарурате ба миён меоянд, ки ба ҳайси байъона ашё дода шавад, масалан, ҳангоми маҳсулотсупорӣ, ки ба ҳайси байъонадиҳанда на ин ки харидор, балки маҳсулотсупор баромад менамояд. Вале, эътироф намудани ақидаи муаллифи мазкур тафовути байни байъона ва гаравро мушкил мегардонад, инчунин ҳангоми муроҷиат ба суд тарафҳо наметавонанд, ки ба мақсадҳои дар назар доштаи худ бирасанд.

Ҳамитариқ барои ҳимоя намудани манфиатҳои кредитор, пешгирӣ ё кам кардани ҳаҷми оқибатҳои манфӣ аз иҷро накардан ё ба

[68] Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 538 с.

[69] Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 541 с.

таври дахлдор иҷро намудани ӯҳдадорӣ, тарафҳо метавонанд чораҳои характерӣ таъминӣ - маҷбурнамоӣ муқаррар намоянд, ки тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ номида мешавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методҳои умумиилмӣ ва хусусии илмӣ, ки имкони баррасии ҳамаҷониба ва маҷмӯи мавзӯъро фароҳам оваранд. Дар ҷараёни таҳқиқот барои арзёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши баррасишаванда методҳои тафсирии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба таври назаррас истифода шуданд. Таҳлили системавӣ имкони арзёбии самарабахшии воситаҳои танзими ҳуқуқиро дар бахши таъмини иҷрои ухдадориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Тавассути методи таърихӣ раванди таърихии муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда таҳқиқ гардид. Методи амалисозии ҳуқуқӣ барои коркарди беҳтарин қолабҳои тадбирҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои таҳлилшаванда замина ба вуҷуд овард.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва ҳалномаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб мераванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зерин ташкил медиҳанд: М.З.Раҳимзода, НШонасридинов, А.М.Маҳмудзода, А.Ғ.Холиқов, Ш.Ғаюров, Ф.Сулаймонов, М.М.Соҳибов, Ҳ.М.Саидов, О.С.Иоффе, К.Анненков, В.В.Исаченко, Е.А.Суханов, М.И.Брагинский, В.В.Витрянский, Е.С.Куликов, В.В.Залесский, А.Г.Калпина, Р.А.Колбасин, И.Б.Новицкий, И.С.Петерский, Л.А.Лунц, М.Бартошек, Н.Л.Дювернуа, М.Ф.Ермошина, А.Г.Диденко, Н.Д.Егоров, О.А.Красавчикова, В.С.Толстой, И.В. Елисеев, Б.М.Гонгало, В.Ф.Яковлев, В.С.Константинова, М.К.Сулейманов, Ю.Г.Басин, С.В.Сарбаш, ва дигарон.

# ФАСЛИ 16

## Сохтумони роҳҳои автомобилӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ падидаҳои наве пайдо мегарданд, ки ба фаҳмиши классикии муносибатҳои дар замони Шӯравӣ ҷойдошта ҳаммисл нестанд. Консепсияи моликият бо таъсири боди иқтисоди ғарбӣ хусусиятҳои навро касб мекунад. Аз ҷумла соҳаҳое, ки пештар пурра дар тобеияти давлат қарор доштанд, бо пайдоиши падидаҳои ҷадид ба монанди шарикии давлатӣ-хусусӣ, ба истифода ва соҳибии субъектони ғайридавлатӣ вогузор мешаванд. Чунин дигаргунӣ дар соҳаи коммуникатсия, аз ҷумла истифодаи роҳҳои автомобилгард ба миён омадааст.

Тоҷикистон давлати кӯҳии Осиёи мебошад, 93% ҳудуди Тоҷикистон дар маҳалли кӯҳӣ қарор доранд, нисфи ҳудуд дар баландии зиёда фз 3000 метр қарор дорад. Хусусиятҳои хоси релеф боиси каминкишрфии роҳи оҳан ва ҳавоӣ гардидааст, вуҷуд надоштани роҳи обӣ боиси мавқеи роҳбарикунандаро ишғол намудани роҳҳои автомобилгард гаштааст. Гуфтан лозим аст, ки 90% боркашонӣ тавассути роҳҳои автомобилгард роҳандозӣ мегарданд .

Сохтмони роҳ соҳаи муҳими хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад, ягон кунҷи оламро бе мавҷуд будани роҳ тасаввур кардан имконнопазир аст. Зиёд будани роҳ ва сифати он аз қудрати давлат хабар медиҳад. Роҳҳо одамонро ҷалб намуда, шаҳрҳоро бунёд сохта, соҳибкориро равнақ медиҳанд. Таърихи давлату халқҳо ифодагари онанд. Таърихи роҳҳо-таърихи давлатанд. Дар замони муосир роҳҳои автомобилгард дар адабиётҳо чунин тафсир ёфтаанд: “роҳҳо афтомобилгард-ин воситаҳои комплексии нақлиётӣ буда, ки таъминкунандаи бехатарӣ ва шароитҳои бехатариву мувофиқи воситаҳои нақлиётро таъмин менамоянд”. Ҳаёти муосири ҷамъиятро бе роҳҳо тасаввур намудан

имконнопазир аст. Роҳҳо автомобилгард – унсури асосии низоми нақлиётӣ мебошад. Бе роҳҳо автомобилгард инкишоф ва фаъолияти хоҷагии халқ имкон надорад. Роҳҳо дунёи қадим ба монанди Роҳи бузурги махфии Ҳиндустон, роҳ ба сӯи Деваори бузурги Чин, роҳ ба сӯи маъбади Худои ишқ Иштар дар шаҳри Ошур, “роҳи шоҳонаи форс”, роҳи бузурги абрешим. Дар пайроҳаи инкишоф истеҳсоли аввалин чарҳудуди Тоҷх дар ҳазораи IV то мелод дар Покистон ёфта шуданд.

Дар мақолаву монаграфияҳои ҳуқуқии бахшида ба роҳҳои автомобилгард, мафҳуми ягонаи роҳи автомобилгард дода нашудааст, ки моҳият ва хусусиятҳои онро ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ муқаррар созад.

Инчунин дар соҳаи илм таносуби роҳҳои автомобилгард ба объектҳои истифодаи оммавӣ низ мавҷуд нест, новобаста аз он ки дар феҳрасти объектҳои ҳуқуқи гражданӣ чунин таснифот бояд мавҷуд бошад. Бо вуҷуди ин ташаккули қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ, сохтмони босуръати роҳҳои автомобилгард бо истифодаи падидаҳои шарикии Давлатии хусусӣ, созишномаи консессионӣ тақозои созмон додани як мавқеи мустаҳкам ва ягона оид ба ҳолатҳои боло овардашуда. Дар доктринаи ҳуқуқӣ оид ба объектҳои ҳуқуқи гражданӣ то ҳол андешаи ягона мавҷуд нест. Як қатор муаллифон проблемаи мазкурро яке аз проблемаҳои марказии назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ медонанд.

Дар назарияи тоинқилобии сивилистӣ оид ба мафҳум ва мазмуни мафҳуми объектҳо ду равия мавҷуд буд: монистӣ ва плюралистӣ). Тибқи консепсияи монистӣ (намояндагон: В. И.Синайский, Н.М.Коркунов, П.Г.Виноградов ва дигарон) объекти ҳуқуқ тавассути танҳо як катугория муайян мегардад, новобаста аз он ки моддист ё ғайримоддӣ.

Намояндагони консепсияи плюралистӣ Г.Ф.Шершеневич, В.М.Хвостов, Д.И. Мейер, Д.Д. Гримм, В.Е. Васьковский ва дигарон ба объектҳои ҳуқуқ якчанд категорияро мансуб медонистанд, новобаста аз он ки он ашё ҳаст, ё ин ки шахсияти субъекти ҳуқуқ, неъматҳои моддию ғайримоддӣ ва амали шахмони дигар.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ то ҳол маводи кофӣ оид ба нишонаҳои объекти ҳуқуқ бахшида нашудааст, инчунин масоили пайдоиш ва қонунӣ гардонидани объекти ҳуқуқ. Ин масъала то андозае дар кори В.А.Лапачем мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки нишонаҳои зерини объектҳои ҳуқуқро пешбинӣ намудааст: дискретӣ, алоқаи ҳуқуқӣ ва низомнокӣ. Як қатор муаллифон нишонаҳои дигарро аз қабили камёбӣ, моддӣ, идорашаванда ва ғайра пешбинӣ мекунанд. Ба таври мисол дар кори худ Д.В.Шорников дар қатори нишонаҳои дискретӣ, алоқаи ҳуқуқӣ ва низомнокӣ, инчунин нишонаи “самараноки”- и объекти ҳуқуқро пешбинӣ намудааст, ки қобилияти қонеъ намудани манфиатҳои шахсии субъектони ҳуқуқро мефаҳмонад

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** қонунгузории танзимкунандаи бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард, инчунин фикру андешаҳои олимон вобаста ба ин мавзӯъ ташкил медиҳад.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мавзуъро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждани, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба сохтмони роҳҳои автомо ташкил медиҳанд. Дар бароббилгард, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши муқоисавии татбиқи қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди

Давлатҳои Мустақил вобаста ба мавзӯи баррасишаванда ба анҷом расонида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз коркарди асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методҳои умумиилмӣ ва хусусии илмӣ, ки имкони баррасии ҳамаҷониба ва маҷмӯи мавзӯъро фароҳам оваранд. Дар ҷараёни таҳқиқот барои арзёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши баррасишаванда методҳои тафсирии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба таври назаррас истифода шуданд. Таҳлили системавӣ имкони арзёбии самарабахшии воситаҳои танзими ҳуқуқиро дар бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид сохтмони роҳҳои автомобилгард  дар бар мегирад. Тавассути методи таърихӣ раванди таърихии муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда таҳқиқ гардид. Методи амалисозии ҳуқуқӣ барои коркарди беҳтарин қолабҳои тадбирҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои таҳлилшаванда замина ба вуҷуд овард.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва ҳалномаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб мераванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зерин ташкил медиҳанд: Арзуманян А.Б. , Иванов А.А.,  М.И. Брагинский В. И.Синайский, Н.М.Коркунов, Г.Ф.Шершеневич, В.М.Хвостов, Д.И. Мейер, Д.Д. Гримм, В.Е. Васьковский, Ш.К. Ғаюров, Д.Ш.Сангинов, Е.П. Губин, А.М. Диноршоев, И.В. Ершова, А.Д. Жарков, С.Э. Жилинский, Е.А. Суханов, Ш.Т. Тағойназаров, В.К. Райхер , О.С. Иоффе , Я.М. Магазинер ва дигарон.

## ФАСЛИ 17

### Сарватҳои асъорӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ нақши молу мулк беҳамто мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар як касро барои озодона истифода намудани амволи худ ҷиҳати ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти бо қонун манънашуда мустаҳкам намудааст (м. 12, 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Гирифтани даромад аз истифодаи амвол як шакли асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ( м. 1 КГҶТ). Ҳамин тариқ, амвол ба сифати воситаи баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунад. Ҳамзамон доштани амвол заминаи зарурии машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ низ мебошад. Доштани амволи алоҳида дар ҳуқуқи моликиятӣ, истифодаи хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ як шарти эътироф шудани ташкилот ҳамчун шахси ҳуқуқӣ баромад мекунад (м. 4 КГ ҶТ).

Ҳамзамон, ҳаҷми муайяни амволи алоҳида низ аҳамияти муҳими ҳуқуқӣ дорад. Вуҷуд надоштани амволи зарурӣ дар баъзе мавридҳо садди роҳи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ ё гирифтани иҷозатнома барои ба амал баровардани номгӯи муайяни фаъолият мегардад, масалан, барои анҷом додани хизматрасонии нақлиётӣ ҳангоми вуҷуд надоштани воситаҳои нақлиёт.

Истилоҳи «амвол» дар қонунгузорӣ ба маъноҳои гуногун истифода бурда мешавад. Ба бисёрмаъноии ин истилоҳ ҳанӯз Г.Ф Шершеневич ишора карда буд, ки мувофиқи ақидаи ӯ, мафҳуми амволро аз нигоҳи иқтисодӣ ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ фарқ бояд кард.

Ба истилоҳи амволе, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад, объектҳоеро низ дохил кардан мумкин аст, ки худ хусусияти моддӣ надошта, арзиши пулӣ доранд, аз ҷумла ҳуқуқхои амволӣ.

Баъзан дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ истилоҳи “амвол” баҳри тавсифи ҳолати молумулкии шахс истифода шуда, дар ин маъно на танҳо амвол ва ҳуқуқҳои амволӣ, балки ӯҳдадорҳои шахси мушаххас низ ба он дохил карда мешаванд, аз ҷумла амволи корхона, амволи меросӣ.

Намудҳои алоҳидаи амволе, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд, ҳам дар асоси нишонаҳои иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқӣ тасниф карда мешаванд.

Асосҳои ҳуқуқии тасниф имконият медиҳанд, ки чунин намудҳои амволро ҷудо намоем:

- амволи манқул ва ғайриманқул, молҳое, ки муомилоти онҳо озод аст; молҳои муомилоташон маҳдуд; молҳои аз муомилот гирифташуда.

Бо назардошти аломатҳои иқтисодӣ чунин намудҳои ашё мавҷуданд:

- воситаҳои асосӣ ва гардон, истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ;

- фондҳои гуногун.

Реҷаи ҳуқуқии молу мулк дар фаъолияти соҳибкорӣ аз маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахс нисбати амвол иборат мебошад. А.В. Венедиктов зери мафҳуми реҷаи ҳуқуқии молу мулк қоидаи махсуси тартиби ташкилёби ва истифодаи амволро мефаҳмид. Молу мулк гуфта, ҳамчун анъана маҷмӯи ашёҳо, яъне объектҳои моддие фаҳмида мешавад, ки нишонаи молу мулк доранд. Дар чунин маъно «молу мулк» нисбати ҳуқуқи моликиятӣ истифода мешавад (тасарруф ва ихтиёрдори намудан). Умуман ҳуқуқи молу мулкро дар маънои васеъ, яъне чун маҷмӯи ашё ва ҳуқуқҳои амволӣ фаҳмида мешавад.( қ. 6 м. 69, қ. 2 м. 140 КГ ҶТ).

Истилоҳи «молу мулк» барои ифода намудани ашё, аз ҷумла пул ва қоғазҳои қиматнок ва инчунин ҳуқуқҳои амволӣ (қ. 2 м. 140 КГ ҶТ)

истифода мешавад. Таҳлили танзими ҳуқуқии қонунгузории граждании оид ба муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки қонунгузор ҳамеша ба низоми махсуси ҳуқуқии арзишҳои асъорӣ муттаҳид шудааст.

Дар Кодекси граждании ҶТ дар боби 6-шум номгуи обектҳои ҳуқуқи гражданӣ муқаррар шудааст. Дар моддаи 140-уми кодекси мазкур намудҳои объектҳои ҳуқуқи гражданӣ оварда шудааст.

Намудҳои объектҳои ҳуқуқи гражданӣ:

1.Объектҳои ҳуқуқи гражданӣ метавонанд неъматҳо ва ҳуқуқи молу мулкӣ ва шахсии ғайри молу мулкӣ бошанд.

2. Ба неъмату ҳуқуқи амволи (амвол) инҳо дохил мешаванд: чизу чора, пул, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок, кору хизматҳо, иттилоот, амал, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, номи фирма, тамғаи мол ва воситаҳои дигари фардикунонии маҳсулот, ҳуқуқи молу мулкӣ ва молу мулки дигар. Пул ва қоғазҳои қиматнок обекти паҳнгаштатарини ҳуқуқи гражданӣ мебошад ва ба низоми сарватҳои асъорӣ дохил мешавад.

Сомонӣ воситаи қонунии пардохте мебошад, ки қабули он аз рӯи арзиши эътибориаш дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Президента Ҷумҳурии Тоҷикистои низоми пулии мамлакатро муайян мекунад ва пули миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт ба шумор меравад, ки кабули он аз рӯи арзиши эътибории худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Ҳолатҳо, тартиб ва шартҳои истифодаи асъори хориҷи дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонун муайян карда мешавад. Объектҳои муносибатҳои асъорӣ – оид ба онҳо субъектҳои муносибатҳои асъорӣ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид мешаванд. Ба сифати объектҳои муносибатҳои асъорӣ неъматҳои гуногуни моддӣ ва ғайримоддӣ баромад мекунанд. Мавриди тазаккур аст, ки оид ба объектҳои

муносибатҳои ҳуқуқӣ дар адабиётҳо ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Як гурӯҳ чунин меҳисобанд, ки баъзе муносибатҳои ҳуқуқӣ объекти худро надоранд (масалан, муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ). Гурӯҳи дигар бошад қайд мекунанд, ки инкори факт оиди объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ақидаи бемаъне аст, ки ин ақида дурусттар аст. Дар адабиётҳои ҳуқуқи асъор ба сифати объектҳои муносибатҳои асъорӣ неъматҳои гуногуни моддӣ(арзишҳои асъорӣ ва ғайра) ва ғайримоддӣ (тартиботи ҳуқуқӣ дар бахши танзими асъор, устувории сомонӣ ва ғайра) зикр шудаанд.

Асъор– ин умуман номи воҳиди пули мамлакатҳои гуногун мебошад, ки барои истифода намудан барои пардохт ба мол ва хизматрасониҳо, ки дар ҳудуди мамлакати мазкур харидорӣ карда мешавад, ҳатмӣ мебошад. Ҳар як мамлакат воҳиди пулии худро дорад (рубл, доллар ва ғ., ки мувофиқи қонун муқаррар шудааст). Маблағе, ки дар муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ истифода мешавад асъор номида мешавад. Маҷудияти асъори миллӣ муомилоти мӯътадили молро таъмин менамояд, ҳисоббаробаркунии ҳукуматро бо шаҳрвандон осон мегардонад, ки дар муассисаҳои давлатӣ кор мекунанд, барои нигоҳдории мудофиа хизмат мекунанд. Давлат бо роҳи барориши (эмиссия) пул ба муомилоти мӯътадили пулӣ мусоидат мекунад. Он ба корхонаҳое, ки ба ӯ молҳои гуногунро месупоранд, бо пули миллӣ пардохт мекунад. Билохира асъори миллӣ ба таъминоти соҳибихтиёрии мамлакат, мустақилияти он аз иродаи давлатҳои дигар мусоидат мекунад. Агар мамлакат ба истифодаи асъори давлатҳои дигар умед бандад, пас ин мумкин аст истиқлолияти иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати мамлакатро аз давлатҳои дигар вобаста мекунад. Мувофиқи қонунгузории амалкунанда ба амалиёт бо асъори хориҷӣ инҳо дохил мешавад: пешбурди суратҳисоби асъории муштариён; амалиётҳои ғайрисавдоӣ; муқаррар намудани муносибати ахбороти бо бонкҳои ваколатдори дохилӣ ва хориҷӣ; ҳисоббаробаркуниҳои

байналмллалӣ вобаста бо содироту воридоти мол ва хизмат; харид ва фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори асъори дохилӣ; ҷалб ва тақсим кардани воситаҳои асъорӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоыикистон; амалиётҳои қарзӣ дар бозори асъори байналхалқӣ; амалиёт бо асъори хориҷӣ – ин маҷмӯи муносибатҳои пулию қарзӣ, ки дар асоси интернатсиализатсияи ҳаёти хоҷагӣ, тақсими байналмиллалии меҳнат ва бозори ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои байналмиллалии асъор, ҳамон вақте ба вуҷуд меояд, ки пул дар муомилоти байналмиллалӣ амал мекунад

Танзими ҳуқуқи муносибатҳои асъорӣ яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти  давлат ба ҳисоб меравад. Дар замони шуравӣ монополияи мутлақи давлатӣ амал мекард. Моҳияти он аз он иборат буд, ки ҳуқуқи моликият ба арзишҳои асъорӣ ва амалӣ намудани амалиёти асъорӣ танҳо ба давлат  тааллуқ дошт. Сарчашмаи асосии ҷамъоварии арзишҳои асъорӣ даромадҳо аз воридот, маблағи ҷалби қарз ва захираҳои дохилии ҷамъшаванда ба монанди сангҳои қиматбаҳои табиӣ ва дигар навъҳои арзишҳои қимматбаҳо мебошанд. Муомилоти асъорӣ ва арзишҳои асъорӣ дар дохили кишвар таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор дода шуда буд. Яъне муомилоти асъорӣ ҳамчун як самти мустақими фаъолият  танзим намегардид. Гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ ва воридшавии марҳила ба марҳилаи он  ва хоҷагидории байналмилалӣ зарурати танзими ҳуқуқи муносибатҳои асъориро ба вуҷуд меорад. Ин механизм дорои табиати иқтисодӣ аст ва дар ҳар як давлат ба шакли ҳуқуқӣ табдил дода мешавад. Яъне берун аз чорчӯбаи низоми санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ гуфтан дар бораи механизми танзими муносибатҳои асъорӣ ғайриимкон аст.

Намудҳои молу мулке, ки арзишҳои асъорӣ эътироф карда мешаванд ва тартиби бо онҳо анҷом додани аҳдҳо тибқи қонун дар

бораи танзими асъор ва назорати асъор муайян карда мешаванд.Ҳуқуқи моликият ба арзишҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи асосҳои умумӣ  муҳофизат мешавад.

Тибқи моддаи 157 кодекси Гражданӣ. Коғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст.Бо додани коғази қиматнок дар маҷмӯъ тамоми ҳуқуқҳои тасдиқнамудаи он мегузарад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун барои татбиқ ё гузашт кардани ҳуқуқи дар қоғази қиматнок тасдиқгардида далелҳои дар феҳрасти махсуси (муқаррарӣ ё компютерии) шахсе, ки коғази қиматнокро аз номи худ баровардa, аз рӯи ӯҳдадории дар он сабтшуда масъулият дорад, кифоя мебошад.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** қонунгузории танзимкунандаи бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими хуқуқии сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин фикру андешаҳои олимон вобаста ба ин мавзӯъ ташкил медиҳад.

**Асосҳои меъёрӣ-хуқуқии** мавзуъро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гражданӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-хуқуқии батанзимдарорандаи бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши муқоисавии татбиқи қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста ба мавзӯи баррасишаванда ба анҷом расонида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз коркарди асосҳои консептуалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Қоғазҳои кимматнок дорои хусусиятҳое мебошанд, ки онҳоро аз пул фарқ кунондан мумкнн аст. Онҳо метавонанд дар ҳисобу китоб иштирок намоянд, дар муҳлатҳои зарурӣ 6а пул табдил дода шаванд, ба сифати замонат хизмат намоянд, ба муҳлати чандин сол ё бе муҳлат 6а таври мерос дода шавад.

Дар ибтидо тамоми қоғазҳои қимматнок танҳо дар шакли қоғаз амал мекарданд ва номи аслии онҳо низ аз ҳамин бармеояд. Нархи ин гуна қоғазҳо аз руи навиштаҷоти дар он ҷойдошта, ё дар бозор муайян карда мешуд. Инкишофи ояндаи бозори қоғазҳои қимматнок ба навовариҳои техникаи ҳисоби электронӣ вобаста аст, ки дар натаҷаӣ он аллакай саҳмияҳои навъи электронӣ пандо шуданд, дар ояндаи иаздик онхо дар қоғазҳои қимматнок мақомн махсусро ншгол ҳоҳанд кард.

Дар шаропти нқтисодиёти бозоргони талаботи доими барои аз ҳисоби як шахс 6а ҳисоби шахси дигар гузаронидани маблағ ба таври доими вуҷуд дорад. Чунин талабот метавонад дар шакли додану ситонидани қарз ва ба воситаи бароришу ҷобаҷогузории қогазҳон қимматнок, дар ҳолатҳои хариду фурӯши амвол ва хизматрасони сурат гирад. Дар ин маврид қогазҳон қимматнок ҳамчун як шакли таҷассумёфтаи муносибатҳои бозоргонӣ байни иштирокчиёни бозор ба миён омада, худи ин қоғазҳои қимматнок ба азсифати объекти умумии ин муносибатҳо хизмат мекунанд. Ба таври дигар, ҳама гуна додугирифтҳон шартномави нисбати харид ё фуруш на ба шакли пул ё мол, балки ба воситаи қоғазҳои қимматнок сурат мегнранд. Аммо дар ин маврнд ба ҷои пул ё мол

қоғазҳон қимматнок, балки арзнши онҳо амал мекунад ва ин арзиш бояд ё баробари қимати мол ё пул бошад, ё аз онҳо зиёдтар.

Ҳамин тавр, қоғазҳои қимматнок - ин ҳуҷатҳое мебошанд, ки ҳуқуқҳои аввалини соҳиби он нисбати шахси интишорнамуда ба воситаи пешниҳод ё интиқоли онҳоро шаҳодат медиҳанд.

Муносибатҳое, ки бо интишор ва муомилоти қоғазҳои қимматнок, фаъолияти касбии иштирокчиёни бозорн қоғазҳои қимматнок вобастаанд, бо Қонуни ҶТ «Дар бораи қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фонди» ва дигар санадхои қонунгузории Ҷумҳурин Тоҷикистон ба танзим даровварда мешаванд. Хусусиятҳои фаъолияти касби дар бозорн қоғазҳои қимматноки шахсони ҳуқуқи хориҷи ва корхонаҳо бо сармоягузории хориҷи аз тарафи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурин Тоҷикистон оиди сармоягузории хориҷи ба танзим даровварда мешаванд, на қоғазҳои қимматнок, балки арзиши онҳоро амал мекунад ва ин арзиш бояд ё баробари қимати мол ё пул бошад, ё аз онҳо зиёдтар.

Ҳамин тавр, қоғазҳои қимматнок – ин ҷуҳатҳое мебошад, ки ҳуқуқҳои аввалини соҳиби он нисбати ин шахси интишорнамуда бо воситаи пешниҳод ё интиқоли онҳоро шаҳодат медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методҳои умумиилмӣ ва хусусии илмӣ, ки имкони баррасии ҳамаҷониба ва маҷмӯи мавзӯъро фароҳам оваранд. Дар ҷараёни таҳқиқот барои арзёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши баррасишаванда методҳои тафсирии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба таври назаррас истифода шуданд. Таҳлили системавӣ имкони арзёбии самарабахшии воситаҳои танзими ҳуқуқиро дар бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Тавассути методи таърихӣ раванди таърихии муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда таҳқиқ гардид. Методи амалисозии ҳуқуқӣ барои

коркарди беҳтарин қолабҳои тадбирҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои таҳлилшаванда замина ба вуҷуд овард.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва ҳалномаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб меравand.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зерин ташкил медиҳанд: Н.А. Ардашева, И.Х. Бобоҷонов, А.В. Барков, Н.А. Баринов, В.С. Белих, А.В. Белозеров, Р.Б. Бозоров, М.В. Болотина, В.А. Борченко, М.И. Брагинский, И.Б. Булатова, М.О. Буянова, Е.Е. Василева, Е.А. Величкина, А.Д. Ғафуров, Ш.К. Ғаюров, Д.Ш.Сангинов, Е.П. Губин, А.М. Диноршоев, И.В. Ершова, А.Д. Жарков, С.Э. Жилинский, С.С. Занковский, М.Л. Захаров, А.В. Золутухин, Ш.М. Исмоилов, А.Ю. Кабалкин, В.В. Кванина, Ф. Котлер, Н.Ф. Максютин, К. Маркс, В.С. Мартемянов, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш.М. Менглиев, Ҷ.С. Муртазоқулов, Ф.М. Нодиров, С.А. Наумова, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, О.Н. Содиқов, Л.В. Санникова, А.И. Сафарзода, Л.Б. Сиддиқова, Т.И. Султонова, Д.И. Степанов, Е.А. Суханов, Ш.Т. Тағойназаров, А.Е. Шерстобитов ва дигарон.

## ФАСЛИ 18
## Ҳолати ҳуқуқии коопретивҳои тиҷоратӣ

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқот** ба наонқадар маъмул будани он чун натиҷаи кам омӯхтани кооперативҳои тиҷоратӣ ҳамчун шакли ташкилию ҳуқуқии хоҷагидории муосир вобаста аст.

Ишора мекунем, ки диққат ба кооперативҳо умуман ва ба артелҳо қисман ҳам аз тарафи қонунгузор ва ҳам аз тарафи аҳолӣ хусусияти давравӣ дорад. Кооперативҳои дар ҳудуди Империяи Россия дар миёнаҳои асрҳои XIX пайдошуда алакай дар охири асри XIX - авали асри XX хеле паҳн гардиданд.

Ба боварии том гуфтан мумкин аст, ки ба таҷрибаи мавҷудбудаи танзими қонунгузории фаъолияти кооперативҳо нигоҳ накарда, институти кооператви тиҷоратӣ аз мавқеи батанзимдарории ҳуқуқии он хеле камомӯхта мебошад. Инак, Низомнома «Дар бораи кооперативҳо ва иттифоқҳои онҳо», ки моҳи марти соли 1917 қабул гардидааст, дар натиҷаи минбаъд дар моҳи октябри ҳамон сол ғасб гардидани ҳокимият аз ҷониби болшевикон натавонист васеъ паҳн гардад, тачрибаи татбиқи он низ коркард карда нашуда буд. Дар давраи шӯравӣ мафҳуми кооператви тиҷоратӣ оҳиста оҳиста ба мафҳуми артелҳои хоҷагӣ – колхозҳо омада расид. Фаъолияти охирон дар сатҳи санадҳои зерқонунӣ ба танзим даровarda мешуд, як қатор меъёрҳо бошад, аз ҷумла меъёрҳое, ки принсипҳои ҳаракати колхозиро дарҷ менамуданд, хусусияти тавсиявии равшан ифодаёфта доранд. Зиёда аз ин, курсҳои ҲКИШ гузаронидашуда, ки дар оянда ба барҳам додани моликияти колхозию кооператвӣ равона гардидааст ба давлатӣ кардани колхозҳо, ба гум шудани аломатҳои кооператив оварда расонд. Ҳамаи ин ҳолатҳо наметавонист ба муносибати аҳолӣ ба кооперативи тиҷоратӣ таъсир нарасонад.

Дарккунии манфии кооперативҳо мусоидат намуд, ки дар моҳи марти соли 1988 Қонун «Дар бораи Кооператсия дар ИҶШС» қабул

карда шавад, ки воқеан фаъолияти хусусию ҳуқуқии ташкилотҳоро ҳал намуда буд. Дар натиҷаи суст ба танзим даровардани ҳуқуқӣ дар шакли кооперативҳои тиҷоратӣ аз ҷиҳати табиати гуногунии ҳуқуқии худ ташкилотҳои тиҷоратӣ таъсис дода шуд.

Вазъият бо он мураккаб мегардад, ки дар адабиёти муосири ватанӣ оиди ҳуқуқи соҳибкорӣ ва гражданӣ ба омӯзиши масъалаҳои танзими фаъолияти кооперативҳои тиҷоратӣ умуман диққат ҷудо карда намешавад.

Дар робита бо ин, тадқиқотҳои ҳуқуқии табиат ва мазмуни муносибатҳое, ки дар ҷараёни таъсис додан ва барҳам додани фаъолияти кооперативҳои тиҷоратӣ пайдо мешаванд, таҳияи тавсияҳо оиди истифодаи воситаҳои ҳуқуқии танзимкунии ин намудҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқии кооперативӣ дар айни замон муҳимияти махсусро азхуд намуда, дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ дорои аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Объекти тадқиқот** низоми мунеосибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар байни кооперативҳоии тиҷоратӣ ва шахсони сеюм (аз он ҷумла аъзоёни кооперативӣ)оиди ба амал баровардани артели фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, ба шумор меравад.

**Мавзӯи тадқиқотро** таҳлили қонунгузории ватанӣ дар соҳаи танзими фаъолияти кооперативи тиҷоратӣ, тадқиқоти хусусияти иштироки кооперативҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ бо назардошти муносибатҳои дохиликооперативӣ, таҳлили мушкилоте, ки дар робита бо ин иштирок пайдо шудааст, ташкил мекунад.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии** мавзуъро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ, аз қабили КГ ҶТ, қонун, аз ҷумла дар бораи кооперативҳо, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводҳои амалияи судӣ ва арбитражӣ, қонунгузории як қатор давлатҳои пешрафта, санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ва ИҶШС амал

мекарданд, маводҳои интишори даврӣ ташкил мекунанд.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Мақсади кор таҳлили бисёрҷанба ва комплексии меъёрҳое, ки муносибатҳои ҳуқуқии кооперативӣ, ошкорсозӣ ва таҳлили низомию сохтории мушкилотҳои асосии назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти кооперативҳо, омӯзиш ва таҳияи муқарраротҳои алоҳидаи назариявии омӯзишҳо оид ба шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба кооперативҳои тиҷоратӣ, коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи кооперативӣ мебошад.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардидаи тадқиқот вазифаҳои зерин гузошта шуда, ҳал карда мешавад:

- сарфаҳмравии таҳлилии мафҳуми «кооператив» ва дар асоси он мафҳуми «кооперативи тиҷоратӣ»;

-тадқиққи хусусияти танзими ҳуқуқии фаъолияти кооперативи тиҷоратӣ, дар умум инчунин қисман намудҳои алоҳидаи онҳо;

- ошкор намудани хусусиятҳои махсуси кооперативи тиҷоратӣ ҳамчун иштирокчии фаъолияти соҳибкорӣ;

- тадқиқи мазмуни ҳуқуқи субъект будани кооперативи тиҷоратӣ;

-таҳлили табиати ҳукуқии муносибатҳои ҳуқуқии аъзогӣ дар кооперативи тиҷоратӣ;

-тадқиқи фаҳмиши ҳуқуқии мақомоти идоракунии кооперативи тиҷоратӣ;

-ошкор намудани камбудиҳои (норасоиҳо, коллизияҳо ва ғ.) меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи кооперативӣ ва коркарди пешниҳодҳо барои бартараф намудани онҳо.

Асоси методологии тадқиқот дар худ якчанд гуруҳи усулҳои хусусию илмиро дарбар мегирад:

1. усули расмию мантиқӣ (таҳлил, синтез, таҷрид кардан, ҷамъбасткунӣ, индуксия, дедуксия, қиёс);

2. усулҳои хусусию илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ: мушаххасу иҷтимоӣ (таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ ва амалдияи судӣ), усули

таърихию ҳуқуқӣ, усули тафсири догматикӣ (мунтазам, таърихӣ, имлоӣ, мантиқӣ); усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.

**Асоси назариявии тадқиқот.** Ҳар қадаре, ки тадқиқоти илмӣ ба мантиқи ҷараёни таърихӣ наздик бошад, ҳамон қадар объективӣ аст. Дар тадқиқоти умумии мушкилиҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти кооперативҳо мурочиат ба асарҳои илмии ҳуқуқшиносони ватаниву хориҷӣ М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, А.Д. Ғафурзода, И. А. Антропова, А. А. Исаева, Л. А. Сыроватской, Р. О. Халфина, Е. А. Суханов, В. В. Лаптев, П. Г.Лахно, В. П. Мозолин - ро талаб мпекунад.

## ФАСЛИ 19

## Ҳолати ҳуқуқии андозсупоранда

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Дар шароити ислоҳоти системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи муҳимтарин ин такмил додани муносибатҳои андозӣ, яъне ба таври дақиқ ба танзим даровардани вазъи ҳуқуқии субъектҳои онҳо мебошад. Ба вуҷудоии муносибатҳои нав дар ҶТ, зарурати ислоҳоти системаи андоз ва пардохтҳоро ба миён овард. Дар шароити инкишофёбии қонунгузории андоз таваҷҷӯҳ ба чунин падида ба монанди агенти андоз меафзояд. Бори аввал дар сатҳи қонунгузорӣ, мафҳуми ин истилоҳ дар Кодекси андози ҶТ тасдиқ карда шуд. Қаблан ин истилоҳро танҳо фанҳои ҳуқуқӣ баррасӣ мекарданд ва инчунин дар қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки андоз яке аз фишангҳои давлаи ба ҳисоб меравад. Давлат ба воситаи истифодаи ин фишанги иқтисодӣ як ҳиссаи муайяни даромади давлатро дар шакли марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, ба ин васила хазинаи давлатро ғанӣ мегардонад ва маблағҳои қисмати даромади буҷетро барои таъмини рушди иқтисоди миллии кишвар, бахусус соҳаҳои афзалиятноки миллии он, саҳмгирии зарурӣ дар амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ, давлатӣ ва ғайра сарф менамояд. Шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо, муассисаҳо ва ғайра) мутобиқи қонун ва қоидаҳои амалкунанда дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамчун андозсупорандагони асосӣ эътироф шудаанд ва онҳо ӯҳдадор мебошанд, ки андозҳои ба тарзи расмӣ муқарраршударо дар мӯҳлати муайяншуда, тибқи меъёри тасдиқшуда ва пурра ба буҷаи давлат пардохт намоянд.Дар баробари ин субектон дар муносибатҳои андозбанди нақши агенти андоз низ назаррас мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати андозро

бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ амалӣ мегардонад.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятии дар бахши танзими муносибатҳои ҳуқуқи андоз бо иштироки агенти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** қонунгузории танзимкунандаи бахши танзими муносибатҳои ҳуқуқи андоз бо иштироки агенти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи андоз бо иштироки агенти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин фикру андешаҳои олимон вобаста ба ин мавзӯъ ташкил медиҳад.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мавзуъро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози ҶТ, Кодекси гражданӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи муносибатҳои ҳуқуқи андоз бо иштироки агенти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши муқоисавии татбиқи қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста ба мавзӯи баррасишаванда ба анҷом расонида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсия ҳалли масъалаҳои зеринро зарур аст:

- гузаронидани омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии андоз ва муайян кардани ҷой ва нақши агентҳои андоз ҳамчун субъектҳои ин муносибатҳои ҳуқуқӣ;
- коркарди ақидаи муаллифон оид ба вазъи ҳуқуқии агентҳои андоз;
- муайян кардани функсияи агентҳои андоз дар таъмини пардохти андозҳо ба системаи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиши хусусиятҳои масъулияти ҳуқуқии агентҳои андоз барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба андоз ва боҷҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян кардани мундариҷаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои агентҳои андоз ва муқоисаи онҳо бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои андозсупорандагон;

- муайян кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои агентҳои андоз дар муносибат бо мақомоти андоз;

- омӯхтани хусусиятҳо ва таҳлили қобилҳуқуқии агенти андоз ҳангоми пардохтҳои алоҳидаи андозҳо;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили меъёрҳои қонунгузории ҶТ оид ба андозҳо ва пардохтҳо, ки вазъи ҳуқуқии агенти андозро танзим мекунанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** методи диалектикаи материалистист, ки имкон дод консепсияи мафҳуми агентҳои андоз, ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти онҳоро ба низом дароварад, моҳияти мақоми ҳуқуқии агентҳоро таҳлил кунад. Дар ҷараёни омӯзиш усулҳои таҳлил ва синтез истифода мешуданд (масалан, барои омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусият ва қонунии институти агентҳои андоз), усули мантиқӣ (ҳангоми тартиб додани мафҳумҳои асосӣ), усулҳои пешгӯӣ ва пешгӯӣ (дар якҷоягӣ бо усули система барои таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар майдони додашуда). Усули таърихӣ имкон дод, ки рушди муассисаи агентҳои андоз пайгирӣ карда шавад ва хусусиятҳои фарқкунандаи он ошкор карда шаванд.

**Асосҳои эмпирикии таҳқиқот** қарор ва ҳалномаҳои мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири амалияи судӣ, инчунин далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳа ва маълумоти оморӣ ба ҳисоб меравand.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ зерин ташкил медиҳанд: Асоси назариявии тадқиқот корҳои илмии олимон оид ба назарияи умумии ҳуқуқ С.С. Алексеева, В.Л.

Кулапова, В.В. Лазарева А.В. Малкоо, Н.И.Матузова; корҳои олимон дар соҳаи ҳуқуқи молия ва андоз О.Ю. Бакаева, А.В. Бризгалина, Д.В. Винницкий, Ю.А. Крохина, Р.О. Халфина, Н.И.Химичева, Э.В. Покачалова ва муалифони  дигари соҳаҳои ҳуқуқ муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба муносибатҳои ҳуқуқии андоз, аз ҷумла бо иштироки агентҳои андоз бахшида шудаанд. Муаллиф инчунин аз адабиёти таърихӣ ва фалсафӣ истифода кардааст.

## ФАСЛИ 20
## Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот**. Дар замони муосири рушду такомули иқтисодӣ ягон давлат иштирокчии комили муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ шуда наметавонанд, бидуни он ки аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (минбаъд СУС) набошад. Иқтисодиёти муосир ба савдои ҷаҳонӣ ҳамгиро буда, боиси рушди бозори ҷаҳонӣ мегардад. Ҳар як давлат саъю кӯшиш менамояд, ки дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ҷойи намоёнеро ишғол намояд. Дар айни ҳол қабл аз ҳама маҳз иқтидори иқтисодии давлат, дараҷаи рушди иқтисодии он мавқеи ҳар як давлатро дар ҷаҳон, некуаҳволии шаҳрвандонро дар кишвар ва муносибати байниҳамдигарии онро бо дигар давлатҳо муайян месозад. Бинобар ин 2-юми марти соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) аъзои комилҳуқуқи СУС гардид. Ҷараёни гуфтушунид оид ба аъзошавии ҶТ ба СУС беш аз 11 сол идома ёфта, 29-уми майи соли 2001 бо пешниҳоди ариза оғоз гардид ва 10-уми декабри соли 2012 бо имзои суратмаҷлис оид ба аъзошавии ҶТ ба СУС ба анҷом расид.

Аъзошавӣ ба СУС барои ҶТ қадами бузурге ба пеш дар роҳи ташаккули иқтисодиёти сатҳи байналмилалӣ гардид. Иҷрои уҳдадориҳое, ки дар рафти аъзошавӣ ба ин Созмон ҶТ ба зимма гирифт, дар аксари соҳаҳо, дар таҷрибаи корӣ, бозомӯзӣ ва ва такмили ихтисоси кадрҳо, инчунин дар механизмҳои мониторинг барои рушди иқтидори бузурги давлатии содиротӣ тағйиротҳои маҷмӯиро ба миён овард. Дар ин замина рақобатнокии саноати ватанӣ аз муҳити тиҷоратӣ ва дигар омилҳо, мисли захираҳои барқӣ, телекомуникатсия, хизматрасониҳои молиявӣ, инфрасохтор ва ғайра вобаста гардид. Дар навбати худ аъзошавӣ ба СУС ба беҳтаршавии муҳити тиҷоратӣ

мусоидат намуд ва шарти ҳамкории давлатро бо бахши хусусӣ вусъат бахшид.

Барои ҶТ аъзои СУС  гардидан боиси он шуд, ки ба таври фаврӣ қонунгузории мамлакат ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуд ва ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкӣ шароити мусоид фароҳам гардид.

Аъзои СУС шудани ҶТ боиси рушди соҳаи бонкӣ гардид. Дар давраи аз соли 2012 то 2014 ҳаҷми депозитҳои бонкии ҷалбшуда ва қарзҳои бонкӣ 1,8 маротиба ва дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ 2 маротиба афзоиш ёфтанд. Ҳаҷми дороиҳои ташкилотҳои хурди қарзӣ 5,3 маротиба ва қарзҳои додашуда 6 маротиба афзоиш ёфт. Дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳудуди кишвар беҳтар гардид, ки ба он инкишофи шабакаи филиалҳо ва дигар воҳидҳои амалиётии берун аз тавозуни бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарзӣ дар саросари кишвар мусоидат намуд. Шумораи филиалҳои бонкҳо аз 237 адад (соли 2009) то 344 адад (соли 2014) расонида шуда, дигар воҳидҳои амалиётӣ қариб 2 маротиба зиёд гардид. Шумораи кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда дар солҳои 2009 – 61210 адад ва 2014 – 1107079 ададро ташкил дод[70]. Дар ҶТ аз рӯи ҳолати то 31-уми марти соли 2017 201 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 16 бонк, 38 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 14 ташкилоти қарзии хурд ва 34  фонди қарзии хурд амал мекунад[71].

Аммо базаи устувору мувофиқи ҳуқуқӣ барои рушди боэътимоду самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ, ки омили асосӣ ва муҳим мебошад, дар сатҳи дахлдор қарор надорад. Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки базаи ҳуқуқии айни ҳол ҷойдошта кори самараноки бозори хизматрасонии бонкии

---

[70] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 таҳти № 636 тасдиқ шудааст. — Душанбе, 2016. — С.17.

[71] Курбонализода М. Система банковского регулирования и надзора в Республике Таджикистан: современное состояние и перспективы развития // Вестник Таджикского национального Университета. Серия гуманитарных наук. — Душанбе: «Сино», 2017. №2/4. Ч.I. — С.157.

Тоҷикистонро ба пуррагӣ таъмин намесозад ва боиси поймол шудани ҳуқуқи мизоҷони бонк шуда истодааст. Чунки дар кишвар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 таҳти № 72[72] амал мекунад, вале он масъалаҳои мушаххасро дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ дарбар намегирад. Қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 23-юми майи соли 1998 таҳти №648[73] ва тағйироту иловаҳои ба он даровардашуда ба рушди хизматрасонии бонкӣ чандон мусоидат накард. Бинобар номувофиқатии қонуни мазкур ба талаботи аъзошавии ҶТ ба СУС 19-уми майи соли 2009 Қонуни нави ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»[74] қабул шуд. Аммо қонуни мазкур мафҳуми хизматрасонии бонкӣ, хусусиятҳои онро ифода намекунад. Дар Кодекси граждании ҶТ дар бобҳои 40-44 дар бораи танзими шартномавии хизматрасонии бонкӣ гуфта шудааст, вале меъёрҳои дар ин бобҳо ҷойдошта тамоми ҷанбаҳои ҳуқуқии хизматрасонии бонкиро, ки санадҳои СУС пешбинӣ намудаанд, фаро намегиранд.

31-уми октябри 2014 таҳти №691 Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар узвият дар СУС бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шуд, ки барои ноил гаштан ба дастрасии номаҳдуд ба молҳои ватанӣ ва маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, мутобиқсозии қонунгузории ҶТ ба меъёрҳои санадҳои СУС, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани сатҳи сифат ва рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ бо назардошти афзоиши воридоти маҳсулоти хориҷӣ, хизматрасонӣ ва маблағгузорӣ ба бозори дохилӣ; воридшавӣ ба низоми ҳаллу фасли баҳсҳои тиҷоратӣ дар сатҳи байналмилалӣ,

[72] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №12, қ.1, мод. 699; соли 2008, №10, мод. 805; мод. 817; соли 2013, №12, мод. 896; соли 2015, №1193.
[73] Ахбори Маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998. №10, мод. 143; соли 2002. №11, мод. 669; соли 2005. №12, мод. 647; соли 2007. №7, мод. 678.
[74] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.331; соли 2010, №7, мод. 555; соли 2011, №12, мод. 846; соли 2013, №11, мод. 786; соли 2014. № 1154.

иштирок дар коркарди қоидаҳои байналмилалии тиҷоратӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ, истифодаи низоми фаврии ахбороти тиҷоратӣ, то ки барои татбиқи сиёсати тиҷоратӣ - иқтисодӣ бояд шароити мусоид фароҳам орад, аммо то ҳол натиҷаи назаррасе дар бахши хизматрасонии бонкӣ ба даст наомадааст.

Бинобар мавҷудияти мушкилот дар танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии бонкӣ дар солҳои охир дар соҳаи бонкии кишвар баъд аз аъзошавии ҶТ ба СУС нишондиҳандаҳои манфӣ ба вуҷуд омаданд, ки на танҳо рушди минбаъдаи соҳаро боз доштанд, балки барои беҳтар гардонидани некӯаҳволии сокинони мамлакат монеа эҷод намуданд. Масалан, пастшавии сифати хизматрасонии бонкӣ, болоравии қурби асъори хориҷӣ ва беқурбшавии пули миллӣ — сомонӣ, пардохти маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ бо сомонӣ, ва дигар омилҳои номатлуб, ки ба сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандони мамлакат таъсири бевосита мерасонанд. Аммо бар хилофи Барномаи қабулшуда буҳрони иқтисодии солҳои 2014-2016 низоми бонкии Тоҷикистонро дар вазъи мушкиле қарор дод. Аз як тараф, ба шиддат коҳиш ёфтани ҳаҷми пулҳои интиқолии муҳоҷирон – як самти умдаи фаъолияти тиҷории аксари бонкҳо, аз тарафи дигар, сармоягузориҳо ба соҳаҳое, ки буҳрон касифашон кард, бахусус ба бозори сохтмон, аксари бонкҳои Тоҷикистонро дар мавриди иҷрои уҳдадориҳояшон дар назди мизоҷон, аз ҷумла дар пардохти маоши кормандони буҷавӣ сахт гирифтор кард. Ҳукумат бошад аз тариқи ба муомилот баровардани қоғазҳои қиматбаҳо ба маблағи 3 миллиарду 850 миллион сомонӣ ба "Тоҷиксодиротбонк”, "Агроинвестбонк”, "Тоҷпромбонк” ва "Фононбонк” дасти ёрӣ дароз кард. Аз ин маблағ 2 миллиарду 250 миллионаш барои "Тоҷиксодиротбонк” (ҳудуди 260 миллион доллар), 1 миллиарду 70 миллион (ҳудуди 130 миллион доллар) барои "Агроинвестбонк”, 450 миллион (ҳудуди 58 миллион

доллар) барои "Тоҷпромбонк” ва 80 миллион сомонӣ (беш аз 10 миллион доллар) барои "Фононбонк” пешниҳод гардид.

Ҳамаи ин нуқсонҳо зарурати дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси граждании ҶТ ва коркарди лоиҳаи Кодекси бонкии ҶТ-ро тақозо менамоянд.

Гуфтаҳои боло интихоби мавзӯи таҳқиқотии дисертатсиониро муайян карданд ва мубрамияти масоили номбаршуда ва зарурати ҳалли ин мушкилотро исбот мекунад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯъ.** Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ ҳамчун аъзои СУС дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ яке аз масоили муҳимтарин ба шумор меравад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ масоили хизматрасонии бонкиро олимон А.А. Арутюнян, А.Ю. Викулин, И.В. Домовец, А.С. Жульев, Р.З. Загиров, С. В. Ищенко, С.В. Каширин, Е.Б. Лаутс, Р.О. Ручкин, М.К. Сидорук, И.И. Шабанова ва дигарон дар таҳқиқоти худ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд[75].

Дар коркарди масъалаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳолат ва рушди низоми бонкӣ ва бозори хизматрасонии бонкии ҶТ ҳамчун аъзои СУС олимони тоҷик Ф.И. Аминова, В.У. Бобоев, Р.Ғ.

[75] Арутюнян А.А. Правовое регулирование банковского кредитования субъектов предпринимательской деятельности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2012. — 200 с.; Викулин А.Ю. Антимонопольное регулирование рынка банковских услуг нормами банковского и антимонопольного законодательства: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.14. — М., 2001. — 312 с.; Домовец И.В. Гражданско-правовое регулирование активных банковских операций с участием корпоративных клиентов: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2007. — 199 с.; Жульев А.С. Расчеты с использованием банковских карт как самостоятельная форма безналичных расчётов: Гражданско-правовой аспект: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — Волгоград, 2005. — 192 с.; Загиров Р.З. Договор банковского счета: проблемы правовой квалификации и регулирования: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2002. — 231 с.; Ищенко С.В. Правовое регулирование безналичных расчетов, опосредованных банковскими картами: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14. — Саратов, 2011. — 171 с.; Каширин С.В. Правовое регулирование деятельности кредитных организаций на рынке банковских услуг: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2011. — 215 с.; Лаутс Е.Б. Правовое обеспечение стабильности рынка банковских услуг: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2007. — 243 с.; Ручкин Р.О. Правовое регулирование банковской деятельности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2016. — 196 с.; Сидорук М.К. Правовая природа расчетов с использованием банковских платежных карт в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — Иркутск, 2008. — 202 с.; Шабанова И.И. Проблемы правового регулирования рынка банковских услуг в связи с вступлением России в ВТО: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2010. — 195 с.

Ғаниев, Н.К. Қаюмов, Ш.А. Қодиров, Б.М. Ҷумаев, Х.М. Ятимов ва дигарон саҳми босазо гузоштаанд[76].

Қобили қайд аст, ки масоили хизматрасонии бонкӣ дар Тоҷикистон бо махсусияти рушди иқтисодиёт ва ҳуқуқ, инчунин таърих ва ҳуввияти аҳолӣ таҳлил карда мешавад. Дар ин ҷода асарҳои ҳуқуқшиносони ватанӣ А.Д. Ғафуров, А.В. Золотухин, П.З. Мирзоев, М.З. Раҳимзода, Д.Д. Ҳошимов, Д.Ш. Сангинов ва дигаронро махсус зикр намудан бамаврид мебошад.[77]

---

[76] Аминова Ф.И. Оценка обеспеченности и инструменты расширения рынка банковских услуг Республики Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук: 08.00.10. — СПб., 2014. — 201 с.; Бабаев В.У. Особенности банковской политики в условиях перехода к рыночным отношениям (На материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.01. — Душанбе, 2002. — 126 с.; Ганиев Р.Г. Организационно-экономические аспекты оказания банковских услуг населению в условиях рыночной экономики (На материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2016. —165 с.; Джумъаев Б.М. Развитие торговли услугами в условиях вступления Республики Таджикистан во Всемирную торговую организацию: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2010. —164 с.; Кадиров Ш.А. Роль банковской системы в повышении экономической безопасности Таджикистана: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2009. — 147 с. Каюмов Н.Н. Развитие розничного банковского бизнеса в Республике Таджикистан: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.10. — М., 2011. — 158 с.; Рахимов З.А. Развитие банковской системы Таджикистана в условиях переходной экономики: дис. … д-ра эконом. наук: 08.00.10. — М., 2003. — 326 с.; Ятимов Х.М. Развитие банковского обслуживания национальной экономики (На примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2003. — 190 с.

[77] Гафуров А.Д. Правовое регулирование банковской деятельности в Республике Таджикистан: под ред. А.Н. Козырина. — М.: ЦППИ, 2010. — 209 с.; Гафуров А.Д. Развитие некоторых институтов финансового права развивающихся стран (На примере Афганистана, Ирана, Кыргызстана и Таджикистана): монография. — Бишкек, 2014. — 210 с.; Гафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивающихся стран (На примере Исламской Республики Афганистан, Исламской Республики Иран, Кыргызской и Республики Таджикистан). — Душанбе: Издательство «Сино», 2017. — 352 с.; Гафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивающихся стран (На примере Исламской Республики Афганистан, Исламской Республики Иран и Республики Таджикистан): дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01; 12.00.14. — Бишкек, 2015. — 381 с.; Золотухин А.В. Гражданско-правовые средства страхования предпренимательских рисков. — Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. — 224 с.; Золотухин А.В. Теория деятельности правовых средств: взгляд на проблему // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. — Душанбе: «Сино», 2015. Ч.I. №3/11(188). — С.96-98; Золотухин А.В. Правовая природа страхования банковских вкладов физических лиц // Сб. науч. ст. проф.-преп. сост. каф. гражд. права (К 15-летию образования РТСУ) / отв. ред. Ш.М. Менглиев, Х.Т. Насиров. — Душанбе, 2011. — С. 94-100; Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.03. — Душанбе, 2016. — 316 с.; Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ (Маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ). — Душанбе: «ЭР граф», 2014. — 312 с.; Мирзоев П.З. К вопросу о государственном регулировании банковской деятельности в Республике Таджикистан // Правовая жизнь, 2016. № 4 (16). — С. 154-162; Мирзоев П.З. К вопросу о гражданско-правовых способах обеспечения качества товаров, работ и услуг // Вестник Таджикского Национального Университета. Серия гуманитарных наук. — Душанбе: «Сино», 2015. Ч.II. №3/11(188). — С. 72-75; Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. — Душанбе: Деваштич, 2005. — 408 с.; Рахимов М.З. Избраные труды по гражданскому и предпренимательскому праву. — Душанбе: «Бухоро», 2014. — 638 с.; Рахимов М.З. Предпринимательский риск // Материалы Международной научно-теоретической конференции, посвященной памяти В.А. Ойгензихта «Коммерческое законодательство Республики Таджикистан: становление и развитие». — Душанбе, 2004. — С. 98-104; Раҳимов М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои забони қонун // Давлат ва ҳуқуқ, 2008, №1. — С.64-68; Раҳимов М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо // Қонунгузорӣ. — Душанбе, 2011. №3. — С.4-13; Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Второе издание с

Мутаассифона, дар асарҳои ҳуқуқии ватанӣ ба мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкӣ дар сатҳи комплексӣ аҳамияти ҷиддӣ дода нашудааст, ки аксарияти мушкилоти мавҷуда то ҳол ҳаллу фасли худро наёфтаанд. Бинобар ин, ба таҳлили амиқтари онҳо зарурат ба миён омадааст. Бо назардошти ин ҳолот мо кӯшиш намудем, ки нуқсонҳои дар танзими ҳуқуқии хизматрасонии бонкӣ ҷойдоштаро ошкор намуда, чораҳои пурраву ҳаматарафа бартарафнамояндаи онҳоро пешниҳод намоем.

**Объекти таҳқиқоти мазкурро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ ҳамчун аъзои СУС-ро ба миён овардаанд.

**Мавзӯи таҳқиқоти мазкурро** ақидаҳои назариявӣ, мулоҳиза ва меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ ташкил медиҳад, ки ба мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ бахшида шуда, дар муқоиса бо шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва таҷрибаи судӣ таҳлил гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи мазкур.** Дар робита бо муҳимияти мавзӯи зикршуда мақсади таҳқиқоти илмӣ мушаххасгардонии мушкилоти танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ ҳамчун аъзои СУС ва коркарди пешниҳодҳо доир ба бартараф сохтани нуқсонҳои мавҷуда доир ба мавзӯъ мебошад.

Барои расидан ба мақсад баррасии масъалаҳои зерин зарур мебошад:

---

изменениями и дополнениями. — Душанбе: «ЭР-граф», 2013. — 600 с.; Сангинов Д.Ш. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. —Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. — 600 с.; Сангинов Д.Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). Воситаи таълимӣ. —Душанбе. 2013. — 256 с.; Сангинов Д.Ш., Курбонов Дж.С. К вопросу о роли ВТО в развитии предпринимательства в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. 2013. №1 (01). — С.73-82; Хошимов Д.Д. Услуги как объект гражданских прав по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — Душанбе, 2012. — 182 с.; Хошимов Д.Д. Услуги в системе объектов гражданских прав. — Душанбе: ЭР-граф, 2013. — 172 с.

- омӯзиши бавуҷудоӣ ва рушди қонунгузории ҶТ дар бахши хизматрасонии бонкӣ;

- муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасонии бонкӣ;

- ошкор намудани мушкилоти танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии бонкӣ;

- асосноккунии махсусиятҳои хизматрасонии бонкӣ дар асоси ҳуқуқи СУС;

- ошкор намудани механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии бонкӣ дар ҶТ;

- коркарди пешниҳодҳо доир ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар бахши таҳқиқшаванда.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд, ки дар таҷриба санҷида шудаанд, аз ҷумла мушоҳида, таҳлил, синтез, тасвир, ҳамчунин усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Дар ҷараёни таҳқиқот инчунин усулҳои таҳлили интегралӣ ва муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби дигар олимони ҳуқуқшинос гузаронида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони илми ҳуқуқшиносии ватаниву хориҷӣ ба монанди И.М. Азизов, Ҷ.К. Бобоев, А.Ю. Викулин, А.Д. Ғафуров, Ш.К. Ғаюров, Е.В. Данилова, А.В. Данильцев, И.В. Домовц, М.Р. Ҷафарӣ, Н.Ю. Ерпилева, А.С. Жульев, Р.З. Загиров, А.В. Золотухин, Е.Б. Лаутс, Н.Н. Ливенцев, Я.Д. Лисоволик, С.В. Ишенко, С.В. Каширин, Ф.А. Қосимов, В. Костюкевич, Е.Б. Лаутс, О.А. Мавлоназаров, Ф.А. Махмадшоев, Ш.М. Менглиев, П.З. Мирзоев, Н.И. Муминов, Ф.М. Нодиров, В.А. Ойгензихт, А.С. Пулотов, В.А. Проскуркина, Б.О. Самадов, Д.Ш. Сангинов, Р.Ш. Сотиволдиев, М.К. Сидорук, Е.В. Скурко, М.З. Раҳимзода, М.Н. Раҷабов, А.Г. Холиқзода, Д.Д. Ҳошимов, И.И. Шабанова, Н. Шонасурдинов, В.М. Шумилов ва дигарон ташкил додаанд.

**Заминаи меъёрии мазкур.** Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии диссертатсияро Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо, Фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Дар диссертатсия баъзе меъёрҳои қонунгузории давлатҳои хориҷа ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ истифода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур.** Рисолаи илмии мазкур дар Тоҷикистон аввалин таҳқиқотест, ки ба таҳлили ҳаматарафаи илмию амалӣ мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ ҳамчун аъзои СУС бахшида шуда, бо назардошти таҳлили сарчашмаҳои нави ватаниву хориҷии назариявӣ ба амал бароварда шудааст. Ба таҳлили мафҳуми хизматрасонии бонкӣ, бозори хизматрасонии бонкӣ, либерализатсияи бозори хизматрасонии бонкӣ бо назардошти ҳуқуқи СУС аҳамияти зиёд дода шудааст.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос мекунанд.

Ба ҳимоя **нуқтаҳои илмии** зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Бавуҷудоӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши хизматрасонии бонкӣ 3 давраро фаро мегирад: Давраи аввал - бадастории Истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули қонунгузорӣ дар ин бахш – солҳои 1991-1998; 2. Давраи дуюм - рушди танзими хусусӣ-ҳуқуқии хизматрасонӣ бонкӣ – солҳои 1999-2012; 3. Давраи сеюм – мукаммал шудани қонунгузории танзимкунандаи хизматрасонии бонкӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалии ин бахш – солҳои 2013-2017.

2. Хизматрасонии бонкӣ фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки барои қонеъ намудани талаботи истеъмолкунанда (мизоҷ) бо мақсади гирифтани фоида равона гардидааст. Хизматрасонии бонкӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад: дар асоси шартнома ба анҷом

расонида мешавад, ки байни ташкилотҳои қарзӣ ва истемолкунанда баста шудааст; бо истифодаи пул дар шаклҳои гуногун амалӣ гардонида мешаванд; ҳангоми ин хизматрасонӣ аксаран ташкилотҳои қарзӣ бо истеъмолкунанда дар муносибати бардавом қарор дорад.

3. Бозори хизматрасонии бонкӣ соҳаи ташаккули талаботу пешниҳоди хизматҳои бонкӣ аст, ки ба қонеъгардонии талаботи мизоҷон дар самтҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ мусоидат мекунанд. Бо назардошти он ки ташкилоти қарзӣ ҳамчун анҷомдиҳандаи хизматрасонии бонкӣ баромад мекунад, дар ин росто ҷустуҷӯи мизоҷҳои наву нигаҳдории мизоҷҳои қаблан ҷалбшуда ва бунёди низоми таъмини расонидани ин хизматҳо ба истеъмолкунанда вазифаҳои муҳимтарини бозори хизматрасонии бонкӣ баҳисоб меравад.

4. Мукамалнамоии механизми низоми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандаи хизматрасонии бонкӣ ва баланд бардоштани қобилияти истеъмолкунанда барои мустақилона ҳал намудани мушкилоти молиявӣ бо тадбиқи камтарин чораҳои дахолати маъмурӣ ва судӣ роҳи асосии рушд бахшидан ба бозори хизматрасонии бонкӣ аст, ки тавассути андешидани чораҳои зерин амалӣ карда мешавад: устувор намудани робитаи байни истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкӣ; беҳтар намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии худҳимояи ҳуқуқии истеъмолкуннадагон; омода намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкӣ.

5. Мушкилоти зерин боиси дар сатҳи дахлдор рушд накардани фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ гардидаст: нобаробарии минтақавӣ дар робита бо дастрасии хизматрасонии бонкӣ; сатҳи баланди нархҳо ба хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла фоизҳои баланд аз рӯи қарзҳо; сатҳи пасти идоракунии корпоративии бонк; самаранок истифода нашудани иқтидори сафарбаркунии пасандозҳо ва механизми тадбилдиҳии онҳо ба

қарзҳои бонкӣ ва сармоягузориҳо; сатҳи нокифояи ташкилоти қарзӣ ва пешниҳоди номгӯи маҳдуди хизматрасонии бонкӣ, хусусан хизматрасонии кутоҳмуҳлат, ки ба талаботҳои бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсоли онҳо мувофиқат намекунад.

Барои аз байн бурдани монеаҳои зикршуда зарур аст, ки иқтидор ва рақобатпазирии ташкилоти қарзӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият пурзӯр карда шавад, талаботи ҳадди ақал нисбати сармояи оиномавии бонк паст карда шавад, талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии ташкилоти қарзӣ пурзӯр гардонида шавад, низоми муосири идоракунии хавфҳо такмил дода шавад ва бонкҳои азим солим гардонидашуда, ба таҷдиди бонкҳои амалкунандаи беэътимод мусоидат шавад.

6. Рақобатпазирии ташкилоти қарзӣ бо назардошти либерализатсияи бозори хизматрасонии бонкӣ дар доираи уҳдадориҳои СУС бо тадбиқи чораҳои зерин баланд бардошта мешавад, агар такмилдиҳии минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши молиявӣ ҷиҳати баланд бардоштани шаффофият ва эътимоднокӣ ба фаъолияти ташкилоти қарзӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкӣ равона шудааст; низоми кафолатдиҳӣ (суғуртакунӣ)-и коллективии пасандозҳои шахсони воқеӣ барои баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба бонкҳо ва дигар ниҳодҳои молиявӣ тавсеа дода шавад; қонунгузории андоз тағйир дода шавад ва ба ташаккулёбии рафтори нави сармоягузории аҳолӣ нигаронида шавад; равандҳои ҳамгироӣ дар бахши бонкӣ вусъат дода шавад.

7. Барои пурзӯр намудани ҳуқуқҳои молу мулкии ташкилоти қарзӣ ва рушди рақобат дар байни ин субъектон зарур аст, ки ниҳод (институт)-и Омбудсмен оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон таъсис дода шавад.

Дар баробари пешниҳодҳои назариявӣ аз ҷониби муаллиф якчанд пешниҳодҳои амалӣ барои бартараф намудани мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии ҶТ ҳамчун аъзои СУС пешкаш гардидааст:

- барои дар амал татбиқ намудани банди 22 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар узвият дар СУС, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31-уми октябри 2014 таҳти №691 тасдиқ шудааст, аз ҷониби мақомоти ваколатдор чораҳои дахлдор андешида шаванд;

- бо мақсади танзими пурраи муносибатҳои рақобатнокии бозори хизматрасонии бонкӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» мафҳуми зерини «рақобат дар бозори хизматрасонии бонкӣ» илова карда шавад: «Рақобат дар бозори хизмтарсонии бонкӣ ин ҷараёни мусобиқаи ташкилотҳои қарзӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ бо мақсади ноил гардидан ба шароити беҳтари бозор ҷиҳати бадаст овардани фоида ва мавқеи устувор барои ин хизматрасонӣ мебошад»;

- пешниҳод карда мешавад, ки Барномаи давлатӣ дастгирии бонкҳои хурд аз муфлисшавӣ омода карда шавад;

- пешниҳод карда мешавад, ки Қонунҳои ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи таърихи қарз (кредит)», «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ», «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз эътибор соқит дониста шуда, санади мукаммал бо назардошти мутобиқ намудани меъёрҳои он ба принсипи лигитиматсияи демократӣ дар шакли санади кодификатсионӣ - Кодекси бонкии ҶТ қабул карда шавад;

- пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи мафҳумҳои асосии Кодекси бонкии ҶТ, ки пешниҳод мегардад мафҳумҳои хизматрасонии бонкӣ ва бозори хизматрасонии бонкӣ дарҷ карда шаванд.

**Аҳамияти назарии мазкур.** Масоиле, ки дар кори илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои хизматрасонии бонкӣ ва алоқамандии он ба ҳуқуқи СУС бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

**Аҳамияти амалии мазкур.** Кори илмӣ ҳам барои мақомотҳои давлатӣ, ки ба мушкилотҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ дучор мешаванд, ҳам барои субъектҳои хоҷагидории ҶТ - иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ арзиши амалӣ дорад, чунки дар он оид ба роҳҳои ҳалли мушкилоти танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ маълумоти зарурӣ мавҷуд аст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар мукаммалгардонии қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар таҷрибаи ҳуқуқии судҳои иқтисодии ҶТ истифода бурдан мумкин аст.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти амалӣ буда, метавонанд барои таълими фанҳои «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи бонкӣ», «Ҳуқуқи гражданӣ» ба донишҷӯёни факултаҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии мамлакат истифода бурда шаванд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли бистум бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

## ФАСЛИ 21

### Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотии мазкур.** Дар солҳои охир васеъшавии босуръати соҳаи хизматрасониҳо яке аз самтҳои асосии пешрафти иқтисодиёти муосир маҳсуб ёфтааст. Дар мамолики мутараққӣ теъдоди кормандони дар соҳаи хизматрасониҳо кору фаъолиятдошта аз шумораи кормандони, тамоми соҳаҳои дигар, бештар ҳастанд. Соҳаи хизматрасониҳои оммавӣ ва хусусӣ дар ин мамлакатҳо 60-70%-и ҳаҷми умумии истеҳсолоти миллиро дар бар гирифтааст. Дар савдои байналмилалӣ қариб чоряк ҳиссаи маҷмӯи умумии содироти ҷаҳониро ба ҳиссаи хизматрасониҳо муталлиқ медонанд.

Ҷойҳои корие, ки бо расонидани хизмат вобастаанд, натанҳо дар соҳаҳои анъанавии риштаи ғайриистеҳсолӣ – дар меҳмонхонаҳо, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, бонкҳо, шабакаҳои телевизионӣ ва монанди инҳо мавҷуданд, балки дар бисёр соҳаҳои истеҳсолот низ ҷой доранд.

Ин афзоиши талаботро ба ҳар гуна хизматрасониҳо аз таъсири як қатор омилҳо вобаста донистан мумкин аст. Якум, мукаммалшавии бозорҳо ва технологияҳо эҳтиёҷоти субъектони хоҷагидорро ба ташкилотҳои соҳаи хизматрасониҳо, ки бо таҳқиқи бозор, мураттабсозии барномаҳои маркетингӣ ва додани маслиҳатҳои ҳуқуқӣ машғул мебошанд, тақвият мебахшад; Дуюм, зарурат ба кам кардани хароҷотҳои доимӣ субъектҳои хоҷагидорро маҷбур месозад, ки аз хизматрасониҳо истифода намуда, мустақилона масъалаҳои тахассусиро иҷро накунанд ва хароҷотҳои иловагиро ба зиммаи худ нагиранд. Субъектони хоҷагидор фаъолона аз хизматрасониҳо бо майлу рағбати зиёд истифода мебаранд, зеро ин имкон медиҳад, то ки ба воситаҳои истеҳсолоти худӣ иловатан сармоягузорӣ нанамоянд ва ба ҳамин васила самаранокиро нигоҳ

доранд; Сеюм, субъектони хоҷагидор ҳар чи бештар саъйю кӯшиш менамоянд, ки фаъолияти худро дар соҳаҳои ихтисосашон маҳдуд роҳандозӣ намоянд ва фаъолияти васеътарро фаро гиранд. Бинобар ин хизматрасониҳои ҳуқуқӣ айни замон дархостшаванда ва ба бисёриҳо зарур арзёбӣ мешаванд. Ҳамин тавр, кам соҳаҳое ёфт мешаванд, ки дар онҳо хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ба мо лозим намеоянд.

Дар Паёми худ Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ санаи 26-уми декабри соли 2018 қайд намуданд, ки «Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешад. Дар баробари ин, барои бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ, таъмин намудани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки соли 2019 лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»-ро таҳия ва пешниҳод намояд»[78].

Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки беҳтар намудани танзими ҳуқуқии сифат ва васеъ намудани номгӯи хизматрасонии ҳуқуқӣ ба соҳибкорон дар алоҳидагӣ ва аъзоёни ҷомеа дар умум саривақтӣ мебошад. Аммо проблемаи инкишофи низоми хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар ҶТ бинобар сабаби номукаммалии баъзе аз паҳлӯҳои фаъолияти он, ки дар гуногунии шаклҳои ин хизматрасониҳо ва пурра танзим наёфтани соҳаи хизматрасониҳои ҳуқуқ ифода меёбад, ҳанӯз ҳам мубрамияти худро нигоҳ доштааст. Масалан, КГ ҶТ

[78] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 // http://www.president.tj/node/19088#bgafurov (санаи мурочиат: 10.01.2019).

[1] хизматрасонии ҳуқуқиро ба сифати объекти алоҳида муқаррар наменамояд ва намуди алоҳидаи хизматрасонӣ дарҷ кардааст. Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18-уми марти соли 2015, № 1182[2] фаъолияти адвокатӣ ҳамчун соҳибкорӣ эътироф намешавад ва м.и. Бар хилофи қонуни мазкур бо қарори Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ аз 5-уми сентябри соли 2016 адвокатҳои мустақил ба соҳибкорони инфиродӣ баробар карда шудаанд. Мувофиқи ин қарор адвокатҳои инфиродӣ аз даромади умумӣ дар ҳаҷми 6 фоиз бо шакли содакардашуда бояд андоз пардохт намоянд, пештар онҳо танҳо андози суғуртаи иҷтимоиро дар ҳаҷми 1 фоиз месупориданд.

Айни ҳол дар ҶТ 14 ташкилот хизматҳои ҳуқуқӣ мерасонанд[3], яъне дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд. Яке аз ин ташкилотҳои ҶДММ «Назришо ва Мирзоев» ба шумор меравад. Он аввалин ширкати хизматрасонии ҳуқуқии Тоҷикистон мебошад, ки мутахассисонаш маълумоти касбиро дар Тоҷикистон ва ИМА гирифтаанд, ҳамчунин дар ин кишварҳо таҷрибаи бойи фаъолияти амалӣ доранд. Ширкати мазкур ба муштариёни соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт маҷмӯи хизматрасониҳои ҳуқуқиро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешкаш месозад. Доираи хизматрасониҳои ҳуқуқии ташкилоти мазкур инҳоро дар бар мегирад: бонкҳо ва молиёт; ҳуқуқи шартномавӣ (қарордодҳо); идоракунии иттиҳодиявӣ ва қоғазҳои қиматнок; муносибатҳои меҳнатӣ; намояндагӣ дар судҳо; захираҳои табиӣ; соҳаи ҳуқуқи андоз ва гумрук[4].

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999. – № 12. – М. 323; с. 2002. – № 4, қ. 1. – М. 170; с. 2006. – № 4. – М. 193; с. 2009. – № 12. – М. 821; с. 2010. – № 7. – М. 540; с. 2012. – № 849; с. 2013. – № 977.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015. – № 3. – М. 204; № 11. – М. 958; с. 2016. – № 1311.

[3] Масалан, ширкати Legal Consulting Group, Контракт, Махмудов ва шарикон, Лигал Консалтинг Групп, Азиан Бизнес Груп – Лигал Эдвайзер, Дастгирии ҳуқуқӣ, ISD Consulting, Хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, Ҳуқуқ ва меҳрубонӣ, Ҷамъият ва ҳуқуқ, Назришо ва Мирзоев, Идораи адвокатии S.A.P., Аудит-консалтинг, Ассотсиатсияи Зиёиёни илмӣ-техникӣ // http://tj.bizorg.su/pravovye–i–yuridicheskie–uslugi–r. (сани муроҷиат: 12.12.2018).

[4] ООО «Назришо, и Мирзоев» первая юридическая фирма Таджикистана // http://nmlaw.tj/ru/ (санаи муроҷиат: 12.12.2018).

Ин талаботҳо дар илми ҳуқуқшиносии муосир, аз ҷумла назди мутахассиони ҳуқуқи соҳибкорӣ мақсади калонеро марбут ба коркарди намунаи назариявӣ ва амалии идеалии бартарафкунии нуқсонҳои танзими ҳуқуқии ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии ҳуқуқиро дар ҶТ пеш овардаст.

Алоқамандии мавзӯи таҳқиқотии диссертатсия бо бахшҳои муҳимми илмӣ, лоиҳаҳои бузурги илмӣ ва ё корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ. Диссертатсия дар доираи барномаи илмии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ (дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ») иҷро гардидааст.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Дар ҶТ мавзӯи мазкур мавриди таҳқиқи комплексӣ қарор дода нашудааст, вале бархе аз муаллифон дар корҳои илмии худ баъзе паҳлӯҳои проблемаи мазкурро дахл кардаанд[1].

Масъалаҳои алоҳидаи хизматрасониҳои ҳуқуқиро чунин муаллифон, ба монанди Бардин Л.Н., Берлин Е.М., Вайпан В.А., Веденин Н.Н., Кабалкин А.Ю., Клигман А.В., Козак Д.Н., Козлова Н.В., Лобанов Г., Подолний Н.А., Романетс Ю.В., Рижаков А.П., Поспелов О.В., Соловёв А., Шаров Г.К. ва баъзе муаллифони дигар мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар Федератсияи Россия вобаста ба ин мавзӯъ як чанд диссертатсияҳои номзадӣ ҳимоя шудаанд[2].

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур.** Ҳадафи асосии кор дарки назариявии асосҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори

[1] Гаюров Ш.К. Соотношение юридической помощи и юридической услуги в гражданском праве // Правовая жизнь. – 2015. – № 2 (10). – С. 120-128; Исроилова Н.Д. Некоторые вопросы гражданско-правовой ответственности по договору на оказание юридических услуг // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 1-2 (62). – С. 156-161; Исроилова Н.Д. Соотношение понятий юридическая услуга и правовое обслуживание // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 3 (64). – С. 261–266.

[2] Щуковская О.М. Правовое регулирование деятельности по оказанию правовых услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2001. – 213 с.; Салчак А.А. Договор об оказании юридических услуг: особенности гражданско-правовой ответственности его участников: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – 197 с.; Владимирова И.А. Особенности гражданско-правового регулирования оказания услуг адвокатом: дис. ... канд. юрид. наук. – Тверь, 2006. – 202 с.; Ильина Т.И. Обязательства по оказанию правовых услуг в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – 172 с.; Музюкин Д.В. Правовое обеспечение рынка юридических услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – Новосибирск, 2007. – 190 с.; Орлов А.В. Гражданско-правовое регулирование отношений в сфере оказания юридических услуг: сравнительно-правовое исследование: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 174 с.; Третьякова В.П. Обязательства возмездного оказания юридических услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – Томск, 2009. – 218 с. и д.р.

хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, инчунин баррасии проблемаҳои амалии марбут ба хусусиятҳои таъмини самаранокии хизматрасониҳои ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад.

Бахри ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин ҳаллу фасл мегарданд:

– ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ таҳлил намудани хизматрасонӣ;

– баррасии қонунгузории танзимкунандаи бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ;

– мавриди таҳлил қарор додани субъектони бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ;

– муайянкунии таснифот ва шаклҳои шартномавии фаъолияти марбут ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ;

– матраҳсозии хусусиятҳои хоси бавуҷудоии муносибатҳои шартномавӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ;

– муайян намудани тарзҳои қонунии радкунии бастан ва иҷрои шартномаи хизматрасониҳои ҳуқуқӣ;

– таҳлили ҷавобгарии шартномавии субъектони бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо;

– коркарди пешниҳодҳо барои мукаммалгардонии қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар ҶТ.

**Объекти таҳқиқоти мазкурро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки оид ба фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии ҳуқуқӣ пайдо мегарданд.

**Мавзӯи таҳқиқоти мазкурро** масъалаҳои назариявӣ ва амалие, ки зарурати танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ба миён оварданд, ташкил менамоянд.

**Асоси меъёрии таҳқиқоти мазкур** аз Конститутсияи ҶТ, КГ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи муносибатҳо

доир ба амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии Алексеев С.С., Баринов Н.А., Брагинский М.И., Брауде И.Л., Вилнянский С.И., Витрянский В.В., Гордон М.В., Егоров Н.Д., Иоффе О.С., Кабалкин А.Ю., Калмиков Ю.Х., Красавчиков О.А., Кротов М.В., Менгилев Ш.Р., Маҳмудзода М.А., Меликов У.А., Исмоилов Ш.М., Рахимзода М.З., Ғаюров Ш.К., Шонасриддинов Ш., Сангинов Д.Ш., Тоҷибоев Ш.А. Хошимов Д., Романс Ю.В., Рясентсев В.А., Санникова Л.В., Степанов Д.И., Суханов Е.А., Фархтдинов Я.Ф., Чердансев А.Ф., Шаблова Е.Г., Шершеневич Г.Ф., Шешенин Е.Д., Шуковская О.М., Юделсон К.С. ва дигарон ташкил намудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқоти диссертатсиониро қоидаҳои диалектикаи материалистӣ чун усули умумиилмии дарки илмӣ, инчунин усулҳои хусусиилмӣ: усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, низомноку таркибӣ ва усули таҳлили мантиқӣ муайян намудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур** дар ин аст, ки он ба ҷумлаи аввалин корҳои илмии хусуси ҳуқуқӣ, ки ба омӯзиши батанзимдарории ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар ҶТ равона гардидааст, дохил мешавад.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегардад, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти дисертатсияро ифода месозанд:

1. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мувофиқ ба он эҷод намудани заминаи қонунгузорӣ барои бавуҷудоии бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ чун низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ дар ҷараёни қонеъгардони талаботҳои субъектони он оид ба фурӯши моли махсус – хизматрасонии ҳуқуқии пулакӣ шароит муҳайё намуд. Бинобар аҳамияти муҳими стратегӣ доштани бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ он бояд дар чаҳорчӯбаи муайян аз тарафи давлат назорат ва идора карда шавад. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки уҳдадориҳои марбут ба

расонидани хизматҳои ҳуқуқӣ натанҳо аз шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ, балки ҳамчунин аз амалҳо ба манфиати ғайр бидуни супориш, инчунин аз расонидани зарар ба вуҷуд омада метавонанд. Объекти уҳдадориҳои марбут ба хизматрасониҳои ҳуқуқиро фаъолияти ба хизматгиранда ва ё шахси сеюм тайёр кардан ва супоридани иттилооти мушаххас, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии хизматгиранда заруранд, ташкил медиҳад.

2. Хусусияти хоси хизматрасониҳои ҳуқуқӣ якранг набудани онҳо мебошад – ҳолате, ки боиси хислати омехта пайдо кардани шартномаҳои бавуҷудоварандаи муносибатҳо оид ба расонидани ин намуди хизмат гаридааст: чунин хизматрасониҳо ҳам дар доираи шартномаҳои хизматрасониҳои пулакӣ (маслиҳатҳои ҳуқуқӣ, тартиб додани лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳо ва мисоли инҳо) ва ҳам дар доираи шартномаҳои супориш, агар иҷрокунанда барои аз номи муштарӣ анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ уҳдадор бошад (масалан, намояндагӣ дар суд) амалӣ шуда метавонад. Аз ин ҷо фаъолияти марбут ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ метавонад дар асоси ҳар гуна шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ифода ёбад.

3. Мақсади фаъолияти марбут ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ режими ҳуқуқии онро муайян менамояд: тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ. Пешниҳод мешавад, якум, коллегияи адвокатҳо дар сатҳи қонун шакли мустақили ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ эътироф гардад; дуюм, барои тамоми шахсони ҳуқуқӣ, ки хизматрасониҳои ҳуқуқиро анҷом медиҳанд ва дар ҳар гуна шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ таъсис дода шудаанд, режими махсуси қобилияти амалкунӣ муқаррар карда шавад; сеюм, талабот оид ба аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ ба муассисони ин шахсони ҳуқуқӣ паҳн карда шавад.

4. Хусусиятҳои ошкоршудаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, масъулияти тарафҳо имкон медиҳад хулоса кард, ки ҳуқуқшинос – хизматрасон тибқи шартнома тарафи боиқтидор ҳисоб ёфта, аксаран ба иҷроиши шартнома таъсир расонида метавонад, тарафест, ки ба зиммаи ӯ қисми бештари уҳдадориҳо вогузор карда мешавад, аз ҷумла, уҳдадориҳое, ки

дар онҳо хислат ва ҳаҷми амалҳои барои иҷрои шартнома зарурбуда ба таври афзалиятнок муайян карда мешавад. Бо мақсади ба таври воқеӣ барқарор намудани вазъи моддии муштарӣ – хизматгиранда, ки дар натиҷаи хизматрасонии ҳуқуқӣ вайрон гардидааст, зарур аст нисбати таваккалҳои масъулияти касбии молумулкии ҳуқуқшиносон, ки бо хизматрасониҳои ҳуқуқӣ машғул мебошанд, чун қисми таркибии режими ин намуди фаъолият суғуртаи ҳатмӣ ҷорӣ карда шавад.

5. Ҳама гуна хизмат ба маънои иқтисодӣ ин молест, ки тариқи бадали он бо арзиш иҷроишро талаб менамояд, вале он ғайр аз ин, дорои хусусиятҳои муҳим мебошад ва бинобар ҳамин хизматрасониҳо ба сифати объекти мустақили тиҷорат арзёбӣ мегарданд. Ба маънои ҳуқуқӣ хизмат ба ҳайси объекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ уҳдадорӣ баромад менамояд, ки аз муносибатҳои дар соҳаи таҳвили молу мулк ва иҷрои корҳо бавуҷудоянда тафовут дорад. Дар ҷараёни таҳқиқи хусусиятҳои хизматрасониҳо мафҳуми хизмат чун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ таклиф мешавад: хизмат яке аз намудҳои неъматест, ки чун воситаи қонеъгардонии эҳтиёҷот аз ҳисоби амалӣ гардонидани фаъолият (бо роҳи иҷрои амалҳо)-и як субъект буда, маҳз дар хусусияти фоиданоки ин фаъолият манфиати субъективии дигар субъект ифода меёбад ва нисбати он охирин ҳуқуқи талабкунӣ ба даст меорад.

6. Таҳлили рушди уҳдадориҳои хизматрасониҳо ба хулоса меорад, ки шартнома оид ба хизматрасониҳо бояд ҳамчун навъи мустақили шартнома ҷудо карда шавад. Қоидаҳои шартномаи мазкур нисбати намудҳои шартномаҳо оид ба хизматрасониҳо (нигаҳдорӣ, суғурта, супориш, ҳамлу нақл, комиссия ва ғ.) бояд функсияи умумии меъёрҳоро иҷро намояд ва тавонад низоми қоидаҳои умумӣ ва махсуси уҳдадориҳои монандро коркард ва дар баробари ин, ҷойи ҷавобгарӣ оид ба хизматрасониҳоро дар консепсияи уҳдадориҳои ҳуқуқи гражданӣ муайян намояд. Хусусияти хоси фаъолияти марбут ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ба он низоми иҷозатдиҳӣ татбиқ карда шавад. Дар

асоси чунин низом бояд низоми махсуси ба даст овардани ҳуқуқи фаъолият кардани мутахассисони дорои фаъолияти хусусии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад: ваколатдоркунии адвокатҳо чун шахсони институти конститутсионии мусоидати ҳуқуқӣ ва бақайдгирии дигар шахсоне, ки бо хизматрасониҳои ҳуқуқӣ машғул мебошанд.

7. Вазифаҳои фаъолияти хизматрасониҳои ҳуқуқӣ речаи ҳуқуқии онро муайян менамоянд: ғайритиҷоратӣ ё соҳибкорӣ, ки дар соҳаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳо дар асосҳои баробар фаъолият мебаранд ва дар байни онҳо бештар ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии коллегияи адвокатҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки бо ҳеҷ ягон аз шаклҳои бо қонун пешбинигардида мувофиқат наменамояд. Ба андешаи мо, аввал, дар сатҳи қонун коллегияи адвокатҳоро ҳамчун шакли мустақили ташкилӣ-ҳуқуқии тиҷоратӣ эътироф кардан зарур аст; дуюм, нисбати тамоми шахсони ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва дар шаклҳои мухталифи ташкилӣ-ҳуқуқии соҳаи тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ фаъолият мебаранд, бояд тартиби махсуси қобилияти ҳуқуқдорӣ муайян карда шавад; сеюм, талабот оид ба аккредитатсия ва сертификатсия бояд ба муассисони ин гуна шахсон паҳн карда шавад.

8. Шартномаҳои хизматрасониҳои ҳуқуқӣ чун асоси ҳуқуқӣ барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои муттақобилаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Аз рӯйи ҳамин асосҳо, ба монанди, хусусияти муносибатҳои хизматрасонӣ, вазъи ҳуқуқии субъектони фаъолияти хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва моҳияти хизматрасониҳои ҳуқуқӣ таснифоти муносибатҳои тавсифшуда гузаронида мешавад. Дар байни муносибатҳои уҳдадорӣ-ҳуқуқӣ, ки оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ба миён меоянд, шартномаҳои хизматрасониҳои ҳуқуқии пулакӣ, супориш (дар ҳолати намояндагӣ), агентӣ (аз рӯйи намуди супориш) ва идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол (вобаста аз ҳифзи ҳуқуқии объекти танзим) тасниф карда мешаванд. Хулоса асоснок карда мешавад, ки мувофиқи он тамоми навъҳои шартномаҳо оид ба хизматрасониҳои ҳуқуқӣ хислати шахсии ба боварӣ

асосёфта, фидутсиарӣ дошта, боиси ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ мегарданд ва дар хусусиятҳои пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, масъулияти тарафҳо, дар тазҳои шахсан амалӣ намудани уҳдадориҳои хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ифода меёбанд.

9. Омӯзиши асосҳои аз ҷониби адвокат – хизматрасонанда рад кардани бастан ва иҷрои шартнома ба он хулоса меорад, ки асоси қонунии рад кардани зиддияти манфиатҳо ҷой дорад, моҳияти он ошкор карда мешавад, зарурати дар қонунгузорӣ ба низом даровардани ин масъала собит мегардад, меъёрҳо оид ба зиддияти манфиатҳо муайян карда мешавадн: мафҳум, тарзҳои ҳалли масъала, асосҳои рад кардани бастан ва иҷро кардани шартнома номбар мешаванд. Муайянкунии хусусиятҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, ҷавобгарии тарафҳо имконияти хулоса кардан медиҳад, ки ҳуқуқшинос-хизматрасонанда тибқи шартнома тарафи тавоно маҳсуб меёбад, ки ба иҷроиши он қудрати таъсири бештар расондан дорад, тарафест, ки ба зиммаи ӯ уҳдадорӣ ва масъулияти бештар, инчунин уҳдадориҳои бо имкониятҳои бештари муайян намудани табиат ва андозаи амалҳои барои иҷрои шартнома зарурбуда вогузор мешавад.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро судманд меҳисобем:

1. Қисми 1, моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, № 1182 бо ҷумлаи зерин иваз карда шавад: «Фаъолияти адвокатӣ фаъолияти соҳибкорӣ мебошад».

2. Моддаи 799 КГ ҶТ бо таҳрири зайл ифода карда шавад: «Агар дар шартномаи хизматрасонии пулакӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷрокунанда уҳдадор аст хизматрасониҳоро шахсан ва дар муҳлати муайяннамудаи тарафҳо анҷом диҳад».

3. Лоиҳаи Шартномаи намунавии хизматрасониҳои ҳуқуқии пулакӣ чун ҳуҷҷати барасмиятдарорандаи созиши тарафҳо барои адвокатҳо ва

шахсони ҳуқуқии анҷомдиҳандаи хизматрасониҳои ҳуқуқӣ кор карда баромада шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** аз он иборат мебошад, ки он дар қисмати дахлдор барои инкишофи бомуваффақонаи ҳуқуқи хусусӣ, инчунин барои ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ташкили хизматрасониҳои ҳуқуқӣ замина илмиро фароҳам меорад. Таҳлили бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти он талаботҳои айние, ки дар шароити имрӯза нисбаташ пешниҳод мешаванд, анҷом дода шудааст. Асосҳои консептуалии дар диссертатсия коркардшуда метавонанд инкишофи ҳуқуқии тафаккур, инчунин дар шуури ҳуқуқии ҷамъият мустаҳкам ёфтани тасаввуротро оид ба нақши хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар механизми кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин намоянд. Зимни таҳриру таҷдиди қонунгузорӣ ва такмили татбиқи амалии он навгониҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалӣ ба инобат гирифта шуда метавонанд. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ метавонанд истифода гарданд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли бисту якум бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

## ФАСЛИ 22

## Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Иқтисодиёти муосири бозоргонӣ сохтори мураккабе мебошад, ки аз миқдори калони унсурҳои гуногуни истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ таркиб ёфта, дар низоми бисёрҷанбаи меъёрҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ, ки бо мафҳуми ягона – бозор муттаҳид мегарданд, танзим карда мешавад. Дар ин бозор рақобат механизми ҷудонашавандаи иқтисодиёт баромад менамояд. Рақобат дар иқтисодиёт ба инҳисор муқобил меистад, зеро имкониятҳои ҳар як иштирокчии муносибатҳои бозоргониро дар таъсири инҳисор ба шарти умумии гардиши молҳо дар бозори молӣ маҳдуд месозад.

Фаъолияти маҳдуднашудаи инҳисорӣ рақобатро паст мекунад ва ба маҳдудкунии озодии фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Омили боздорандаи фаъолияти инҳисорӣ ва нигоҳдории рақобат қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад. Он ба муқобили суиистеъмол дар бозор ҳам бо роҳи манъи бевоситаи намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам ихтисори афзоиши тамоюлҳое, ки ба пастравии рақобати бозорӣ оварда мерасонанд, равона мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) қонунгузории зиддиинҳисорӣ танҳо дар натиҷаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, вақте ки ба рақобат зарурати ҷомеа пайдо гардид соли 1993 ба вуҷуд омад ва минбаъд такмил додашуд. Аммо танҳо бо манъи инҳисор ва дастгирии рақобат рушди иқтисодиёт Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. Чунки дар тамоми давлатҳои дунё, ки ба низомҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд, аз ҷумла иқтисодиёти бозоргонӣ маҷмӯи соҳаҳо ва намудҳои фаъолият мавҷуд мебошанд, ки аз доираи амали қонунгузории зидиинҳисорӣ бароварда шудаанд. Ин соҳаҳоро соҳаҳои «инҳисори табиӣ» номгузорӣ намудаанд, ки дар онҳо давлат мавқеи ҳукумфармоии истеҳсолкунандагонро навобаста аз шакли

моликият муқаррар ва ҳифз менамояд ва дар онҳо бо назардошти хусусиятҳои технологию истеҳсолӣ рақобат ҷой дошта наметавонад. Мавҷудияти инҳисори табиӣ барои давлат аз нигоҳи иқтисодӣ манфиатбахш мебошад, чунки як субъекти хоҷагӣ метавонад кулли бозорро ба мол, кор, хизматрасонӣ таъмин намояд ва хароҷоти камтарро ба маҳсулоти ягона дар фарқият аз ташкилотҳои рақобадошта пешкаш намояд.

Дар баробари ин соҳаҳои инҳисори табиӣ дорои механизмҳои махсуси тадбиқнамоӣ мебошанд, ки имкониятҳои тағйир ва истифодаи онҳо дар бозори рақобатнок ғайриимкон аст. Бо назардошти ин зарурат соли 1997 Қонуни ҶТ «Дар бораи монополияҳои табиӣ» қабул карда шуд[1]. Аммо бо назардошти рушди кишвар ва мавҷудияти нуқсонҳо дар қонунгузорӣ ба қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо дароварда шуд[2] ва ё онҳо аз нав қабул карда шуд[3].

Ҳануз соли 2013 бо назардошти мавҷудияти нуқсон дар қонунгузории инҳисори табиӣ дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2013 ва вазифаҳо барои соли 2014 такид намуда буданд, ки: «Ба Ҳукумат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки тибқи муқаррароти қонунгузории зиддиинҳисорӣ масъалаҳои фаъолияти самараноки монополияҳои табиӣ, пешгириву маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, инчунин рақобати ғайрисолими субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкорони инфиродиро дар бобати риояи

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, № 525 «Дар бораи монополияҳои табиӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997. – № 23–24. – Мод. 358.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» аз 12 майи соли 2001, № 5 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001. – № 5. – Мод. 586.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, № 235 «Дар бораи инҳисороти табиӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007. – № 3. – Мод. 168; с. 2008. – № 433; с. 2013. – № 1055; с. 2015. – № 1256; с. 2017. – № 1460.

тартиби муқарраргардидаи нархгузорӣ таҳти назорати доимӣ қарор диҳад»[1].

Танзими дахлдори ҳуқуқии инҳисори табиӣ ба монанди мукаммал намудани қонунгузорӣ ва бартараф намудани мухолифати меъёрӣ дар соҳаҳои инҳисори табиӣ дар шароити ҶТ амри воқеист. Ин вазифаҳо аз ҳуҷҷатҳои стратегии давлат сарчашма мегирад. Мисоли мушаххас муқаррароти Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 мебошад, ки дар комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба ҳайси мушкилот самаранокии нокифояи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар комплекси сӯзишворию энергетикии кишварро пешбинӣ менамояд[2].

Мисоли мухолифати меъёрӣ бошад дар таҷдиди сохтори Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик»[3] айён аст. Чунки дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018–2028 бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти стратегӣ доштани соҳаи энергетика ва бо мақсади таъмини истифодаи он ба манфиати аҳолии кишвар нигоҳ доштани монополияи давлат дар ин соҳа ва таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ дар ин самт мақсади ҳалли мушкилоти соҳаи энергетика мебошад. Чунин номукаммалии қонунгузорӣ ва мухолифатҳои меъёрӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонии оид ба истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва гази табиӣ, ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан, терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва айронавигатсия, алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ, хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия, ҳамлу нақл тавассути роҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ, ки соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ мебошанд, вохурдан мункин аст.

---

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2013 ва вазифаҳо барои соли 2014 аз 15.01.2014 сол // Манбаъи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/6167 (санаи муроҷиат: 12.01.2017 сол).

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 декабри соли 2016, № 636. – Душанбе, 2017. – С. 69.

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, № 431 «Оид ба тасдиқи Нақшаи инфиродии таҷдиди сохтори Ширкати саҳомии холдингии кушодаи Барқи Тоҷик» барои солҳои 2011–2018 // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

Аз ин рӯ, таҳқиқи ин таъсиротҳо аҳмияти муҳим барои ҶТ дорад, чунки базаи қонунгузории танзимкунандаи инҳисори табиӣ идеалӣ намебошад. Бинобар ин дар сатҳи дисертатсионӣ таҳқиқи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ мубрам арзёбӣ мегардад.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ») иҷро гардидааст.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити муосир танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ яке аз масоили калидии ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала қисман дар осори илмии олимони ҳуқуқшинос ва иқтисодчиёни ватанӣ таҳқиқ шудааст: Б.Ю. Ахунов[1], А.В. Золотухин[2], А.Қ. Каримов[3], И.С. Муллобоев[4] А.М. Раҳимов[5], М.З. Раҳимзода[6], Д.Ш. Сангинов[7], Т.И. Султонова[8], Н. Шонасридинов[9].

---

[1] Ахунов Б.Ю. Защита прав субъектов предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010.– 174 с.
[2] Золотухин А.В. Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР–граф, 2018. – 596 с.
[3] Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 188 с.
[4] Муллобоев И.С. Рыночная трансформация энергетического сектора национальной экономики Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Худжанд, 2012. – 174 с.
[5] Рахимов А.М. Монополизм в экономике и пути его преодоления (на примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. юрид. наук. – Худжанд, 2000. – 145 с.; Рахимов А.М. Конкурентоспособность национальной экономики и основные направления ее повышения (на примере Республики Таджикистан): дис. ... д–ра. экон. наук. – Худжанд, 2005. – 399 с.
[6] Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳикбории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе: Дониш. – 2019. – 557 с.
[7] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР–граф, 2013. – 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ. – Душанбе: ЭР–граф, 2014. – 500 с.; Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Андалеб–Р., 2015. – 500 с.
[8] Султонова Т.И. Злоупотребление хозяйствующими субъектами доминирующим положением на товарном рынке в Республике Таджикистан: вопросы теории и законодательства: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2007. – 154 с.
[9] Шонасридинов Н.Ш., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 1. Душанбе, 2009. – 478 с.; Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 2. – Душанбе: Эр–граф, 2010. – 348 с.

Дар давлатҳои хориҷӣ баъзе аз ҷанбаҳои инҳисори табиӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос Андреев И.А.[1], Григорьева О.А.[2], Ерина Е.Н.[3], Елизаров М.В.[4], Марасанов Н.Н.[5], Нельговский И.Е.[6], Теплов А.С.[7], Ткачев В.Н.[8], Чукалова С.Н.[9] таҳқиқ шудааст.

Аммо дар Тоҷикистон таҳқиқоти маҷмӯи илмӣ аз рӯйи мавзӯи баррасишаванда мавҷуд нест ва зарурат таҳқиқи амиқи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ дар сатҳи дисертатсионӣ бавуҷуд омадааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Бо такя ба мубрамияти мавзӯи зикршуда таҳқиқи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ бо назардошти асраҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунанда мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

Мақсади таҳқиқот зарурати гузориш ва кӯшиши ҳалли масоили зеринро муайян намуд, ки он:

– омӯхтани ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар ҶТ;

– муайян кардани мафҳуми инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ-ҳуқуқӣ;

– муайян кардани мафҳум ва вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ;

---

[1] Андреев И.А. Заключение договора оказания финансовых услуг субъекту естественной монополии посредством открытого конкурса в гражданском праве Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2009. – 184 с.

[2] Григорьева О.А. Правовое регулирование естественных монополий: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2003. – 235 с.

[3] Ерина Е.Н. Административно–правовое регулирование естественных монополий в сфере топливно–энергетического комплекса: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 191 с.

[4] Елизаров М.В. Особенности банкротства некоторых отдельных категорий юридических лиц: дис. ... канд. юрид. наук. – Владивосток, 2002. – 253 с.

[5] Марасанов Н.Н. Правовое регулирование деятельности субъектов естественных монополий: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – 169 с.

[6] Нельговский И.Е. Административно–правовое регулирование режима естественных монополий в Российской Федерации: дис. ... д–ра юрид. наук. – Москва, 2004. – 418 с.

[7] Теплов А.С. Правовое регулирование естественных монополий на железнодорожном транспорте в период структурной реформы: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – 198 с.

[8] Ткачев В.Н. Теоретические и практические проблемы правового регулирования несостоятельности (банкротства) особых категорий субъектов конкурсного права: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 429 с.

[9] Чукалова С.Н. Государственное регулирование естественных монополий: административно–правовой аспект: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – 239 с.

– муайян кардани асосҳои молумулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ;

– омӯзиши вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисории табиӣ;

– муайян кардани масъулияти гражданӣ–ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ;

– тавсияи пешниҳодҳо бо мақсади такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар дар ин бахш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Объекти тадқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ мебошанд.

**Мавзӯи тадқиқотро** андешаву назари олимон оид ба танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин бахш ташкил медиҳад.

**Асоси методологии тадқиқот.** Ҳангоми ҳалли масъалаҳои гузошташуда, барои ноил гаштан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асоси методологии диссертатсияро методҳои муосири идрок, ки онҳоро илм ошкор кардаасту дар таҷриба санҷидааст, методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва методи системавӣ ташкил намудаанд. Дар ҷараёни тадқиқот методҳои интегралӣ ва муқоисавии таҳлили натиҷаҳои тадқиқот, ки аз рӯйи масоили мушобеҳ аз ҷониби муаллифони дигар гузаронида шудааст, ташкил менамоянд.

**Асоси назариявии таҳқиқоти мазкур.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои олимони зерин ташкил медиҳанд: Абдуллаев Т.К., Айдарова Н.А., Алексеев С.С., Аминджанов Р.М., Андреев И.А., Ахунов Б.Ю., Белых В.С., Бозоров Р.Б., Григорьева О. А., Елизаров М.В., Ерина Е.Н., Жидков О.А., Жилинский С.Э., Золотухин А.В., Исмаилов Ш.М., Каримов А.К., Клейн Н.И., Ковалева Т.В., Кузнитсин В.Б., Малинникова Е.В., Менглиев Ш.М., Нодиров Ф.М., Раҳимзода М.З., Самадов Ш.Д., Сангинов Д.Ш., Султонова Т.И., Тотьев К.Ю., Уильямсон О.И., Халфина Р.О.,

Чукалова С.Н., Шершеневич Г.Ф., Шонасридинов Н., Янковский К.А. ва дигарон.

**Навоварии илмии тадқиқот.** Дар диссертатсия дар асоси муносибати бонизом таҳқиқи ҳаматарафаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ гузаронида шуд ва барои такмили қонунгузории амалкунанда дар ин соҳа пешниҳодҳои судманд каода шуд.

Навоварии диссертасия дар он аст, ки танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ маҷмуан дар илми ватанӣ то ҳол тадқиқи худро наёфтааст. Ҳамзамон дар давраи муосири танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ дар ҶТ талабот ба гузаронидани таҳқиқи маҷмӯии масоили асосӣ, аз ҷумла дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои нави хориҷии доктриналӣ, ки таҳлилашон дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ ҳоло гузаронида нашудааст, ба вуҷуд меояд. Диссертасияи мазкур дар илми ватанӣ аввалин кӯшуши тадқиқотӣ ва ҷамъбасткунии мавзӯи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ мебошад.

Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши инҳисори табиӣ вобаста ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба инҳисори табиӣ ба ду марҳила тақсим карда мешавад: а) марҳилаи аввал - солҳои 1991-1996; б) марҳилаи дуюм – солҳои 1997-2018. Ба марҳилаи аввали танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ хусусияти заминавии танзими ҳуқуқӣ, яъне танзимнамои дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ хос буда, марҳилаи дуюм хусусияти коплексро касб намуд, яъне танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар асоси воситаҳои хусусияти хусусӣ ва умумидошта бароҳ монда шуд. Ба сохтори қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ чунин омилҳои субъективӣ, мисли сатҳи рушди техникаи ҳуқуқӣ, коркард дар назарияи ҳуқуқии масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ таъсир мерасонанд.

2. Инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқӣ мебошад, ки ифодакунандаи ҳолати бозорест, ки дар он бо дарназардошти махсусиятҳои технологӣ ва ё иқтисодӣ бавуҷудории шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ба хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ нест. Инҳисори табиӣ аз як тараф барои маҳдуд намудани фаъолияти рақобатноки субъектони хоҷагидори дигар ба истиснои хизматрасонии соҳаи мутаалиқи инҳисори табиӣ монеъа нашуда, аз тарафи дигар фаъолияти инҳисориро, ки қонунугузорӣ манъ намудааст, ифода намекунад.

3. Соҳаи танзими бевоситаи давлатӣ танҳо бо соҳаи инҳисори табиӣ маҳдуд намегардад ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт, ки аҳамияти калони иҷтимоӣ–иқтисодӣ доранд, вале ба онҳо аломатҳои инҳисори табиӣ хос нест, дар бар мегирад. Тартиботҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳо, ки дар шароити инҳисори табиӣ ва субъектҳои дар соҳаҳои ба ҳам наздик амалкунанда кор мекунанд, ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Тафовути муҳимтарин дар он аст, ки тартиботи ҳуқуқии инҳисори табиӣ мустасност ва дар соҳаҳои фаъолияте, ки ба инҳисори табиӣ мансубият надоранд, истифода намегардад.

4. Соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ мутаҳарриканд. Онҳо баъзан васеъ, баъзан маҳдуд мешаванд, инчунин баъзан вобаста ба омилҳои табиӣ, яъне талабот ба неъматҳо, вазъи бозор, рушди пешрафти илмӣ–техникӣ ва дигар сабабҳо барҳам мехуранд. Мавҷудияти инҳисори табиӣ дар ин ё он соҳа аксаран бо муҳтавои сиёсати давлат дар давраи мушаххаси таърихӣ муайян мегардад. Ин аз тағйирёбандагӣ (ноустуворӣ)–и феҳристи соҳаҳои инҳисори табиӣ, ё ба ибораи иқтисодӣ «вариабелии ҳудудҳо»–и инҳисори табиӣ шаҳодат медиҳад. Маҷмӯи мушаххаси намудҳои фаъолияти инҳисори табиӣ–аз вазъи сифатии иқтисодиёти ин ё он давлат вобастагӣ дорад. Илова бар ин, дар марҳилаҳои гуногуни таърихии рушди низоми миллии иқтисодӣ намудҳои фаъолияте, ки–инҳисори табиӣ дониста мешаванд, тағйир меёбанд. Аз ин лиҳоз номгӯи мутлақи соҳаҳои инҳисори табиӣ вуҷуд

надорад. Пас, масъалаи мансуб донистани фаъолият ба соҳаи инҳисори табиӣ танҳо дар асоси таҳлили ҷиддии иқтисодӣ, ки дар шароити мушаххаси таърихӣ гузаронида мешавад, бояд ҳал гардад. Ан ин рӯ бояд қайд кард, ки феҳристи соҳаҳои инҳисори табиӣ дар ин ё он давлат дар давоми вақти муайян мушаххасу таърихӣ муайян мегардад.

5. Субъекти инҳисори табиӣ субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки бо хизматрасониҳо бо истеъмолкунандагон дар шароити инҳисори табиӣ машғул аст. Субъекти инҳисори табиӣ дар соҳаи манъи умумӣ, ки аз тарафи давлат ташкил мегардад, ҳуқуқи махсус дорад. Манъ муносибати манфии давлатро ба инҳисорот ва самти сиёсати давлат ба дастгирӣ ва рушди рақобат чун муқобили инҳисорот ифода мекунад. Ҳамзамон, ҳуқуқи махсус аз тарафи худи давлат пешниҳод мегардад ва ба таври қонунӣ ба расмият даровarda мешавад.Чунин хулоса бо маълумотҳои ҳуқуқи мусбӣ тасдиқ мегардад. Субъекти инҳисори табиӣ ба гуруҳи ашхос дохил шуда, ҳарчанде ки расман шахси ҳуқуқии мустақил ҳисоб меёбад, аммо аз ҷиҳати иқтисодӣ аз дигар иштирокчиёни гуруҳ вобастагии пурра дорад, бо онҳо манфиатҳои умумӣ дорад. Дар чунин шароит ташаккули ирода ва ифодаи он аз тарафи инҳисорчии табиӣ мустақилона амалӣ намегардад. Изҳори иродаи ӯ таҳриф карда шудааст.

6. Бо мақсади ҳифзи ҷомеа аз суиистифода аз қудрати табиӣ–инҳисории сохторҳои якҷояшуда ба қонунгузорӣ ворид сохтани манъ ба якҷоякунии намудҳои инҳисори табиӣ ва рақобатнокии фаъолият аз тарафи як субъекти хоҷагидорӣ мувофиқи мақсад аст. Бояд қайд кард, ки қонунгузорӣ дар бораи соҳаҳои алоҳидаи инҳисори табиӣ–муносибати вобастагии байни субъектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақили хоҷагидориро ба ҳисоб гирифта, фаъолияти онҳоро маҳдуд гардонида истодааст.

7. Муносибатҳое, ки дар шароити инҳисори табиӣ бавуҷуд меоянд, бо маҷмӯи сершохаи санадҳои қувваю аҳамияти гуногундошта танзим мегарданд. Норасоии асосии қонунгузорӣ оид ба инҳисори

табиӣ дар он зоҳир мешавад, ки санадҳои сершумори танзимкунандаи муносибатҳои гуногун бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ба таври ҷудогона амал мекунанд. Ҳарчанде, ки аз рӯйи умумият муносибатҳои танзимшаванда мантиқи қонунгузориро ифода менамоянд, бояд бо ҳамдигар алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста буда, ҳамдигарро пурра кунанд ва инкишоф диҳанд. Вобастагӣ бояд дар сохтори зинавии санадҳо, тобеияти онҳо (алоқаи амудӣ) ифода ёбанд. Илова бар ин, бояд алоқаи байниҳамдигарии санадҳои ҳуқуқӣ доир ба инҳисори табиӣ дараҷаи якхеладошта (алоқаи уфуқии санадҳо) вуҷуд дошта бошад.

Бобати **мукаммал гардонидани қонунгузорӣ** ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро судманд меҳисобем:

1. Дар сархати 1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 № 235 "Дар бораи инҳисороти табиӣ" тағйироти зайр ворид карда шавад: «Инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқӣ мебошад, ки ифодакунандаи ҳолати бозорест, ки дар он бо дарназардошти махсусиятҳои технологӣ ва ё иқтисодӣ бавуҷудории шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ба хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ нест».

2. Маҷмӯи истеҳсолӣ–технологиро чун як намуди молумулк ба сифати объекти мустақили ҳуқуқҳои гражданӣ қайд кардан ва дар қисми 2 моддаи 140 КГ ҶТ мустаҳкам намудан зарур мебошад.

3. Маҷмуъҳои ягонаи истеҳсолот–технологии субъектҳои инҳисорҳои табииро чун ашёи мураккаб барраси кардан зарур аст. Бинобар ин, ба моддаи 147 КГ ҶТ илова намудани қисми 3 бо мазмуни зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Ашёи мураккаб маҷмӯи молумулке мебошад, ки бо мақсади умумии истеҳсолӣ–хоҷагидорӣ (қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ, роҳи оҳан, бандарҳо, терминалҳои нақлиётӣ ва ғайра) муттаҳид гардонида мешавад».

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳам барои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки

танзими давлатии инҳисори табииро баамал мебароранд ва ҳам барои субъектҳои хоҷагидории ҶТ, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии инҳисори табиӣ мебошанд, арзиши амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашударо бо мақсади такмили қонунгузории граждании, соҳибкорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ ва судҳои умумии ҶТ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамчунин муҳтавои алоҳидаи диссертатсияро дар корҳои илмии минбаъда, ки ба масъалаҳои ҳуқуқии гражданӣ ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин диссертатсия ҳангоми тадрис оид ба фанни «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курси махсуси «Ҳуқуқи рақобат» дар факултаҳои ҳуқуқшиносии макотиби олӣ метавонад мавриди корбурд қарор дода шавад.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли бисту дуюм бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

# ФАСЛИ 23

## Қатъи фаъолияти соҳибкорӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Бинобар эътирофи конститутсионии озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва васеъшавии доираи паҳншавии гардиши молу мулкӣ, фаъолияти иқтисодии шаҳрвандон ва дигар субъектони ҳуқуқи хусусӣ густариш меёбад. Дар пешниҳоди қарз, таъсиси ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва ширкатҳо, инчунин истифодаи меҳнати кироя асосҳои гуногун пайдо мешаванд. Дар чунин шароит ноилшавӣ ба натиҷаи мусбат дар бисёр ҳолатҳо аз таҷрибаи кории муштарак ва малакаи касбӣ дар соҳаи истеҳсоли мол, хизматрасонӣ ва иҷрои кор вобаста аст. Мавҷуд набудани дониш ва таҷриба дар бисёр ҳолатҳо асоси қатъи фаъолияти соҳибкорӣ мегардад, ки метавонад ба манфиати шаҳрвандон зарар расонад. Бисёр иштирокчиёни гардиши молу мулкӣ далели касбияти соҳибкориро ба инобат намегиранд (қ. 3, м. 1 КГ ҶТ). Дар он соҳибкорони дурӯғин ё соҳибкоре, ки фаъолияти худро ғайриқонунӣ амалӣ месозанд, ошкор мегарданд.

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 18 майи соли 2009, № 508[1] дар Тоҷикистон тартиби нави бақайдгирии давлатии субъектони соҳибкорӣ ҷорӣ карда шуд, ки такроршавиро истисно карда, муайянсозии шумораи воқеии соҳибкоронро осон кард. Новобаста аз чораҳои амалинамудаи Ҳукумати ҶТ барои сабук кардани пайомади ногувори буҳрони молиявӣ зарурати қабули чораҳои иловагии мушаххас мавҷуд аст, ки ба расонидани ёрии воқеӣ ба соҳибкорӣ чун

[1] Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2009. № 508 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. №5. М.316; 2010. №12. М.828; 2012. №12. М.1006; 2015. №11. М.972; 2016. №1319.

яке аз самтҳои ба рушди иқтисодии кишвар мусоидаткунанда равона гардидааст.

Мутобиқи ҳисоботи ҳарсолаи Бонки Умумиҷаҳонии «Пешбурди бизнес», аз рӯйи натиҷаи ислоҳоти дар солҳои 2009 ва 2010 татбиқшуда ҶТ нишондиҳандаи худро то 25 нуқта беҳтар намуда, ба қатори даҳгонаи давлатҳои дар гузаронидани ислоҳот пешбар ворид гардид, ки ба ташкили шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ равона гардидаанд. Мақсади асосии гузаронидани ислоҳотро соддакунии расмиёти таъсисдиҳӣ ва фаъолияти корхона, мустаҳкамкунии ҳуқуқи моликият ва такмили расмиёти муфлисшавӣ, танзими баҳсҳои тиҷоратӣ ва беҳтарсозии шароити бақайдгирии давлатии корхонаҳо ташкил медод.

Сарфи назар аз тамоюлҳои мусбати рушди соҳибкорӣ дар ҶТ, як қатор омилҳое мушоҳида мешаванд, ки ба рушди соҳибкорӣ монеа эҷод мекунанд, инҳо номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, литсензиякунонӣ, сертификатсия, гузаронидани санҷишҳо, андозбандии субъектони хурду миёнаи соҳибкорӣ, содирот ва воридоти мол; норасоии захираҳои молиявӣ ва инвеститсионӣ; дараҷаи баланди коррупсия дар мақомоти давлатӣ; дараҷаи нокифояи омодагии касбии кадрҳои баландихтисоси мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ; инфрасохтори сустинкишофёбандаи дастгирии соҳибкорон, махсусан навсоҳибкорон; ҳамкории заифи давлатӣ-хусусӣ; номукаммалии низоми қарздиҳӣ–молиявии дастгирии субъектони хурд ва миёнаи соҳибкорӣ; дараҷаи пасти истеҳсоли меҳнат ва ғайра мебошанд.

Низоми мавҷудаи қарздиҳӣ-молиявии дастгирии субъектони хурд ва миёнаи соҳибкорӣ дар ҶТ ҳанӯз то охир шакл нагирифтааст ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат намекунад. Аз ҷумла, дар мавриди додани қарз ба субъектони хурду миёнаи соҳибкорӣ аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ фоизҳои баланд ва ба

муҳлати хеле кам татбиқ мешаванд. Бинобар ин, ба субъектони хурду миёнаи соҳибкорӣ дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ маҳдуд карда шуда, дар натиҷа дар ҷумҳурӣ ҳолатҳои зерин мушоҳида мешаванд: дараҷаи пасти рушди корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ; истифодаи техника ва таҷҳизоти куҳнашудаи истеҳсолӣ; дараҷаи пасти истеҳсолоти технологӣ; сифати паст ва қобилияти рақобатпазирӣ надоштани молҳои истеҳсолшавандаи ватанӣ.

Мутобиқ бо Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030[1], Тоҷикистон, чун давлати дорои иқтисоди кушода гирифтори таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад, ки метавонанд ба ноилшавӣ ба мақсади стратегӣ ва тасҳеҳи давраҳои инкишоф таъсир расонад. Ситеза – ин ҳама вақт ба нафъи давлат мебошад, ба шарте ки чораҳои пешгирии мутобиқатшавӣ қабул гардад. Дар ҳолати баръакс, онҳо ба таҳдид табдил меёбанд. Барои Тоҷикистон мумкин аст ситезаҳои асосии зерин ҷудо карда шавад: рақобатпазирии сусти иқтисоди миллӣ ҳамроҳ бо пойгоҳи технологии ақибмонда ва дараҷаи пасти фаъолнокии инноватсионӣ, технологияи фаромасрафи ниру ва олудакунанда, фарсудашавии баланди фондҳои асосӣ.

Дар кишвар, амалан механизми «маҷбуркунӣ» ба инноватсия ва раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти таҷрибавӣ-тарроҳӣ ҷой надорад; ҳиссаи пасти захираҳои дохилӣ ва инвеститсияҳо ба муосирсозии кишоварзӣ, саноатикунонӣ ва рушди инфраструктура монеа эҷод мекунад; нокифоягии сифатнокии идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, имконияти коркард ва амалисозии сиёсат дар соҳаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро маҳдуд мекунад; иқлими начандон мусоиди бизнес, ки дар танзими барзиёд ва бесамар, коррупсия, сарбории баланди андозбандӣ

---

[1] Оид ба тасдиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=127827 (санаи муроҷиат: 02.10.2018).

ва маъмурикунии малоловари андозӣ, дараҷаи баланди инҳисоркунӣ, ҳимояи сусти ҳуқуқи моликият ва соҳибкорон ифода меёбад.

Ҳарчанд, ки Тоҷикистон дар рӯйхати даҳгонаи давлатҳо оид ба бештарин пешравӣ дар ислоҳот оид ба дастгирии бизнес ҷой дорад, аз рӯйи рейтинги «Пешбурди бизнес 2016» ҷойи 132-умро ишғол мекунад, аз рӯйи «Пешбурди бизнес 2017» бошад, дар ҷойи 128-ум қарор дорад, аз рӯйи «Пешбурди бизнес 2018» дар ҷои 126 қарор дорад, ба рушди сусти ниҳодҳои дастгирии соҳибкорӣ далолат мекунад.

Дар натиҷа, захираи инвеститсионӣ ва содироти маҳсулот бо арзиши изофаи иловагардида пурра истифода намешавад. Имрӯз таъмини шароити мусоиди пешбурди бизнес, фароҳам овардани шароит барои ҳимоя ва кафолати ҳуқуқ ба моликият ва ҷалби инвеститсияҳо, идоракунии самараноки дороиҳои худӣ шартҳои зарурӣ барои инкишофи соҳаҳои авлавиятдоштаи иқтисодиёт мебошанд. Ҳамин тариқ, нуктаҳои зикршуда ва ҳолатҳои дигар ба интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд.

**Робитаи мавзӯи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур «Танзими ҳуқуқии муносибаҳо дар бахши соҳибкорӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ.** Солҳои охир ба таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии бисёр олимон қарор мегирад, ки дар байни онҳо метавон инҳоро қайд кард: А.Вольнов, А.А.Павлов, А.Степанов, Б.Архипов, В.В.Витрянский, В.С.Ем, В.И.Синайсий, Г.Н.Давыдов, Г.Шапкина, Г.Ф.Шершеневич, Д.И.Мейер, Е.Бакулин, Е.Дубовицкая, Е.А.Суханова И.Л.Корнеев, К.Н.Анненков, К.Д.Кавелин,

К.П.Победоностсева, Л.Фролов, М.И.Брагинский, Н.И.Коваленко, Н.И.Краснов, Н.Козлов, О.С.Иоффе, О.Ю.Шилохвост, С.Н.Братусь, С.Э.Жилинский, С.М.Попов, С.А.Хохлов, Т.И.Илларионов, Т.Д.Аиктулов, Ю.П.Свит, Ю.Тарасенко, Ю.А.Хорьков ва дигарон.

Асос ва тартиби қатъи фаъолияти соҳибкорӣ мавриди танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногуни солҳои 2003-2018 гардид, ки ба хусусигардонӣ, муфлисшавӣ, азнавсозии корхонаҳои давлатӣ, қонунгузории зиддиинҳисорӣ мансуб мебошад. Вале танзими ҳуқуқии қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз дар адабиёти илмии ҶТ мавриди таҳқиқоти амиқ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, ҳолатҳои зикргардида интихоби мавзӯи таҳқиқотро муайян намуд. Хулосаҳои муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ, маводи илмӣ ва матбуоти даврӣ ба даст оварда шудаанд.

**Объекти таҳқиқоти мазкурро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба масъалаҳои мафҳумҳо ва вижагиҳои уҳдадориҳои ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ бавуҷудоянда, пайдо мешаванд.

**Мавриди таҳқиқоти мазкурро** таҳқиқи маҷмӯи ниҳодҳо ва муносибатҳо оид ба қатъи фаъолияти субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, баррасии масъалаҳои асосии назариявии давомати ворисӣ, ошкорсозии нуқсонҳо дар қонунгузорӣ ва коркарди тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи татбиқи он ташкил медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили проблемаҳои илмӣ ва таҷрибавии танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ, инчунин коркарди тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҶТ вобаста ба масъалаи мазкур ташкил медиҳад.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф иҷрои вазифаҳои зеринро матраҳ кардааст:

– асосноккунии моҳияти ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати ҳуқуқи кредиторон;

– асосноккунии мафҳум ва вижагиҳои уҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд;

– таҳлили масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории граждании ҶТ;

– муайян намудани табиати ҳуқуқии кафолати ҳуқуқи кредиторон ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ;

– таҳлили намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд ва таҳқиқи масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ;

– муайянсозии вижагиҳои уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии тиҷоратии азнавташкилшаванда ва уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии тиҷоратии барҳамдодашаванда дар назди кредиторон;

– таҳлил ва асоснокунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ;

– коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаи таҳқиқшаванда.

**Методологияи таҳқиқоти мазкур.** Асоси методологии таҳқиқотро методҳои умумии маърифати илмӣ (диалектикӣ, шаклӣ–мантиқӣ, таҳлил, таркиб (синтез), хулосабарорӣ) ва методҳои махсуси таҳқиқот, ба монанди системавӣ, муқоисавӣ–таърихӣ ва муқоисавӣ–ҳуқуқӣ, инчунин методи таҳлили компонентӣ ва методи мушоҳидаи бевосита ва тасвирӣ, ки истифодаи он ба муайянсозии вижагиҳои монанд ва фарққунандаи нуктаҳои ҳолатҳои таҳқиқшаванда ёрӣ расонид, ташкил намуданд.

Истифодаи методи диалектикии шинохти воқеият имкон дод, ки проблемаи танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ дар рушд ва ҳамкории мутақобила омӯхта шавад. Бо ёрии таҳлил ва таркиб аломатҳои муҳим ва хосиятҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ошкор карда шуданд. Методи муқоисавӣ–ҳуқуқӣ бошад, имкон дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва Федератсияи Русия (минбаъд – ФР) дар самти қатъи фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ошкорсозии вижагиҳои умумӣ ва хосиятҳои махсуси он муқоиса карда шаванд.

**Асоси назариявии таҳқиқоти мазкур.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили қонунгузории ватанӣ ва Россия ташкил дод, ҳамзамон асарҳои илмӣ–назариявии олимони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, ба монанди: А.Вольнов, А.А.Павлов, А.Степанов, Б.Архипов, В.В.Витрянскийо, В.С.Ем, В.И.Синайский, Г.Н.Давыдов, Г.Шапкина, Г.Ф.Шершеневич, Д.И.Мейер, Е.Бакулин, Е.Дубовицкая, Е.А.Суханов, И.Л.Корнеев, К.Н.Анненков, К.Д.Кавелин, К.П.Победоностсев, Л.Фролов, М.И.Брагинский, Н.И.Коваленко, Н.И.Краснов, Н.Козлов, О.С.Иоффе, О.Ю.Шилохвост, С.Н.Братусь, С.Э.Жилинский, С.М.Попов, С.А.Хохлов, Т.И.Илларионов, Т.Д.Аиктулов, Ю.П.Свит, Ю.Тарасенко, Ю.А.Хорьков ва дигарон.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ муфассал аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Д. Ғафуров, Ш.К. Ғаюров, Ш.М. Исмоилов, Ш.М. Менглиев, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, Т.И. Султонова ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳқиқоти мазкурро** қонунгузории гражданиии ҶТ дар самти қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур** дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали монографии илмӣ оид ба танзими ҳуқуқи гражданӣ қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Нахустин бор дар илми ҳуқуқшиносии

ватанӣ дар диссертатсия маҷмӯи масоили бо моҳияти ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати ҳуқуқи кредиторон алоқаманд, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд, масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи қонунгузории граждании ҶТ, намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳое, ки ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд ва проблемаҳои қатъи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани уҳдадориҳои бавуҷудоянда ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, вобаста ба такмили қонунгузории граждании ҶТ дар соҳаи таҳқиқшаванда пешниҳодҳои муфид ироа гардидааст. Таҳлили илмии масъалаҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба бартараф намудани проблемаҳои ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ монеа эҷодкунанда равона гардидааст.

**Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Дар зери мафҳуми барҳамдиҳӣ чунин равиши қатъи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа дар оянда ҳар гуна шакли фаъолият ва гузариши молумулк ба ворисон номумкин аст.

2. Дар зери мафҳуми азнавташкилдиҳӣ қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бо гузариши маҷмӯи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо ба ворис бо тартиби варосати умумӣ фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми ворис шахси ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки ба ӯ ҳамаи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда мегузаранд.

3. Фарқияти муҳим байни барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳӣ дар он аст, ки дар ҳолати аввал қатъи фаъолияти пурраи субъект, дар ҳолати дувум бошад, қатъи фаъолияти он дар шакли ташкилӣ–ҳуқуқии муайян амалӣ мегардад. Дар ҳар ду ҳолат фаъолияти субъект қатъ гардида, он дигар вуҷуд надорад. Вобаста ба барҳамдиҳии субъект фаъолияти ӯ қатъ мегардад, дар мавриди азнавташкилдиҳӣ бошад, фаъолияти ӯ тамдид карда мешавад, вале на дар шакли қаблӣ, балки

дар шакли нави ташкилӣ–ҳуқуқии субъект. Яъне бояд қайд кард, ки фарқияти асосии ин воситаҳои қатъи фаъолияти субъектон (барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳӣ) дар оқибати ҳуқуқии воқеияти қатъи мавҷудияти он, мавҷуд будан ё набудани воросат ифода меёбад.

4. Хулоса, қатъи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ метавонад бо тартиби ихтиёрӣ ва маҷбурӣ тибқи қарори соҳибмулк ё шахсони ваколатдори онҳо, асосгузорони субъект ё ворисони онҳо, инчунин, дар ҳолатҳои дар қонунгузорӣ муқарраргардида – бо қарори суд амалӣ гардад. Нисбат ба субъектони хоҷагидории шакли ташкилӣ–ҳуқуқии гуногун «шахсони ваколатдор» оид ба қабули қарор оид ба қатъи фаъолияташон, масалан, барои корхонаҳои давлатӣ – мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошанд. Барои субъектони шакли коллективии моликият ин маҷлиси умумӣ дар ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳо, корхонаҳои коллективӣ мебошад. Барои субъектони моликияти хусусӣ – шахси воқеӣ ҳамчун соҳибмулки амвол.

5. Бояд ба зарурати танзими қонунии масъалаҳои асосҳои қатъшавӣ таваҷҷуҳ гардад. Хотимаёбии мӯҳлате, ки дар он шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст, инчунин ноилшавӣ ба мақсад бояд ҳамчун асосҳои мустақили қатъшавӣ баррасӣ гарданд, ки қабули қарори иловагиро аз ҷониби иштирокчиён ё маъмурияти шахси ҳуқуқӣ талаб накунад. Барои муқаррар намудани ҳолатҳои номбурда бояд ба м. 62 КГ ҶТ тағйирот ворид карда шавад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳолати ошкор шудани амвол баъд аз барҳамдиҳии қарздор, расмиёти нави аз нав оғоз намудани истеҳсолоти парванда, дар асоси азнавбарқароркунӣ ва бартараф кардани талаботи минбаъда ба қонунгузории амалкунанда ворид карда шавад.

7. Зарур аст дар ҷараёни танзими ҳуқуқии азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳимояи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба

манфиати иштирокчиёни гардиши хоҷагидории бовиҷдон (кредиторон) тақвия дода шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мегардад, ки пешниҳодҳои илмии аз ҷониби муаллиф тасвиятгардида, метавонанд дар пажӯҳишҳои илмии ояндаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ истифода шаванд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои асосии он метавонанд дар раванди таълим ҳангоми тадриси фанҳо ва курсҳои махсус, ба монанди «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи тиҷорат», «Танзими ҳуқуқии муфлисшавӣ» истифода шавад.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои дар пеш гузошташуда вобаста ба тадқиқи мавзӯи интихобшуда дар доираи фасли бисту сеюм бомуваффақият иҷро шуда, натиҷаҳои ба дастоварди қаноатбахш мебошанд.

# ХУЛОСА

Дар кафедра корҳои илмию таҳқиқотӣ ҳамчун корҳои вобаста бо ҷустуҷӯи илмӣ, анҷом додани таҳқиқот, озмоишҳо бо мақсади афзун намудани дониши мавҷуда ва андӯхтани  дониши нав, санҷиши фарзияҳои илмӣ, муқаррар намудани қонунияти рушди табиат ва ҷомеа, ҷамъбасти илмӣ, асосноккунии илмии лоиҳаҳо пеш бурда шуд ва дар давоми давраи ҳисобот (солҳои 2016-2020) 562 мавод чоп карда шуд, ки дар фарқият аз ҳисоботи панҷсолаи 2011-2015 (420) 142 мавод зиёд мебошад.

Дар ин мӯҳлат дар кафедра 1 конфронси байналмилалӣ, 6 конфронси ҷумҳуриявӣ ва 4 семинари илмию назариявӣ бо иштироки 6 олими хориҷӣ, 200 нафар олимони ватанӣ, 35 нафар намояндаи мақомоти давлатӣ баргузор гардид, аз ҷумла олимони хориҷӣ аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Авғонистон дар ин ҳамоишҳои илмӣ ширкат варзида баромад намуданд.

Дар ин давра дар кафедра  асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти илмӣ муайян гардида, барои дастгирии давлатии илм ва афзун намудани сатҳи зеҳнию фарҳангии кормандони кафедра шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Мақсади асосии пешбурди корҳои илмию тадқиқотии кафедра  иборат шуд аз рушд, ҷойгиронии босамар ва истифодаи оқилонаи иқтидори илмию техникии кафедра; афзун намудани саҳми илму техника дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқ; таҳкими муносибатҳои мутақобилаи илму маориф; рушди инфрасохтори инноватсионӣ; афзун намудани самараи истеҳсолоти ҷамъиятӣ; беҳтар намудани вазъияти экологӣ; таҳкими  иқтидори мудофиавии давлат ва таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат.

Кормандони кафедра дар давраи ҳисоботи ҳуқуқ доштанд:

- ҷустуҷӯи илмӣ анҷом дода, усули таҳқиқотро дар доираи самтҳои таҳқиқоти ташкилоти илмӣ, ки дар он кор мекунад, мутобиқи тахассуси худ интихоб намояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмунҳои кушод оид ба корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он иштирок кунад;

- бо таклифи тарафи манфиатдор дар таҳияи самту афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба илму техника, анҷом додани ташхиси барномаву лоиҳаҳо, арзёбӣ ва пешгӯии натиҷаҳои иҷтимоиву иқтисодии амалисозии онҳо, таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок кунад;

- дар мувофиқа бо корфармо дар асоси озмун аз ҳисоби маблағи фондҳои илмӣ ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағ гирад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва татбиқи барномаю лоиҳаҳои байналмилалӣ ва байнидавлатии илмӣ иштирок кунад;

- дар тайёр кардани кормандони илмии тахассуси олӣ ба сифати роҳбари илмии (мушовири) унвонҷӯи унвони илмӣ ширкат варзад;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар озмун барои ишғол намудани вазифаи холии кормандони илмӣ иштирок намояд;

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз ҷойи кори асосӣ дар коллективҳои муваққатии илмӣ ва (ё) ҷои кори иловагӣ кор кунад;

- барои фаъолияти илмӣ ҳама намуди захира, аз ҷумла захираи моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, иттилоотӣ ва табииро бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намуда, истифода барад;

- ба натиҷаҳои фаъолияти илмии худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои шахсии молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ дошта бошад;

- дар мувофиқа бо корфармо дар конфронсу симпозиумҳо ва семинару маҷлисҳо, аз ҷумла чорабиниҳои байналмилалии илмӣ, ширкат варзад;

- тахассуси илмиашро такмил диҳад;

- аз ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти илмӣ истифода намояд.

Дар баробари хуқуқҳо кормандони кафедра уҳдадор буданд, ки:

- ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои дигари фаъолияти илмиро риоя намояд;

- фаъолияти илмиро бо риоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон бе расонидани зарар ба ҳаёту саломатии одамони дигар, инчунин муҳити зист амалӣ гардонад;

- ташхиси барномаю лоиҳаҳо ва рисолаҳои илмӣ, натиҷаҳои дигари фаъолияти илмиро воқеъбинона анҷом диҳад;

- талаботи Кодекси намунавии одоби илмиро риоя намояд;

- вазифаҳои дигарро дар соҳаи фаъолияти илмӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намояд.

Дар давраи ҳисоботӣ натиҷаи илмӣ – маҳсули фаъолияти илмии дорои донишу дастовардҳои нав, ки дар ҳама гуна ҳомили иттилоотӣ сабт шудааст, боиси баланд гардидани сатҳи дониши донишҷӯён ва соҳибунвон гардидани кормандони кафедра шуд. Ба натиҷаҳои фаъолияти илмии кормандони кафедра мансубанд: донишҳои наве, ки ба таври назариявӣ ё озмоишӣ ба даст оварда шудаанд ва (ё) дар ҳар шакл изҳор шудаанд ва ё дар ҳар гуна ҳомилҳои моддии иттилоотӣ сабт шудаанд, ки имконияти кушодан ва (ё) истифодаи амалии онро фароҳам меоранд; намунаву ҷараёнҳои озмоишӣ (лабораторӣ), ки дар асоси донишҳои нав таъсис дода шудаанд, инчунин ҳуҷҷатгузорӣ ба

объекту ҷараёнҳои мазкур. Арзёбии натиҷаи фаъолияти илмӣ бо мақсади муқоисаи беғаразонаи ҳаҷми захираҳои сарфшудаи молиявӣ, моддӣ, зеҳнӣ ва захираҳои дигар, муайян намудани натиҷабахшии илмӣ ва амалии (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, мудофиавӣ) таҳқиқоти иҷрошудаи бунёдӣ ва амалии илмӣ амалӣ гардид. Арзёбии натиҷаи самтҳои илмӣ ҳангоми муайян намудани ояндадор будани онҳо, қабул намудани қарор оид ба давом додан ё қатъ намудани маблағгузорӣ, тафриқаи андозаи фонди музди меҳнат, инчунин аттестатсияи кормандони илмии тахассуси олӣ истифода шуд. Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ аз рӯи меъёрҳои навгонӣ, аҳамияти онҳо барои илм ва амалия, беғаразӣ ва исботшавандагӣ арзёбӣ гардид.

Дар давраи ҳисоботи ҳар як фасл аз ҷониби муаллифон бо пурагӣ мавриди омузиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуд, ки натиҷаи дилхоҳро барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, тадбиқи дастовардҳои бавуҷудомада дар ҷараёни таълим ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии донишҷӯёни донишгоҳ ба бор овард.

## АДАБИЁТ:

1. Аминова Ф.И. Оценка обеспеченности и инструменты расширения рынка банковских услуг Республики Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук: 08.00.10. — СПб., 2014. — 201 с.

2. Андреев И.А. Заключение договора оказания финансовых услуг субъекту естественной монополии посредством открытого конкурса в гражданском праве Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2009. – 184 с.

3. Арутюнян А.А. Правовое регулирование банковского кредитования субъектов предпринимательской деятельности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2012. — 200 с.

4. Ахунов Б.Ю. Защита прав субъектов предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010.– 174 с.

5. Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частноправовой анализ): дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 403 с.

6. Бабаев В.У. Особенности банковской политики в условиях перехода к рыночным отношениям (На материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.01. — Душанбе, 2002. — 126 с.

7. Барков А.В. Рынок социальных услуг: проблемы правового регулирования: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2009. – 625 с.

8. Белых В.С. Гражданско-правовое обеспечение качества продукции, работ и услуг: Дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.03 Екатеринбург, 1994 307 с.

9. Брагинский , М.И. Договорное право . Книга первая . Общие положения / М.И. Брагинский , В.В. Витрянский . – М.: Статут , 2005. – 599 с.

10. Брагинский , М.И. Договорное право . Книга первая . Общие положения / М.И. Брагинский , В.В. Витрянский . – М.: Статут , 2005. – 635 с.

11. Брагинский , М.И. Договорное право . Книга первая . Общие положения / М.И. Брагинский , В.В. Витрянский . – М.: Статут , 2005. – 602 с.

12. Буянова М.О. Социальное обслуживание граждан России в условиях рыночной экономики (Теоретико-правовой аспект): дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2003. – 325 с.

13. Викулин А.Ю. Антимонопольное регулирование рынка банковских услуг нормами банковского и антимонопольного законодательства: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.14. — М., 2001. — 312 с.;

14. Волкова-Рарог Ю.А. Малое предпринимательство (Правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – 224 с.

15. Ганиев Р.Г. Организационно-экономические аспекты оказания банковских услуг населению в условиях рыночной экономики (На материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2016. —165 с.

16. Гафуров А.Д. Правовое регулирование банковской деятельности в Республике Таджикистан: под ред. А.Н. Козырина. — М.: ЦППИ, 2010. — 209 с.;

17. Гафуров А.Д. Развитие некоторых институтов финансового права развивающихся стран (На примере Афганистана, Ирана, Кыргызстана и Таджикистана): монография. — Бишкек, 2014. — 210 с.;

18. Гафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивающихся стран (На примере Исламской Республики Афганистан, Исламской Республики Иран, Кыргызской и Республики Таджикистан). — Душанбе: Издательство «Сино», 2017. — 352 с.;

19. Гафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивающихся стран (На примере Исламской Республики Афганистан, Исламской Республики Иран и Республики Таджикистан): дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01; 12.00.14. — Бишкек, 2015. — 381 с.;

20. Гаюров Ш.К Закон Республики Таджикистан "О защите прав потребителей" и вопросы его совершенствования// Законодательство. 2016. № 2 (22). С. 36-39;

21. Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан: монография 2010. 360 с.

22. Гаюров Ш.К. Соотношение юридической помощи и юридической услуги в гражданском праве // Правовая жизнь. – 2015. – № 2 (10). – С. 120-128;

23. Григорьева О.А. Правовое регулирование естественных монополий: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2003. – 235 с.

24. Гридин А.В. Гражданско-правовые способы обеспечения качества товаров, работ и услуг: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 Краснодар, 2006. 212 с.

25. Гришаев , С.П. Гражданское право : учебник / С.П. Гришаев ; под ред . С.П. Гришаева . – М.: Юристъ , 1998. – 158 с.

26. Джумъаев Б.М. Развитие торговли услугами в условиях вступления Республики Таджикистан во Всемирную торговую организацию: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2010. — 164 с.

27. Диноршоев А.М. Гарантии обеспечения и реализации права на предпринимательскую деятельность в Республике Таджикистан// Законодательство. 2015. № 1 (17). С. 10-14.

28. Диноршоев А.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан / А.М.

29. Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 189 с.

30. Диноршоев, С.М. Салохиддинова. – Душанбе, 2015. 189 с.; Диноршоев А.М. О понятии механизма защиты прав человека// Вестник Московского городского педагогического университета. Серия: Юридические науки. 2015. № 2 (18). С. 18-22;

31. Домовец И.В. Гражданско-правовое регулирование активных банковских операций с участием корпоративных клиентов: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2007. — 199 с.;

32. Елизаров М.В. Особенности банкротства некоторых отдельных категорий юридических лиц: дис. ... канд. юрид. наук. – Владивосток, 2002. – 253 с.

33. Ерина Е.Н. Административно–правовое регулирование естественных монополий в сфере топливно–энергетического комплекса: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 191 с.

34. Ермошкина , М.Ф. Задаток : понятие , правовая квалификация , отдельные виды и сферы применения : дис . ... канд . юрид . наук : 12.00.03 / М.Ф. Ермошкина . – М., 2006. – 133с.

35. Жульев А.С. Расчеты с использованием банковских карт как самостоятельная форма безналичных расчётов: Гражданско-правовой аспект: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — Волгоград, 2005. — 192 с.;

36. Забон ва сифати қонун (маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 22 июни соли 2010) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М. З.-Душанбе: «Шуҷоиён», 2010.- 356с.;

37. Загиров Р.З. Договор банковского счета: проблемы правовой квалификации и регулирования: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2002. — 231 с.; Ищенко С.В. Правовое регулирование безналичных

расчетов, опосредованных банковскими картами: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.14. — Саратов, 2011. — 171 с.;

38. Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 538 с.

39. Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 541 с.

40. Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 543 с.

41. Залесский , В.В. Основные институты гражданского права зарубежных стран / В. В. Залесский ; отв . ред . В. В. Залесский . – М.: Норма , 2009. – 538 с.

42. Золотухин А.В. Гражданско-правовые средства страхования предпренимательских рисков. — Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. — 224 с.;

43. Золотухин А.В. Правовая природа страхования банковских вкладов физических лиц // Сб. науч. ст. проф.-преп. сост. каф. гражд. права (К 15-летию образования РТСУ) / отв. ред. Ш.М. Менглиев, Х.Т. Насиров. — Душанбе, 2011. — С. 94-100;

44. Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.03. — Душанбе, 2016. — 316 с.;

45. Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2016. – 316 с.; Золотухин А.В.,

46. Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики

Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2016. – 316 с.; Золотухин А.В. Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

47. Золотухин А.В. Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР–граф, 2018. – 596 с.

48. Золотухин А.В. Теория деятельности правовых средств: взгляд на проблему // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. — Душанбе: «Сино», 2015. Ч.I. №3/11(188). — С.96-98;

49. Ильина Т.И. Обязательства по оказанию правовых услуг в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – 172 с.;

50. Исмаилов Ш.М. Вопросы совершенствования правового статуса субъектов предпринимательской деятельности// Евразийский юридический журнал. 2015. № 8 (87). С. 126-130; Исмаилов Ш.М. Законодательство республики таджикистан о малом и среднем предпринимательстве// Правовая жизнь. 2013. № 2 (2). С. 90-105; Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / д.и.ҳ.. проф. Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Деваштич», 2007.

51. Исмаилов Ш.М. Законодательство о малом и среднем предпринимательстве в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. – 2013. – № 2 (02). - С. 90-105.

52. Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование предпринимательской и налоговой деятельности в Республике Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: Конуният, 1998. – 187 с.;

53. Исроилова Н.Д. Некоторые вопросы гражданско-правовой ответственности по договору на оказание юридических услуг // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 1-2 (62). – С. 156-Исроилова Н.Д. Соотношение понятий юридическая услуга и правовое обслуживание // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 3 (64). – С. 261–266.

54. Кадиров Ш.А. Роль банковской системы в повышении экономической безопасности Таджикистана: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2009. — 147 с.

55. Каменева П.В. Правовое регулирование ограничения монополистической деятельности на рынке товаров, работ и услуг : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Каменева Полина Валерьевна; [Место защиты: Кубан. гос. аграр. ун-т].- Ростов-на-Дону, 2008.- 184 с.

56. Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 188 с.

57. Каширин С.В. Правовое регулирование деятельности кредитных организаций на рынке банковских услуг: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2011. — 215 с.;

58. Каюмов Н.Н. Развитие розничного банковского бизнеса в Республике Таджикистан: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.10. — М., 2011. — 158 с.

59. Кванина В.В. Гражданско-правовое регулирование в сфере высшего профессионального образования в Российской Федерации: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2006. – 376 с.

60. Колбасин, Р .А. Гражданское право : учеб . пособие / Р .А. Колбасин . – Мн .: Акад . МВД Респ . Беларусь , 2004. – Общая часть . – 435 с.

61. Коноплев С.А. Правовой режим субъектов малого предпринимательства: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – 191 с.

62. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005. – Душанбе, 2018. – Саҳ. 3.

63. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, № 1005. Душанбе, 2018. 40 саҳ.

64. Курбонализода М. Система банковского регулирования и надзора в Республике Таджикистан: современное состояние и перспективы развития // Вестник Таджикского национального Университета. Серия гуманитарных наук. — Душанбе: «Сино», 2017. №2/4. Ч.I. —С.157.

65. Курепина М.В. Система гражданско-правовых средств обеспечения субъективных прав потребителя на качество и безопасность товаров, работ и услуг : дис. ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Курепина Мария Владимировна; [Место защиты: Моск. акад. экономики и права].- Москва, 2012.- 180 с

66. Лаутс Е.Б. Правовое обеспечение стабильности рынка банковских услуг: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2007. — 243 с.;

67. Маҳкам Маҳмудзода. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 саҳ.

68. Маҳкам Маҳмудзода. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 саҳ.;

69. Марасанов Н.Н. Правовое регулирование деятельности субъектов естественных монополий: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – 169 с.

70. Масалан, ширкати Legal Consulting Group, Контракт, Махмудов ва шарикон, Лигал Консалтинг Групп, Азиан Бизнес Груп – Лигал Эдвайзер, Дастгирии ҳуқуқӣ, ISD Consulting, Хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, Ҳуқуқ ва меҳрубонӣ, Ҷамъият ва ҳуқуқ, Назришо ва Мирзоев, Идораи адвокатии S.A.P., Аудит-консалтинг, Ассотсиатсияи Зиёиёни илмӣ-техникӣ // http://tj.bizorg.su/pravovye–i–yuridicheskie–uslugi–r. (сани муроҷиат: 12.12.2018).

71. Маслова А.В. Правовые аспекты деятельности по обеспечению качества и безопасности продукции : Дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 Москва, 2005. 215 с.

72. Махмадшоев Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 194 с.

73. Маҳмудов М. А. / Қонун василаи танзимкунандаи ҳаёти ҷомеа – Душанбе: «ЭР- граф», 2012.- 112с.; Тафсири Кодекси граждании ҶТ, қисми 1. / д.и.ҳ., проф.

74. Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Эр-граф», 2009. – 620 саҳ.; Ҳуқуқи гражданӣ, қисми-1. / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – 432 саҳ.; Ҳукуқи гражданӣ, қисми-2. / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – 508 саҳ.;

75. Маҳмудов Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т. ва диг. – Душанбе: «Эр-граф», 2010. – 1000 саҳ.; Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф.

76. Меликов У.А. К вопросу о понимании категории "объект гражданских прав" в юридической науке и в законодательстве разных стран, включая Республику Таджикистан// Труды Оренбургского института (филиала) Московской государственной юридической академии. 2019. № 41. С. 65-70; Меликов У.А. Интернет- услуги как объект гражданских прав// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2016. № 2/5 (207). С. 206-210.

77. Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 696 с.

78. Мирзоев П.З. К вопросу о государственном регулировании банковской деятельности в Республике Таджикистан // Правовая жизнь, 2016. № 4 (16). — С. 154-162;

79. Мирзоев П.З. К вопросу о гражданско-правовых способах обеспечения качества товаров, работ и услуг // Вестник Таджикского Национального Университета. Серия гуманитарных наук. — Душанбе:

«Сино», 2015. Ч.II. №3/11(188). — С. 72-75; Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. — Душанбе: Деваштич, 2005. — 408 с.;

80. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ (Маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ). — Душанбе: «ЭР граф», 2014. — 312 с.;

81. Мозолин В.П. Малеин М.Н. Научно-практический комментарий к Гражданскому кодексу РФ. М.: НОРМА, 2004. 567 с.

82. Музюкин Д.В. Правовое обеспечение рынка юридических услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – Новосибирск, 2007. – 190 с.; 173.Орлов А.В. Гражданско-правовое регулирование отношений в сфере оказания юридических услуг: сравнительно-правовое исследование: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 174 с.;Третьякова В.П. Обязательства возмездного оказания юридических услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – Томск, 2009. – 218 с. и д.р.

83. Муллобоев И.С. Рыночная трансформация энергетического сектора национальной экономики Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Худжанд, 2012. – 174 с.

84. Муртазакулов Д.С. Принцип добросовестности в гражданском праве: предпосылки и основания появления// Власть Закона. 2017. № 3 (31). С. 157-182;

85. Муртазакулов Д.С., Мирзоев П.И. К вопросу о правовом регулирования инвестиционной деятельности// Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. 2014. № 3. С. 95-100;

86. Муртазоқулов Ҷ.С., Мирзоев И.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми умумӣ. Дастур дар нақшаҳо. – Душанбе, 2010.

87. Набиджанова З.К. Правовое регулирование предпринимательской деятельности на рынке медицинских услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 204 с.

88. Нельговский И.Е. Административно–правовое регулирование режима естественных монополий в Российской Федерации: дис. ... д–ра юрид. наук. – Москва, 2004. – 418 с.

89. Немченко Э.В. Проблемы правового регулирования отношений, связанных с размещением заказов на поставки товаров, выполнение работ, оказание услуг для государственных или муниципальных нужд путем проведения открытого аукциона в электронной форме : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Немченко Эльвира Викторовна; [Место защиты: Сев.-Осет. гос. ун-т им. К.Л. Хетагурова].- Владикавказ, 2012.- 184 с.

90. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми дуюм: китоби дарсӣ / муҳаррирони м асъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе: ЭР граф, 2014. 435 саҳ.

91. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум: китоби дарсӣ / муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе: ЭР граф, 2013. 320 саҳ.

92. Ойгензихт В.А. Ибранные труды. – Душанбе: «Типография ТНУ», 2019. – 740 с.

93. Ойгензихта «Коммерческое законодательство Республики Таджикистан: становление и развитие». — Душанбе, 2004. — С. 98-104;

94. Оид ба тасдиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=127827 (санаи муроҷиат: 02.10.2018).

95. ООО «Назришо, и Мирзоев» первая юридическая фирма Таджикистана // http://nmlaw.tj/ru/ (санаи муроҷиат: 12.12.2018).

96. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 //

http://www.president.tj/node/19088#bgafurov (санаи мурочиат: 10.01.2019).

97. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 сол// http://prezident.tj/node/19088#k_mastchoh.

98. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017 // URL: http://www.president.tj/ru/node/16772. (санаи мурочиат: 20.02.2018).

99. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 сол// http://prezident.tj/node/16771#tursunzoda.

100. Панова А.С. Правовое регулирование отношений по подтверждению соответствия продукции : Дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 : Казань, 2005. 206 с.

101. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН «Дониш». 2019. 557 саҳ.;

102. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳикбории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе: Дониш. – 2019. – 557 с.

103. Раҳимов М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои забони қонун // Давлат ва ҳуқуқ, 2008, №1. — С.64-68; Раҳимов М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо // Қонунгузорӣ. — Душанбе, 2011. №3. — С.4-13;

104. Рахимзода Б.К. Развитие рынка платных услуг в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2016. – 162 с.; Табаров О.С. Проблемы обеспечения экономической безопасности рынка образовательных услуг: на материалах Республики Таджикистан: дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2011. – 146 с.

105. Рахимов А.М. Конкурентоспособность национальной экономики и основные направления ее повышения (на примере Республики Таджикистан): дис. ... д–ра. экон. наук. – Худжанд, 2005. – 399 с.

106. Рахимов А.М. Монополизм в экономике и пути его преодоления (на примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. юрид. наук. – Худжанд, 2000. – 145 с.;

107. Рахимов З.А. Развитие банковской системы Таджикистана в условиях переходной экономики: дис. … д-ра эконом. наук: 08.00.10. — М., 2003. — 326 с.; Ятимов Х.М. Развитие банковского обслуживания национальной экономики (На примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05. — Душанбе, 2003. — 190 с.

108. Рахимов М.З. Конечний результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с;

109. Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимов М.З., Каримов А.Қ. Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол». Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – 184 саҳ..;

110. Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.;

111. Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности; теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. –294 с.;

112. Рахимов М.З. Избраные труды по гражданскому и предпренимательскому праву. — Душанбе: «Бухоро», 2014. — 638 с.;

113. Рахимов М.З. Исполнение хозяйственных обязательств: Встречное исполнение: учебное пособие. – Душанбе: Тадж. гос. ун-т, 1990. – 126 с.

114. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности; теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с.;

115. Рахимов М.З. Предпринимательский риск // Материалы Международной научно-теоретической конференции, посвященной памяти В.А.

116. Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.;

117. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: МН Дониш. – 2019. – 557 с.

118. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 390 с.;

119. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 саҳ.;

120. Раҳимов М.З. Таъмини сифат – талаби замон. – Душанбе: «Ирфон», 1988. – 80 с.

121. Ручкин Р.О. Правовое регулирование банковской деятельности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. — М., 2016. — 196 с.;

122. Садои Мардум // Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – № 134 (4084). – С. 1.

123. Сангинов Д. Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). Воситаи таълимӣ. Душанбе. 2013.- 256с.;

124. Сангинов Д.Ш. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. —Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. — 600 с.;

125. Сангинов Д.Ш. муаллифи боби 9]; Тафсири Қонуни Ҷумҳури и Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: ЭР граф, 2013. 200 саҳ.;

126. Сангинов Д.Ш. муаллифи бобҳои 12, 13, 15]; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе: «Эр-граф» 2012, - 500с.; Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» / зери таҳрири н.и.ҳ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: «Эр-граф», 2012. -152с.

127. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ. – Душанбе: ЭР–граф, 2014. – 500 с.;

128. Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. - Душанбе: «Меҳрона -2017», 2019. 424 с.;

129. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Второе издание с изменениями и дополнениями. — Душанбе: «ЭР-граф», 2013. — 600 с.;

130. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР–граф, 2013. – 600 с.;

131. Сангинов Д.Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). Воситаи таълимӣ. —Душанбе. 2013. — 256 с.;

132. Сангинов Д.Ш., Курбонов Дж.С. К вопросу о роли ВТО в развитии предпринимательства в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. 2013. №1 (01). — С.73-82;

133. Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Андалеб–Р., 2015. – 500 с.

134. Сангинов, Д.Ш. Особенности предпринимательской деятельности в социально культурной сфере // Материалы Международной научно-практической конференции «Образование и наука в 21 в еке: современные тенденции и перспективы развития», посвященной 70 й годовщине со дня образования Таджикского национального университета (г. Душанбе, 12 ноября 2018 г.). Душанбе, 2018. С. 401-405;

135. Сангинов, Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально культурных услуг: монография / Д.Ш. Сангинов. Душанбе: ЭР граф, 2014. 208 с.;

136. Санникова Л.В. Обязательства об оказании услуг в Российском гражданском праве: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2007. – 315 с.

